*Китобе, ки беш аз ду миллион нусха харидорӣ шудааст*

**Серхаридор-тарин китоб дар ҷаҳони араб**

# ҒАМГИН МАШАВ!

*Гулчине аз китоби донишманд ва адиби араб Оизи Қарнӣ*



*гулчине аз китоби*
*Оизи Қаранӯ*

## оғозсухан

Ҳамди беҳад ва ситоиши бепоён ба он Зоти поки бузургу бахшандаву ғамраҳокунандаи меҳрубон, ки моро ба мураттаб сохтани ин китоб ва шуморо ба мутолиъаи он шарафёб сохт. Сипас саломи дуруди бепоён ба хатмкунандаи анбиё Муҳаммади Мустафо (с) ва бар ҷамиъи олу асҳоби эшон.

Бори дигар шукронаи Худой, ки моро мусалмон офарид. Иловатан, дар радифи хурсандиву масруриҳои мо Парвардигори Азза ва Ҷалл баҳри дафъи гуноҳҳои мо меҳрубонии хешро бар сари мо рехтааст, ки ин ҳам бошад ғаму ғусса аст, ки аз барои ҷурму ҷиноятҳои мо оби раҳмати шӯяндаву [г сафобахши дилҳои зангоргирифтаи мо мебошад.

Хонандаи азиз, ба инояти бениҳояти бузургии Ӯ инак, фурсате ба мо даст дод, ки ба таълифу тарҷумаи китоби бо унвони "Ғамгин машав" бипардозем. Ҳадаф аз рӯйи кор овардани ин матолиб он аст, ки рӯзгори мо бидуни ғам, рӯзи мо бидуни шаб ва масаррати мо бидуни ғусса офарида нашудааст. Як рукни бандагии мо бандагони оҷизу нотавон дар ҳузури Худованд ин аст, ки дар илоҷи рафъи ғамҳо ба ҷуз такя ба зоти поки Ӯ ва сабр дигар чорае надорем ва ба таври бояду шояд бо Офаридгори бахшанда аз барои он ки ба сари мо ғаму ғуссаро рехтааст, ситез накунем ва шукронаи бепоёни Ӯро ба ҷой биёварем, ки барои шустани гуноҳҳои мо чунин рӯзи мусибатро ато фармудааст. Ҳазрати Одам (а)-ро дар фироқи фарзанди кушта шудааш-Ҳобил аз ҷониби Қобил ғаму ғуссаи бепоён дод. Иброҳим

**Халилурраҳмонро ба дастони падараш тавассути манҷаниқ ба оташ афканд, Мӯсоро (а) ба балои тӯҳмату дурӯғгӯйӣ гирифтор сохт. Яъқубро (а) дар фироқи писар аз биноии басар маҳрум карда, Юсуфро (а) солиёни зиёддур азёру диёр ватанғариб ва бардаву зиндонӣ сохт. Хуллас, кулли паёмбарои Худованд то ба ҳазрати Муҳаммад (с)-ро бо шадидтарин ғаму мусибатҳо имтиҳон кард. Сарбаланду сабуру бурдбору шокир буданд, паёмбарони Худованд ба балоҳои заминиву осмонии Ӯ.**

**Бародарону хоҳарони азиз, зиндагии мо дурӯза аст ва Парвардигори мо намехоҳад, ки мо бо дидани рохату фарогати ин дунё аз Ӯву охирати барҳақи Ӯ гофилгир шавом ва дар рузи ҳашр гирифтори азобу укубати дӯзах бошом. Лиқозо мусибатро низ офаридааст, ки мо бо ин васила ёде аз Ӯ кунем. Ӯ мехрубронтарини меҳурбонон аст. Агар амиқан дарк кунам, дунё сар то сар имтиҳону мусибат аст. Идомаи ин бахшро иншооллох дар сафқаҳои оянда хоҳед хонд. Аммо хадафи мо аз ин пешгуфтор дигар аст.**

Ин китобе, ки дар даст доред гулчине аз китоби Машхури "Ло тахзан" -и олими бузург Оизи Карани аст. Ин чо кушиш ба харч рафтааст, ки барои хонандагони точик ва умуман порсигуён бо забони шевои модарӣ **ганчинахои гуфтори китоби ин бузургмард дастрас** бошад. Аслан ин китоб бо забони арабӣ ҳаҷми чаҳор сад сафхаро дар бар мегирад. тавре гуфтем, он чи ки ба зехни точиконаи мо наздик аст, танҳо ҳамонро гулчин намудем. Агар ин китоб шуморо андак ва кучактарин лахза дар гаму гуссаатон хамрохи кард

ва шумо аз он баҳрае гирифтед, мо вазифаи хешро дар ҳузури Худованд адо карда ҳисоб мекунем. Агар каме хастагиву ғами шумо бо воситаи ин навиштаҳо дур шуд, мо шукронаи Худой мекунем, ки ба шумо андак бошад ҳам кӯмаке дар пешгоҳи У кардем.

Ба бародароне, ки барои таҳрир, интишор ва дастрас кардани ин китоб кӯмаки хешро дареғ надоштанд, аз даргоҳи Рабби ҷалил таманнои онро дорем, ки аз саодати ин дунё ва охират дастёб бошанд. Инсоният хатокор аст ва ҳатто ҳамеша дар сари ҳар як кори савоби худ як саҳверо содир мекунад. Бо пӯзиш аз даргоҳи Магфираткунанда, итминон дорем, ки ин китоб аз саҳву ғалат орӣ нест. Аз ин рӯ аз хонандагони азиз, ки дар рафти мутолиъаи китоб бо саҳву ғалатҳои имловӣ, тарҷумавӣ ва маънавиву техникӣ рӯ ба рӯ мешаванд, қаблан маъзарти бепоёни худро изҳор медорем.

Тавфиқи Худованд бо ҳамаи мо бод.

МЕХРОБИ НИЁЗ

***Бз моми Худованди Бахшандаи Меҳрубон***

Вакте, ки баҳр ба изтироб меояд ва мавҷҳои ӯ исён мекунанд, тӯфони сахте мевазад, саворагони киштӣ он гаҳ Худоро ёд мекунанд ва мегӯянд: Ё АЛЛОҲ.

Замоне раҳнамоён раҳгум мезананд ва саворагон ҳайрон мемонанд ва корвону корвониён намедонанд, ки кадом тараф равон шаванд, он гаҳ Худоро ёд мекунанд ва мегӯянд: Ё Аллоҳ.

Вақте ки ба сари бандагон мусибат меояд, ғаму андӯҳи эшон дучанд мешавад, замоне, ки балоҳо пайиҳам ба сари бандагон меоянд, мусибатзадагон он гаҳ Худоро ёд мекунанд ва мегӯянд: Ё Аллоҳ.

Замоне барои толибон дарҳои илм баста ва барои соилон пардаҳои асрор пӯшида шавад, он гаҳ Худоро ёд мекунанд ва мегӯянд: **Ё** Аллоҳ.

Вақте дигар чорае намемонад, ақлҳоро тадбиру илоҷе намемонад, василаҳо гусаставу воситаҳо бурида шаванд, ҳама он гаҳ Худоро ёд мекунанд ва мегӯянд: Ё АЛЛОҲ.

Вақте бароят замин тангӣ мекунад, худат барои нафси хештан вазнинӣ мекунӣ он гаҳ Худоро ёд мекунӣ ва мегӯйй: Ё Аллоҳ.

Ба сӯйи Худованд сухани хубу дуои холис, муноҷоти поку ашки сӯзону оҳи сард аз синаи пурдард мебарояд.

Дар мушкилот ба сӯйи ӯ дастҳо бардошта мешаванд ва чашмҳо нигарони мадади Ӯ мегарданд. Ба номи Ӯ забонҳо ба сухан медароянд, аз Ӯ мадад ҷуста дилҳо аз зикри Худованд ором мегиранд.

Аллоҳ-беҳтарин ном, зеботарин ҳарф ва

арзишмандтарин калимаест.

Аллоҳ-ғанӣ аст, боқист, соҳиби қуввату нусрат ва иззату қудрату ҳишат аст.

Аллоҳ-соҳиби лутфу карами бепоён, меҳрубону ёридиҳандаву мададрасону мӯҳсин бар тамоми махлуқот аст.

Аллоҳ зотест, ки ба вуҷудоранда, миронанда, халққунандаи коинот ва тамоми ҳастии олам аст.

Худовандо, ба ҷои сӯзу гудозу дард таскину оромӣ бахш, ба ҷойи ғаму ғусса хурсандиву хушбахтӣ ва дар вакти тарс чолокиву бебокӣ ато фармо.

Эй Аллоҳ, муҳаббати дилро ба якин ва бовариро соф, шакку шубҳаву ширку куфрро бо оби муназзаҳи имон бишӯй.

Парвардигоро, ба чашмҳои бехоби шабзиндадор хоби оромӣ, ба нафсҳои бесаранҷом сукут, ба чашмҳои ҳайрон нури ҳидоят ва ба раҳгумзадагон роҳи ҳақиқат ато фармо. Лағжидагону афтидагону аз роҳи ҳидоят беруншудагонро дастгиру ба сӯйи хеш боз хон.

Ё Аллоҳ, ба сӯйи ту бармегардем, ба номи ту таваккал мекунем, аз ту ниёзу ҳоҷати хеш мепурсем. Зеро ҷуз ту касе надорем, дигар даре нест, ки кӯбем, ту дӯсту валии мо ҳастӣ. Ба ту қаробату наздикӣ ҷустан ва ёрии ту басо дилпазир аст. Бе шак ба ҷуз Аллоҳ, нест худое дигар.

## АНДЕША КУН ВА ШУКР ГӮЙ

Андешаи он неъмате кун, ки Худованд ба ту додааст. Ва мебинӣ, ин неъмат аз болову чор сӯйи ту туро фарогир аст, хеле беҳисобу бешумор аст.

***"Агар неъмати Аллоҳро ба ҳисоб гирӯ,*** *беҳисоб* ***аст". (сураи Иброҳим ояти* 34)**

Сиҳатӣ дар бадан, оромӣ дар ватан, хӯрокаву пӯшокаву нӯшокиҳо, обу ҳавои пок дунёи туст. Ва ту арзиши ин неъматҳрои Худоро наметавонӣ, ки комилан дарк кунӣ. Соҳиби ду чашму забону дасту пой ҳастӣ, оё ин неъмати Худо нест? Оё ин мӯъҷиза нест, ки бо ду поят роҳ мегардӣ. Нафароне ҳастанд, ки роҳ гашта наметавонанд, пойҳои эшон бо сабабе бурида ва ё билкулл фалаҷ (шал) аст. Оё ҳақиқати маҳз нест, ки чашмонатро пӯшида хоб мекунӣ, тану баданат оромиш мегирад. Аммо одамоне ҳастанд, ки дарду алам аз чашми эшон хобро рабудааст. Шикамат аз таъоми болаззат сер аст, бо нӯшобаву лазизтарин нӯшокиҳо ташнагии хеш мешиканӣ, вале нафароне ҳастанд, шикамашон аз хӯрок серу ҷигари ташнаашон аз нӯшидан комёб намешавад.

Андеша кун, ки гӯшҳои шунавоят кар нестанд, андеша кун, ки чашмҳои биноят кӯр нестанд, андеша кун, ки забони гӯёят гунгу лол нест. Пӯсти баданат аз бемориҳои ҳазаркунанда дур аст, ақли расои туро Худованд аз девонагӣ нигоҳ доштааст, оё ин неъмати бузурги Худованд нест? Оё мехоҳӣ, ки чашмҳои биноятро ба амсоли кӯҳи Уҳуди тиллой бифрӯшӣ? Оё розӣ ҳастӣ, ки гӯшҳои шунавоятро ба хонаву қасри боҳашамат иваз намоиву кар гардӣ? Оё мехоҳӣ, ки ду дасту поятро бурида дар ивазаш ҳамвазни ту зару

тилло диҳанду ту бе дасту пой бошӣ? Ҳаргиз не! Албатта ту дар неъмати фаровон будан мехоҳӣ. Лекин лаззати ин офияту саломатиро намедонӣ ва шукри ин неъматҳоро пос намедорӣ. Ҳаёти ғамгине ба сар мебарӣ, дар фикри ҳар чизи набудаву дастнорас ғусса мехӯрй.,Ҳар чизе, ки дастраси ту аст, шукр намегӯйй, ҳамеша беқарор астӣ. Ба андаке зарари молӣ сару калоба гум мекунӣ, намедонӣ, ки саратро ба кадом деворе кӯбӣ. Ҳол он ки Худованд калиди хушбахтиро ба дасти ту додааст. Яъне, тану ҷони солиму хотири ҷамъ дорӣ, ки болотар аз халтаҳои зару кушку қасрҳои боҳашамат аст. Пас бояд андеша намоӣ ва шукр гӯйӣ. Ьоре нек андеша кун, ки зани зебову ҳалим, фарзандони дӯстрӯяк, хонаву дар, ҷойи кори хубу дӯстони бовафо ва ватани тинҷу осуда дорӣ.

Пас ин дунё комилан аз они туст. Азизи ман, ғамгин машав Ҷойи ғусса нест.

### ОН ЧӢ ГУВАШТ. МУРД

Гузаштаро фикр кардан ва аз он чӣ ки аз даст рафтааст ғусса хӯрдан,аҳмақист. Ин одат миронанда накушандаи хоҳишу орзуи оянда аст. Орзуву хоҳише, ки хаёти наву шукуфоро дар бар дорад, маҳз ҳамин гуссахурии рӯзи гузашта ба коми фано мекашад. Инсони оқил аз фикри гузашта ғам намехӯрад, зеро бо гусса хӯрдан гузашта боз намегардад. Ба гузашта салавот. Бо рӯю мӯйканӣ гузашта ислоҳ намешавад, шишаи бишкаста пайванд намегардад. Ҳар чизе, ки рафтааст, бебозгашт рафтааст, бознамегардад. Пас бояд, ки руҳу равону нафсатро аз зиндони ғуссаи гузашта рахо кун. Оё мешавад, ки маҷрои дарёро ба

қафо гардонӣ? Оё имконпазир аст, ки офтобро ба ҷойи баромадааш баргардонӣ ва ё тифлро ба раҳми модар аз сари нав баъди таваллудаш ҷой кунӣ? Ба гузашта гусса хӯрдан мисоли ҳамин гуфта аст, ки ҳамагӣ ғайриимкон мебошад. Ба гузашта печидану онро тадбир ҷустану вақтро зоеъи гузашта кардан, боиси суст ва номукаммал шудани корҳои оянда мегардад. Аз ҳама балои бад дар сари мо инсонҳо ин аст, ки ба ҳозира эътибор намедиҳем ва корҳои гузашта худро андармон кардаву ғам мехӯрем. Қасрҳои зебои ҳаёти ҳозираро нодида, ба кулбаҳои вайронаи гузашта ҳамеша -дилро аз ғам пур мекунем. Агар қудрату қуввати инсону ҷину деву парӣ якҷоя шаванд ҳам, гузашта барнамегардад.

Қонуни дунё чунин аст, ки шабу рӯз пеш меравад, дарё ҳамеша рӯй ба пеш метозад, солу моҳтанҳо ва танҳо ба пеш меравад. Пас бо чунин маҷрои зиндагӣ мухолифат кардану муқобили он шино кардан, хатогии нобахшиданиест.

## ҲАМИН РУЗАТРО ҒАНИМАТ ШУМОР

Вақте, ки Худованд ба ту саҳарро ҳадя фармуд, дар интизори шаб машав. Пас кифоя ҳаст, ки алъон дар дами субҳ қарор дорӣ. Бидон, ки дирӯзе, ки рафт бо ту нест ва он дирӯз абадӣ рафт.

**Рӯзе, ки гузаштааст, аз ӯ ёд макун.**
**Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.**

**Бар омадаву н-омада бунёд макун.**
**Хуш бош кунун, умр барбод макун.**

***(Умари Хайём, иловаи мутарҷим)***

Ҳамин рӯзе, ки офтоб шӯълаи гарму нури нармашро ба ту мебахшад, ғанимат дон. Ҳамеша бар он бовар бош, ки рӯзи ту фақат ҳамин рӯз аст. Кӯшиш намо, ки дар ҳамин рӯзат кори хубе анҷом бидиҳӣ. Ба амсоли намози бо ҳузури дил, тиловати оятҳои Раббонӣ, хулқи накӯ, кӯмак ба мазлуму силаи сари ятимон.

Зарур аст, ки ба лавҳаи дил бинвисӣ: "Ҳамин рӯзатро ғанимат шумор". Чун имрӯз нони гарму мулоиму болаззат мехӯрӣ, оё туро ҳаваси хӯрдани нони қоқи дирӯзаву нони турши пагоҳӣ дар дил ҳаст? Не, пас ҳамин буридаи нони мулоиме, ки дар каф дорӣ ганимат дон. Ҷуръаи обе, ки даруни соғар ва ё пиёла дорӣ, аҷаб хуш аст, ташнашикану гуворову мусаффост. Пас чӣ ҷойи ҳаваси оби кӯҳнаи дирӯза ва ё оби фардоинаи Хизр, ки дастрасат нест.

Худро ҳар лаҳза тасалло деҳ ва ба худ мукаррaран гуй: "Эй гузашта, ту рафтӣ, дигар барнамегардӣ, маро абадй тарк гуфтӣ, дигар фикрат намекунам. Эй оянда, |у дар олами ғайб ҳастӣ, ман намедонам, ки пагоҳ чӣ мехоҳад Аллоҳ, барои ҳамин ман таъҷил намекунам".

Пагоҳ чун кӯдаке дар батни модар аст ва ҳанӯз маълум нест, ки зинда ба дунё меояд ё мурда. Барои хамин ҳам маҳз барои ҳамин рӯзи дар каф буда хурсанди бикунед!!!

## ОЯНЛАРО як СУЙ ГУЗОР, ҲАРЧАНД. КИ БИЁЯД ҲАМ

Аз ходиса пеш нагузар. Оё мехоҳӣ меваро пеш аз пухтан хом-хом бихӯрӣ? Албатта тақдири фардо ба чуз Аллоҳ ба касе маълум нест ва ҳамчунин орзу кардани талвиху ширинии он амали нася аст. Инсоният

чунин аст, ки аксар вақт ба хаёли мусибати фардо худро ғамгин медорад. Аммо маълум нест, ки пагоҳчӣ мусибат ва ё хушбахтӣ дар пеш аст. Аз ҳама нуқтаи номаълумтарин ин аст, ки ба пагоҳ мерасем ё не?

Фикру хаёли он ки дар масоҳати дур моро мусибате интизор аст, худ як иштибоҳи бузург аст. Аксаран мо дар ғуссаи фардои насяв ва гуруснагиву ташнагӣ ва ё бепулии он худро андармон мекунем. Вақти хешро зоеъ намуда аз бадии рӯзи ҳанӯз наомада бештар фикр мекунем. Бояд бо ақли басар андеша ронд, ки оё ба чунин рӯз мерасем ва ё худ гиребони моро марги бе маҳал мегирад? Умри мо дар дасти мо нест, пас ризқу рӯзии мо низ дар кафи мо набуду нест. Он ҳар лаҳза аз сӯйи Худованд ба мо мерасад. Пас соҳиби фардову ризқу рӯзӣ танҳо Худост. Пас дурӣ биҷӯйед, аз хаёлу орзу ва ғаму ғуссаи оянда.

## АВ ТАЬНАИ БАДХОҲОН МАТАРС

Афроди аҳмақу бадтинату беимон ҳамеша аз пайи таях кардани айши туанд. Эшон ҳатто Холиқи якто ва мӯъҷизаҳои Ӯро инкор мекунанд. Ин ҷо ягон сабаби ҳайрат набояд шавад, ки бо мо чунин карданду Эзиди покро инкор. Дунё чунин ҳам аст, ки гарчанд ту худ бо роҳи рост меравӣ, ҳамаро ба покиву ростӣ даъват менамой, аммо дар ивази он аз дигарон таънаву маломат мешунавӣ. Ҳатто ба сарат фарти ҳақоратро мерезанд. Наандеш, ки эшон ба ту газанде мерасонанд. Нороҳат мабош, зеро ба осмон равӣ ҳам, ба қаъри замин дарой ҳам, эшон ҳамеша дар пайи озори ту ҳастанд. Аммо то Худованд нахоҳад аз онҳо ба ту бадие расида наметавонад. Худро ҳаволаи

сарнавишти Худованд соз. Ӯ беҳтарин донанда ва ҳофизу ҳимоякунандаи бандагони худ аст. Пас ҳамеша бидон, ки ту дар амони худо ҳастӣ. Магар ин беҳтарин па болотарин неъмат нест, ки Худованд ҳамеша аз пайи он аст, ки ба ту касе зараре нарасонад?

Фикр накун, ки ту эшонро адаб омӯхтӣ, некӣ кардӣ ва ҳамеша аз пайи таманнои офияти онҳо будиву албатта дар ивазаш некӣ бигирӣ. Ин андешаи хому галат аст, ба ту аҷри некро Худованд медиҳад, пас ба ҷуз Худованд умеди некиву аҷрро аз каси дигар маҷӯй ва интизор мабош.

Аз гирумони бади дунё ва аҳмақон дилгир мабош. Санги бузургу вазнине бош, ки ба сари санг ҳазорҳо хасу хошок ва барфу лой зада худ пора-пора мешаванд. Аммо санг пойбарҷой хоҳад монд. Ба таънаву ҳамоқати пастии эшон диққат мадеҳ, худро андармон макун. Ба васвасаи онҳо, ки бадтар аз васвасаи шайтон аст, дода машав. Ту бузургӣ, худотарсу худоҷӯйӣ. Бо чунин сифлагон на фақат ҷисматро, ҳатто фикри худро пайванд мадеҳ. Зеро пайваста фикр кардани бадиву маккориву таънаву васвасаи эшон боиси хароб гаштани ҳаётат мегардад. Чисману рӯҳан аз эшон дурӣ бигузин. Ба дарахти бемева касе санг намепартояд, ҳама сӯйи дарахти мевадор санг меандозанд. Пас ту дарахти бузурги боровари серҳосил ҳастӣ. Дил фориғ дор, ки Худованд ба ту назари нек афкандааст. Нигарон мабош, зеро ки ҳамейа растагор будиву Худованд хама вакт дар пайи нигоҳбонии ҷисму рӯҳи туст.

дуршудагонро ислоҳ карда метавонӣ. Кӯшиш макун,

ки забони эшонро аз таънаи беҷой бубандӣ. Танҳо хомӯшии ту ва бар ивази бадияшон некиҳои ту ва муҳаббати ту бар ивази бад дидани эшон метавонад таънаву бадии эшонро ба гӯристон дафн кунад.

Муҳаббати ту ба дӯстону душманонат боиси рӯз ба рӯз бузург шудани манзалати ту дар ҳузури Худованд мегардад. Дӯст доштани ҳамаро омӯз, ҳатто агар душманат бошад, зеро танҳо муҳаббат ба атрофиён метавонад, забони таънаи душманонро бибандад.

## СИПОСРО АЗ КАСЕ ИНТИЗОР МАШАВ

Худованд ҳарчанд ба шукру намозу сипоси мо мӯҳтоҷ нест, бо вуҷуди ин бандагонро ризқ дод, то ӯро ибодат кунанду шукри рӯзгор ба ҷой биёваранд.

Аммо ҳастанд нафароне, ки неъмати Худоро хӯрдаву баҳраманд шуда, шукри дигар худову дигар касон мекунанд. Ибодати ботили дигар худоҳоро менамоянд.

Ту низ дар навбати худ некӣ кардӣ, аммо ба ивази некият ба сарат бадӣ рехт. Ғамгин машав. Ҳарчанд некии туро рӯйирост мункир мешаванд, некии туро фаромӯш месозанд, туро қадрдонӣ намекунанд, дар бадали накӯиҳоят ба синаи ту тири душманӣ меандозанд, бо ту кина меварзанд. Намаки туро хӯрданд ва ба намакдонат туф мекунанд. Ғусса махӯр, аҷри онро, сазои неки онро аз Худо албатта мебинӣ.

Чунин аст расми саройи дурушт, ки падару модар худ гурусна мемонад, то фарзандаш сер бошад, сари болини ӯ бедорхобӣ мекашад, то фарзанд осуда бихобад. Аммо фарзанд вакте, ки бузург мешавад, мисли саг домони падару модар мегазад. Ин аст табиати рӯзгор.

Ин маънои онро надорад, ки ту некиро тарк намоӣ.

Баръакс, бояд бар иваси бадиҳо некӣ бикунӣ, гумон накун, ки аз эшон ба ту ташаккур мерасад. Бигзор ба ту кинаву бадӣ варзанд, аммо аз роҳи некӣ боз нагард.

Пайваста қадами устуворатро пеш гузор. Некиро ба об парто, ки об медонад. Об надонист, моҳӣ медонад, моҳӣ надонист, Худованди дарёву моҳиву замину осмон албатта хоҳад донист.

Бидон, ҳар некие, ки холис аз барои Худованд мекунӣ, боиси ба даст овардани пирӯзии ту мегардад.

Хамеша сарбаланду голиб мешавӣ. Худойро шукр гӯй, ки некӣ кардан аз дасти ту меояд ва ин боиси забондарозии ту рӯзи маҳшар мешавад. Лекин ҳастанд афроде, ки аз дасташон некӣ намеояд. Гарчанд давлати аз ту зиёда доранд, аммо дилашон намехоҳад, ки як тиккаи нони хешро ба касе бидиҳанд. Худованд кулфи дили на ҳар касро мекушояд. Шукр кун, ки ин неъматро (яъне некӣ намуданро) Худованд ба ту додааст. Фаромӯш макун, ки аз байни ин таҷаммӯъи мардум танхо ба ту дили некро ато кардааст!!!

Дасти диҳанда (яъне хайру саховаткунанда

дар дунё боло аст, ин нуктаро низ аз хотир набарор!

Фарзан, ту ба касе қалам ҳадя кардӣ. Аммо он носипос бар ивази некӣ, бо он қалам сияҳномаи туро менависад. Пайваста номи туро бо навиштаҳои нгвоанези ми худ ҳузури мардум сияҳ месозад. Ба касе або медихи, то наяфтад, ба он асо такя кунад. Вале бо он асо ба сари ту мезанад. Сагбачаеро мебинӣ, ки дар куча бачаҳои шӯху қашанг мавриди сангборону лату куб дода истодаанд. Ту тараҳҳум кардиву багро аз чанголи бачаҳо халос карда,ба хона овардӣ, аммо саг вакте ки калон шуд, аз банди поят мегазад.

Ин аст табиати аксари одамият. Бо вуҷуди чунин будани дунёи "кач дору марез" аз некӣ боз намон. Некӣ ба дигарон боиси рушан шудани қалб ва хушнудии рӯзгорат аст. Агар ба ин суханҳо имон наёварӣ, пас аз хондани ин сатрҳо китобро як сӯй гузор, кӯча баро. Корафтодагону соилон хеле зиёданд. Боре, ақаллан як бор аз барои Худо, холис, танҳо барои ризогии Худо некие анҷом бидеҳ. Итминон дорем, ки дилат пас аз муддати кӯтоҳе рушан шуда, ҳамон шаб худро ҳузури Худо хеле маҳбуб эҳсос мекунӣ. Чӣ хушбахтист, ки ин гуна лаззати рӯҳиро ба даст биёварӣ.

Агар кори ту андармони гиреҳи такдир аст, агар укдае ба дилат фаромадаву ҳамеша ботини худро сиёҳ ҳис мекунӣ, бархез некӣ кун, ҳатто ба андозаи як нуги арзан бошад ҳам.

Хушбахтӣ ҳам ҳар шабу рӯз аз ҷониби Худованд ба сари мардум рехта мешавад. Аммо ин борони раҳмату хушбахтиро аввалан он нафароне эҳсос мекунанд, ки ба дили мардум некӣ мерезанд, бедареғу беминнат бе он ки бар ивази некӣ некиро мунтазир бошанд, ҳамеша аз пайи расонидани кӯмак ҳастанд.

Ҳар вақто ғамгин бишавӣ, ё дарду аламе дилатро фаро бигирад, бархез ба касе некӣ бикун, ба фақире дасти ёрӣ дароз намо, ғамзадаеро бо сухани хуш дилбардорӣ соз, гуруснаеро таом, ташнаеро об бидеҳ, бемореро аёдат фармо, дарҳол мебинӣ, ки дар дил фараҳ милод меёбад ва кушоиши кулли гиреҳҳои рӯҳиву равониро эҳсос мекунӣ. Ин бетардиду бебаҳс аст, ки аксарият дар таҷруба дидаанд.

Некӣ мисли атри хушбӯест, ки ҳам бардорандаву барандаву фурӯшандаву харанда аз он баҳраи нек

моёбад. Ҳатто табассум ва чеҳраи кушоду сухани зебо дар ҳаққи як коруфтодае беҳтарин некӣ дар ҳузури Худованд маҳсуб мешавад. Аммо туршчеҳрагиву кинатузу эълони ҷанги пинҳонист, байни дилҳо.

Ривоят мекунанд, ки марде гунаҳкор, басо фоаҷду фоҷиру бадаҳде ба саги ташнае об дод ва раҳ ба биҳишт ёфт, ки васфи он бо як ду китоби муҷалладе ба охир намерасад. Зеро Соҳиб ва Холиқи биҳишт биҳиштро ба накӯкорон офаридааст.

Эй он афроде, ки гирифтори бадбахтиву дилсахтӣ, мубталои тарсу ваҳму яъсу навмедиянд, метавонед ин гуна бадиҳои рӯзгорро бо некӣ дафъ бикунед. Танҳо бо некӣ!!!

## БЕКОРИРО БО ШУҒЛЕ ДУР КУНЕД

Аблахтарин ва носипостарин мардум бекоронанд.

Агар роҳ мошине бе ронанда дар ҳаракат бошад, аз он мошин газанду харобкориву ҳалокатро интизор бошед. Одами бекор **низ** мисли мошини беронанда аст, ки ба чапу рост мезанад, азбекорӣ ҳатто хатарноктарин ҷиноятро шайтон ба ӯ маъқул мекунонад.

Пургаму пурғуссатарин мард

бекоранд.

Бекори инсонро бештар мубталои ғаму ғусса ва аксаран дардҳои рӯзи гузашта ва хаёлоти беҳударо дар зехни инсони бекор аз сари нав милод месозад. Пас дафъи ин балоҳо дар шуғле ё андармони кори муфиде хаст, ки қатори ибодати навофил ҳузури Худованд махсуб хохад шуд.

Аз хазрати Умар омадааст, ки мегӯяд:

Нафареро бинам, ки бекор аст, на кори дунё

мекунад ва на кори охират, зишттарин мардумест, ки дӯсташ намедорам".

Ҳақ ба ҷониби Умар (р) бекорӣ сабабгори сар задани гунаҳҳои зишту амалҳои шайтонӣ ва фасоди ҷомеъа мегардаД. Агар яке иттифоқ уфтад, ки дар хонаи шумо умуман ниёзе ба кору сомон додани амале нест, пас бархезед намоз бугзоред, Худоро зикр созед, ақалл ба мутолиаи китобе пардозед, ки бекориро аз сари шумо дур созад.

Бекорӣ душмани ҷону имони шумост, ки варо бо шамшери амали неке бакатл бирасонед, вагарна шуморо ба ҳалокати рӯҳиву равонӣ ва ҷисмӣ мувоҷеҳ месозад.

Пас дар он сурат ба шумо табибону муаббирон ва беҳтарин ҳакимон панҷоҳ фисади саломативу саодатро замонат (кафолат) медиҳанд.

Оё намебинӣ, ки деҳкрне ё бинокоре баъди итмоми кори муфиде суруди саодатро зери паб замзама мекунанд, аммо ту ашки надомат аз чашм мерезй, зеро корёро анҷом надодай ва ҳамеша бекориро ихтиёр намудай.

## МУҚАЛЛИД МАБОШ

Ба касе тақлид макун, ки азоби алими доимист. Бархэ кӯшиш мекунанд, овози хешро ба касе монанд кунанд, ҳаракати худро ба ҳаракати касе монанд карданй мешаванд, саъй мекунанд мисли нафаре возеҳсухан ҳарф бизананд. Монанди зоғе, ки роҳравиву хониши кабкро ҳавас карда, аз пайи тақлиди саканоту ҳаракоти кабк шуда, овозу ҳаракати худро гум кардааст.

Аз Одам (а) то ба имрӯз мувофақае нест, ки

нафаре ба нафари дигар монанд бошад, чӣ дар сурат чи дар сират.

Ту нафаре ҳастӣ, ки Худованд дар гузашта чун ту наофарида, баъди ту низ касе монанди ту намеояд. Ту комилан дигар ҳастӣ, дар пешгоҳи ХудованД ҷойгоҳу мақоми хоси худро доростӣ. На Амру Зайд ва на ба Ҳасану Ҳусайн монандӣ надорӣ. Пас худро дар гирдоби ташбеҳутақлид ғарқ масоз.

Пас қадам зан бо шеваи худ, сухан бигӯ бо лаҳҷаи хеш, зиндагӣ кун тавре, ки Худованд туро ба ин зиндагӣ офаридааст. Он чӣ Аллоҳ ба ту додааст, дигаргун кардани он дар дасти ту нест. Тағйири он лоимкон аст, зеро ту рангу бӯй ва таъми хос астӣ. Қимати себ дар бозор ҳеҷ гоҳ бо нархгузории бодиринге қадр намешавад, зеро дар бозор ҳама меваҷот рангу бӯй ва ҳатто нархи хешро доранд, ки яксон нестанд. Инсонҳо низ чунинанд, ҳама мақоми хеш доранд ва кӯшиши дигар кардани ҳолати худодод басо аҳмақона корест.

Пас гуногун будани мо дар ранги пӯсту хулқу атвору нажод дараке аз қудрати Парвардигори бузург ва оятҳои каримаи Ӯст, ки варо инкор нашояд.

## ҚАЗО ВА ҚАДАР

***Аллоҳ хақ субҳонаху ва таъоло мефармояд:***

**"Ҳеҷ мусибате дар замин ба шумо ва ба ҷони шумо намерасад, магар ин ки навишта шудааст, дар китобе пеш аз он ки биёфаринем он мусибатро" (сураи ҳадид, ояти 22)**

Тақдироти мо пеш аз мо навишта шудааст. Дигаргун кардани он ба ҷуз Худо дар дасти касе нест.

Ягон чиз аз ин навишта хато намешавад. Ба дурустй, ки агар ин акида дар вучуди шумо ҷой гирад, дар дили шумо реша давонад, ҳар воқеъаро ҷоиза, ҳар меҳнатро роҳат ва ҳар балоро ато ҳисобед, беҳтарин шахс дар ҳузури Худованд маҳсуб мешавед.

Ҳабиби Худо-Муҳаммад (а) дар ҳадисе мефармояд:

***"Худованд ба ҳар касе некӣ бихоҳад, ба сари ӯ мусибатеро арзонӯ медорад".***

Пас он чи ки дар тақдироти худ мебинед, аз қабили бemoриву бадиву марги шахси наздику зиёни моливу ҷонӣ пештар аз ба вуҷуд омадани шумо навишта шудааст, ки ихтиёри Офаридгори бузург аст. Хушо ба ҳоли мусибатзадагоне, ки аз он чи ки Худованд барояшон нозил мефармояд, ризо ҳастанд ва шукронаи балову қазои бади рӯзгор мекунанд.

Агар ба тақдироти Худованд имон наоварда бошед, ҳеҷ гоҳ асабҳои шумо хомӯш ва ором намешавад, васвоси дили шумо дур намегардад, ташвишҳои нафси шумо қарор намегирад. Пас метавон хулоса кард, ки он чи дар лавҳи ҷабин нзвишта шудааст, вомехӯриву халос, дигар чора ва ё раҳоие нест. Ҳеҷ гоҳ фикр накунед, деворе, ки қаблан афтида буд, шумо гӯё метавонистед, ки ӯро аз афтидан боздоред. Ҳеҷ гоҳ андеша накунед, ки оби рехтаро метавонистед қаблан манъ аз рехтан кунед, фикр накунед, ки шамолро аз вазидан нигоҳ дошта метавонед, ҳеҷ гоҳ гумон накунед, ки шишае, ки пештар шикастааст, метавонистед ӯро аз шикастан нигоҳ дошта бошед. Ва ин фикри нодурусти шумо боиси зарари ҷони шумо ва хастагии рӯҳи шумост. Барои ҳамин ба тақдироти Худованд таслим шавед,

зеро У нафаронеро дӯст медорад, ки ба қазову қадари У таслим шуда бошанд. Шумо низ таслим тавед, пеш аз он ки ба ғазаби Худованд гирифтор ва пушаймон шавед.

Ҳазор ҳилаву тадбирро ба кор бубаред ҳам, он чи Худованд мехоҳад ҳамон мешавад, дигар чора нест. Ҳеҷ гоҳ нагӯед, ки "агар ин хел мекардам он хел мешуд", ки ширке беш нест.

## ПОЁНИ ҲАР МУШКИЛЕ ОСОНИСТ

Бидонед, ки Худованд баъди Ҳар гуруснагӣ фаровонии неъмат ва баъди ҳар ташнагӣ серобие офаридааст. Баъди бемории ҳатто тӯлонӣ шифо ва ба дунболи шаби сиёҳ субҳи босафое шуморо мунтазир аст. Аз торикии шабу гуруснагиву ташнагӣ ва балое ғам нахӯред. Зеро ҳар офатеро офиятест, ки Рабби оламиён кдбл аз он ки шуморо офарида бошад, дар тақцироти шумо ракдм задааст.

Ба зудӣ гоибе ҳозир мешавад, гумроҳе раҳ меёбад, ранчкашидае ганҷ меёбад, с -дие озодӣ мебинад ва дар шаби тор уфтодае р сӯйи субҳи рӯшанои мегирад. Ба оби дидаву гирдану зорӣ суруру хурсандие ҳаст, ба тарсу ягьсу навмедӣ амну амонӣ ва сиёҳиеро сапедие дар пеш аст.

*Аз ноумедиҳо басе умед аст.*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*

Агар балое ба сари шумо омад, ба сӯйи Худованд туршрӯйӣ накунед. Зеро Худованд меҳрубону лати аст, пеш аз он ки балое ба сари шумо ояд, Рабе Ҷалил ғами шуморо хӯрдааст. Иброҳими Халил (а)-ро оташ насӯзонид. Бо он пеш аз ба оташ партофтани

ин ҳабиби Худо бандагони худотарси ӯ хавф доштанд, ки паёмбари Худоро аз даст медиҳанд. Аммо Парвардигори ҳафт иқлим оташро ба халилаш гулзор сокт. Ба оташ хитоб кард, ки

***"Сард бошу Иброҳимро саломат нигоҳ дор" (сураи Анбиё ояти*** 69)

Аллоҳ Мусои калимурраҳмонро ба баҳр афканд, аммо ғарқнакард, Хотамуланбиё (а)-ро ба ғор бурд, аммо сиҳату саломат нигоҳ дошт. Парвардигор бандагони худро дӯст медорад, онҳоро бо офату балоҳо имтиҳон мекунад, аз балоҳо худаш нигоҳ медорад.

Аз балое паноҳ ҷуста паси деворе наравед, беҳгар ин ки фаротори деворро бубинед, ки ҳофизу ҳомии шумо-Худованди бузург шуморо бо меҳрубонӣ нигоҳ клрда истодааст. Ӯ ҳатман дасти шуморо мегирад, шуморо аз ин мусибат мераҳонад. Бо умеди пинҳонӣ аз расвоии дунё худро паси парда накашед, ба оне, ки Сатторулъуюб асту дар ғами пинҳон доштани ҷурми шумо аст, умед бандед. Ӯ шуморо дӯст медорад, пас ба дӯстдории Худованд лоиқу сазовар бошед.

Дилтанг мабошед, зеро як ҳолати баду мусибату гаму бало амри маҳол аст, ки ба ҳамешагӣ давом бикунад. Ҳатман ин рӯзи сангин мегузарад. Интизорӣ ва сабр беҳтарин ибодат аст, ки боиси кушоишу хурсэндии бепоён мебошад. Рӯз равандаау замона даврзанандӣ ва гоибе аёншаванда ҳаст. Лиҳозо, инсони оқил ҳамеша умедвор ҳаст, ки маҳз дар чунин рӯзи мусибат Худованд ба ӯ роҳи дигари ҳал ва ё раҳоиро нишон медиҳад. Зеро ҷое, ки мушкилие истода, ҳатман осонӣ ҳам он ҷост.

# АЗ ТУРШӢ ШИРИНӢ ҲОСИЛ НАМО

Инсони бофаросату ҳушманд аз зиёне фоида ба даст меоварад, ва нодону ҷоҳиле як мусибатро ду мусибат месозад ва ҳатто аз роҳат ба ҷои лаззат захмат меъардорад.

Ронда шудан ва ё худ ҳиҷрат фармудани Расули акрам (с) аз Макка мусибате буд, аммо бо акли хеш давлати бузургтареро дар Мадина барпо сохт, суду фоидаи даҳчандеро ба даст овард. Имом Аҳмад (р)-ро балои ҳабс пеш омад. Дар маҳбас фоидае чанд ба даст овард. Унвони имомиро соҳиб шуд. Ибни Таймия низ ҳабс гашт, аз маҳбас бо илми бузург баргашт, Имом Сарахсӣ ба чоҳ афтид, он ҷо *китобе таълиф* карданд, ба номи «Масбут», ки машҳуртарин китоби мазҳаби ҳанафӣ ва яке аз беҳтарин кутуб ва илми ҳадис аст.

Чун вақте ба шумо мушкиле леш омад, онро аз ҷониби некаш назар кунед. Агар нафаре ба шумо лимӯи турш ато фармуд, ба лимӯ шакар биёмезед ва лаззати хуберо аз он ҳосил намоед. Касе агар море бахшид, аз ӯ пӯсти гаронбаҳояшро ҷудо намуда ба худ гиред, боқимондаашро тарк кунед, агар шуморо каждуме газиД, дил фараҳ доред, ки каждум шуморо аз ин хотир газидааст, ки аз шумо мору заҳри мор мегурезад, ки инояти Худованди бузург аст. Тавре дар Қуръони маҷид омадааст:

*"Шумо шояд чизеро бад мебинед, аммо ӯ мумкин аст ба шумо хуб бошад"*

*(сураи Бақара, ояти* 216).

Дар ҷойи дигар Аллоҳ таъоло мефармояд:

*"Оё касе иҷобат мекунад дар изтироб*

***афтодаеро, ҳангоме ки дуо мекунад"***

*(сураи Намл, ояти* 62).

Пас кист он нафаре, ки аз ҷалолати У имдод напурсад? мусибатзадагон кӯмак мехоҳанд, дармондагон ҳоҷат мехоҳанд ва дар маҷмӯъ тамоми коинот ҳамеша ба ионати ӯ ниёзманданд. Ба зикри У дилҳо улфат мегиранд, забону андешаҳо ба ҳаяҷон меоянд. Оре У зотест бузургу бениёз. Нест моро худо ба ҷуз Аллоҳ, Холиқи яктову Розиқи беҳамто ва бахшандаву бахшоянда, меҳрубонтар аз падару модар ва наздик|ар аз раги ҷоне, ки аз гардани мо убур кардааст.

Ба ин хотир зарур аст, ки аз У ниёзи худ хоҳем, рӯй ба У биёвэрем, дар ҳама ҳолат-сахтизу саҳлӣ, машаққату роҳат, ғуссаву хурсандӣ, бадиву некӣ, ба сӯйи У даст бардорем, аз дидаҳо сиришк резем, аз остони ҷалолаш Дур нашавем, бо ихлос ва бо умеди комил дафъи ҳар мушкилеро аз Ӯ ҷӯё шавем.

Ба таҳқиқ, ки андар ин ҳол мадади Худованд ҳозир мегардад. Дил фориғ доред, ки ҳатман кӯмаки Ӯ сӯйи шумо мешитобад. Мушкилот ҳал, гиреҳҳо кушуда мешавад. Мебинед, ки қарздоре наҷот, беморе шифо, гоибе ҳозир, ғамҳо дур ва балоҳо бартараф мешаванд. Оре, мададу меҳрубонии Аллоҳ ҳамеша бо шумост, инро дар дили худ мӯҳр бизанед, ки ҳатман ионату дасти мадади Худо сӯйи шумо ҳамеша дароз аст.

***Аммо барои расидан ба меҳрубонӯ** ва **кӯмаки Рабби Ҷалил чанд шартест, ки бояд ин ҷо зикраш равад:***

1. Шитоб накунем дар дуо ва тарк какунем аз Ӯ пурсон шудани мушкилотамонро, магар нагӯем, ки

*"харчанд дуо* ***кардам,*** *вапе худо надод".* ***Расулуллоҳ (с) мефармояд: "Дуои*** **ҳар** ***банда қабул мешавад, модоме, ки саросема нашавад ва дуоро тарк накунад".*** Ҳатман рӯзе мерасад, ки дуои банда мустаҷоб мешавад. Аммо нафаре, ки дуоро тарк ва шитоб кард, мисоли оне, ки ниҳоле шинонду об дод.

Заҳмат кашид барои ба воя расидани дарахт. Аммо то боровару ба ҳосил даромадани дарахт мунтазир нашуда, тарк кард ва ё дарахтро бурид ва аз меваи он бебаҳра монд.

2. Илтиҷову зориву тавалло. Охир Худованд бузургу тавоност, мо заъифу нотавон.

Пас чаро заъфи худро пеши Худованд баён ва арз надорем? Аммо ин зориву тавалло низ бояд бо ихлос бошад. Ҳатман итминон дошта бошед, ки дуои шумо қабул мешаваду халос, пас дар он сурат метавонед ба куллаи мурод бо таваллову зории худ бирасед. Дар ҳадис омада, ки

***"Худованд афроди зориву таваллокунандаро дӯст медорад".***

3.Пок будани анвоъи ғизои хӯрока ва пӯшокӣ. Чун касе ҳаром мехӯрад ва ҳаром мепӯшад, аз моли мардум парҳез намекунад, дуои ин гуна шахс мақбули даргоҳи Худованд нест. Пас ҳангоме, ки даст ба дуо мебардоред, тани хеш бо таҳорат пок кунед, дар вақти муносиб рӯй ҷониби қибла биёваред, хештанро шикаста гиред, ҳузури Худованд хору залилии худро икрор бишавед, кибр аз сар дур намоед, гуноҳи кардаи худро ба гардан бигиред ва талаби омурзиш кунед, номҳои бузурги Аллоҳро зикр ва ба Ӯ ҳамди бепоён гуед ва салавот ба Муҳаммад

(с) бифристед, дар охир ҳар масъалае ё мушкилотеву ҳоҷате ҳаст, пеш биёваред. Такрор ба такрор аз Ӯ имдод бипурсед. Зеро ҷуз Ӯ касе натавонад муроди шуморо ҳосил бикунад ва касе наметавонад балоҳоро ба ҷуз Аллоҳ дафъ кунад. Пас лозим аст, дари иҷобату ҷалолати Ӯро мустамандона бикӯбед, боз наистед, ашк аз дидаҳои дил бифишонед. Лутфи худоро интизор шавед ва дар дил боварӣ варзед, ки ҳатман Худованд ба шумо дасти мададу лутфро дареғ намедорад. Итминон дошта бошед, ки Худованд қабули ниёзу дархосту дуои бандагонашро дӯст медорад. Зеро дар Қуръон мефармояд:

***"Дуо бикунед маро, истиҷобат мекунам шуморо"*** (*сураи Ғофир, ояти* 60)

Худовандо, мепурсем туро бо номҳои бузургат ва сифоти волою олиқадрат, ҳоҷати ҳоҷатмандон раво бикун, беморони бистариро тоҷи саломатӣ ба сарашон бинеҳ, мазлумони зиндониро озодӣ бахш, саодатмандии ду дунёро ато фармо, моро аз оташи дардноку сӯзони дӯзах нигоҳ бидор. Дилҳои моро ба муҳаббати дини покат гаравгон дор, имони моро мустаҳкам намо ва ҳаргиз моро ба балои гумроҳӣ мубтало макун. Эй ҳидояткунандаи беҳтарин!

## ХИЛВАТИ ХОНА БЕҲ АЗ ҶАМЪИ БЕҲУДАГӮЁНУ БАДОН

Хонанишинӣ кардан ин ҷо худро дур гирифтан аз бадону бекорону беҳудагӯён аст. Беҳтар аст, ки аз ин гуна афрод риштаи дӯстӣ биканед, то аз сухани беҳудаву ғайбат дур бошед. Оё хуш нест, ки дури ҷустан аз таҷаммӯъи ашхоси бадтинат ва машғул

будон дар кунҷи хилвати хона ба ибодату риёзат ва ё мутолиаи китобе? Ба таҳқиқ бидонед, ки дар ин сурат рӯҳи шумо ба уруҷи худовандӣ шарафёб мешавад ва боиси пазириши дуои шумо дар ҳузури Аллоҳ мегардад.

Чун бо бадон ихтиёри нишастан кардед, таъсироти баддии эшон шуморо бегазанд намемонад. "Бо моҳшинӣ моҳ шавӣ, бо дег шинӣ сиёҳ". Афкору андешаи шумо замоне тоза мешавад, ки аз мардуми баду беҳудагӯй худро канора бигиред. Бар қиёс ва хилофи ин ҷамъ омадан дар ибодату риёзати намози ҷумъа ва маҷолиси илмӣ беҳтарин аъмол дар пешгоҳи Худо маҳсуб мошавад. Илло умеди мо ба кунҷи узлату хилват баргузидан беҳтарин аст, ки вақтро бсҳуда зоеъ намесозед, умр барҳадар намеравад. Умри гузаштаро наметавон ҷуброн сохт, ҳатто бо пулу моли калон. Аммо метавон бо гузашти вақт соҳиби пулу мол шуд.

*Вақте ки гузашт, бо пулу мол наёбӯ.*
*Лекин, ки пулу мол ба оҳиста биёбӯ.*
*(баӯт моли мураттиб аст)*

## ИВАЗ АЗ АЛЛОҲ

Худованд аз ту чизеро намегирад, агар гирифт ба ҷояш садҳо маротиба болотар аз онро медиҳад. Агар сабр кунед ва аҷри некро аз Худованд умедвор шавед, билҳақ, ки ба он ноил мегардед. Расули Акрам (с) аз забони Худованд дар ҳадиси қудсӣ мефармояд:

*"Касеро дӯстдоштаашро бигирам, пас сабр бикунад аз барои ӯ ҷаннат аст".*

Ҳар касеро фарзанд бимирад, сабр кунад, Худованд дар ивази сабри ӯ барояш хона дар биҳишт

месозад. Ба мусибате афсӯс набояд хӯрд. Сабр ба мусибат савобест бузург, ки подоши сабри ҷамил аз Бори Илоҳ савоби куллӣ ва самараи он биҳишти анбарсиришт аст.

Мусибатзадагону ба бало гирифтор шудагон бешак дӯстони Алдоҳ ва муқаррабони Ӯянд, ки ҷойгоҳи эшон ҷаннати фирдавс аст. Худованд мефармояд:

***"Саломатӯ бар шумоён, ба оне, ки сабр кардед, чӯ хуш аст оқибати он биҳишт***

*(Сураи Раъд ояти* 24)

**Ва ҷоий дигар мефармояд:**

**"Ба *ин гурӯҳ дурудҳо аз парвардигори эшон ва бахшоиш ва эшон растагору роҳёфтагону ҳидоятёфтагонанд"***

*(сураи Бақара, ояти* 157)

Оре, умри дунё кӯтоҳу гузарон аст, канзи ӯ фонист, аммо охират нек ва бокист. Ҳар кас мусибат ин ҷо дид, роҳатон ҷо биёбад Нафаре машаққат ин ҷо кашид, эминӣ он ҷо мебинад. Аммо ошиқрни дунё, ки хуни дилу оби чашмҳояшон ба ин дунё резон аст, сахттар аст барои эшон гум кардану аз даст додани лаззату айши дунё. Зеро эшон танҳо умедвори лаззату роҳати дунё ҳастанд ва мояи афсӯси эшон низ аз он аст, ки роҳати дунё аз дасташон рафтааст. Ин гуна ҷамъият назар ба зери пояшон доранду халос. Қадаме дуртарро намебинанд.

Эй мусибатзадагоне, ки сахттарин рӯзҳои умратон сари шумо ҳукмронӣ мекунад, эй он нафароне, ки ба балои рӯзгору тақдир мубтало ҳастеду аммо сабру таҳаммул пеша кардаед, хушо бар ҳоли шумо, ки ҳам дар дунё ва ҳам дар охират саодатро дастёб мешавед. Зеро дар хислати шумо ризогии Худованд нуҳуфтааст.

*"Пас бино карда шуд дар миёни эшон деворе, ки уро дарвоза бошад ва даруни он девори раҳмат аст ва беруни он девор ба* чо *ниби пеш азоб аст".*

*(сураи ҳадид ояти 13)*

Пас он чизе, ки дар пеши Худованд хубу аълост, бузурги бо сабру таҳаммул аст.

## ҲАЁТ БО ИМОН БАРПОСТ

Бадбахтон бо маънои томи бадбахтиашон фақиру залиланд. Аз канзи имон ва ганҷинаи яқин фарсаххо дуранд. Абадан дар мурдоби бадбахтиву залолат ва мубталои ғазаби Худованд ҳастанд Аллоҳ мефармояд:

*" Ва ҳар касе рӯй гардонид аз зикри ман, ҳар оиина ӯрост зиндагонии танг"*

*(сураи Тоҳо, ояти* 124)

Ҳеҷ гоҳ нафси инсон хушнуду хушбахт намешавад, гаму гусса аз дил намеравад ва имонхонаи дилаш пок намешавад магар, ки ба Худованд имон наёварад. Пас хаёте, ки бидуни имон сипарӣ мешавад, лаззате надорад. Агар инсоне, ки дар дил имону якине надорад, бо вуҷуди дорову соҳибмансабу тавоно буданаш ҳам, дар дили худ ҳамеша як сиёҳиеро эҳсос мекунад, ки уро пайваста азйят медиҳад. Зеро дили чунин нафарон холи аз чароги ҳидояту нури якун аст.

Имон чароғи ҳидоят ва нури ҳамешагист, ки аз имон шабҳои тор ҳамеша рӯшан мешавад, дилҳо аз ғуссаи беохири дунё раҳида ва саодати дунёву охиратро сохиби имон дорост.

Наънату бадии осмону кавну макон ҳамеша ба |ри инсони беимон меборад, ки бадтарин ҳолатест.

Тамоми мавҷудоти зиндаву ба назар мурдаи дунё ва

дар маҷмӯъ кулли коинот ба Худованди ягонаву меҳрубон имон доранд. Итминон доранд, ки нест илоҳе ба ҷуз Аллоҳ.

*Ҳар гиёҳе,ки аз замин рӯяд.*

*Ваҳдаҳу ло шарика лаҳ гӯяд.* (Иловаи мураттиб)

Бутҳову санамҳои аз сангу забарҷад тарошида дар ҳузури ниёзу хоҳишу талаби шумо оҷизанд. Аз дасти эшон коре намеояд. Пас Худованд аст, ки бузург ва бароварандаи ниёзу равокунандаи ҳоҷот. Худованд ҳақ аст, пайғамбарони мурсалу набии Ӯ, китобҳои осмонии Ӯ ботилнопазиру ҳақанд.

Худованд мефармояд:

***"Ҳар касе амали неке кард, мард бошад ё зан ва ӯ мусулмон аст, барои ӯ зинда созем зиндагонии покро (яъне ҳаёти хубро) ва бидиҳем он ҷамоъат муздашонро бо некӯтарин он чӯ ки мекарданд".***

(*сураи Наҳл, ояти* 97)

Ва ин ҳаёти пок қррор гирифтани нафс аз ваъдаҳои хуб ва амалишавандаи Аллоҳ, мустаҳкам ва дур аз биму ҳарос будани дилҳо, асабҳои ороми афроди имондор аст. Зеро ин ҷамъияти имондор ба қазову қадари неку бади Аллоҳ ва ба Паёмбари Ислом (с) ва ба рӯзи ҳашр имон оварданд.

## АСАЛ ҶАМЪ КУНУ ОРУХОНАРО ВАЙРОН МАКУН

Муомила ва хулқи нек дар ҳар коре, ки ҳаст таъсир мебахшад ва боиси пирӯзии шумо мегардад. Аммо бо муомилаи бад ҳеҷ гавҳари мақсуде ба бор намеояд. Мулоимӣ дар хитоб, табассуми зебо аз сидқи дил, марғубтарин ҳарфи хуш ҳангоми вохӯрӣ

ҷомаи зебоест дар тани инсони саодатманд. Ва ин яке аз сифоти бандаи мӯъмин аст, ки ба занбӯри асал монандӣ дорад. Занбӯри асал пок мехӯрад ва пок истихроҷ мекунад ва вақте ба барги гулҳо менишинад, шохаи гул намешиканад ва ҳатто барги гулро озоре намедиҳад. Оре, Аллоҳ ба хушгуфтору хушрафтор ҳар чӣ мехоҳад медиҳад, аммо ба сахтзабону баддаҳон неъмати дунёро дареғ медорад. Тавре мегӯянд "Сухани нек морро аз сӯрохӣ берун кунад".

Ҳолатҳое ҳаст, ки агар нафаре ба назди ҷамоъае биравад, сари ҳамагон хам, чашмҳо интизору дилҳо беқарор мешавад. Зеро ин гуна инсонҳо хушмуомилагонанд, ки дар ҳузури Худованд ва бандагони Ӯ дӯстдошта шудаанд. Зеро дар гирумону гуфтору рафтор ва ҳатто аз нигоҳҳои беғашу пурмеҳрашон пайдост, ки нури Худованд дар дилашон чароғон аст. Ва лиҳозо ҳама ташнаи сухан ва ё як рафтору саканоти ин гуна афроданд. Бешак чунин шахс дар ҳама ҷо пирӯз аст, ҳарфи ӯро касе ба замин нахоҳад гузошт. Зеро бо чунин афрод ҳамеша Худованд аст.

Аз омадани чунин шахсон ҳама хушҳол мешаванд ва дар вақти набуданашон дуои ҷони ӯро мекунанд. Ин саодатмандон дастуре доранд, ки дар ҳаёти худ татбиқ мекунанд ва он дастур ин аст:

***"Ҷавоб боз деҳ ба хислате, ки беҳтар аст, пас ногоҳ касе, ки миёни ту ва миёни ӯ душман аст,*** *гӯё* ***дӯсти қариб аст"*** (*сураи Фуссилот, ояти* 34).

Ва чунин афрод ҳангоме, ки байни ду нафар ҷангу хусумат ва кинатӯзӣ аст, бо хислати хуб ва хуштарин каломашон метавонанд, ки миёни ду душман гулхани дӯстиро барафрӯзанд. Бадиҳоро барканор ва

муҳаббатро миёни он таҷаммӯъ мопошанд Ҳар касе ба нафари хушсухану хушрафтору хушмуомила сухани баде ҳам гӯяд, он сухан ба гуши эшон намерасад, Худованд ҳарфҳои қабвҳро дур мосозад ва ин гуна одамро аз кулли балоҳо худаш нигоҳбонӣ мекунад. Аз ин гуна нафар касе зараре намебинад, аз эшон ҳама шоданд, зеро аз онҳо зиёно ба кас намерасад, балки фоидаи эшон чун аслли занбӯри асал ба ҳама дастрас аст. Ва хулқи нек ботардид истихроҷи асал аст, ки бандагони Худо аз он баҳраманд мешаванд.

**Паёмбари бузург(с) мефармонд:**

***"Мӯъмин шахсвст, ки мардум аз** у **тинч монанд ва ба хунҳову молҳояшон аз ӯ дар эмин бошад".***

**Дар ҷои дигар мефармояд:**

***"Аллоҳ ба ман амр кард, ки ҳар касе аз ман раҳид (канда шуд) ба ӯ бичаспам, авф кунам нафароро, ки бароям зулм кард ва таъом бидиҳам касоро, ки ба ман надод".***

Бале, ин гуна одамон газабфурубарандагону авфкунандагонанд. Хушо ба ҳолашон ки Худованд ин гуна буданро дӯст медорад. Хушо ба ҳолашон ки бо ин хислаташон ҳамеша дар тинҷиву ороми умр ба сар мебаранд. Хушо бар ҳоли эшон ки длр охират ҳам бо ин сабаб гуноҳҳояшон авф ва сазовори биҳишти анбарсиришт мегарданд. Биҳиште, ки миёнаш дарёҳо ҷориянд.

ОГОҲ БОШЕД:

## ОРОМИШИ ДИЛҲО АЗ ЗИКР АСТ!

Рост гуфтан, **дӯст** доштани Аллоҳ ва рӯшодгӯйӣ (ошкорогӯйй ва парҳез аз ғайбат) собуни дилҳост. Забону дили худро ба зикр одат кунонед. Ягон амале **ёфт** намешавад, ки равшанкунандаи дил беҳтар аз зикр бошад. **Дар Қуръони азимушшаън омада:**

***"Пас маро ёд кунед, ки шуморо ёд мекунам".***

*(сураи Бақар, ояти 152)*

Зикри Ҳудо ҳаст, ки шуморо ба ҷаннат мутавассил месозад. Зикр аст, ки дар рӯйи замин низ чун инсони биҳиштие умри ҷовидон пайдо мешавад. Зикр агар нест, роҳи биҳишт баста аст. Оре зикр аст, ки нафсу танро наҷот мебахшад. Зикр аст, ки аз тангиҳои васваса ва балову беморӣ роҳи наҷотро нишон медиҳад. Зикр роҳи осон ва сабуки зафар аст. Агар ба ин ҳарф бовар надоред, ба китобҳо назар кунед ва агар имкони мутолиа надоред, дар амал таҷруба кунед, пас хоҳед дид, ки пирӯзии зиндагӣ даст ба шумо медиҳад.

Бо зикри Аллоҳ бандҳо кушода мешаванд, абри зулмат пароканда, пардаҳои хавфу бим бартараф ва ба зикри Ӯ кӯҳи бало дур мешавад. Ҳеҷ тааҷҷубе нест, зикркунандагон ҳамеша дар роҳатанд. Лекин аҷаб аст, вақто ки бархе умри худро бе зикр барҳадар медиҳанд. Ин гуна зиндагӣ хазидан дар олами мурдаҳост.

Эй оне, ки шабҳо аз дарду алам бедорхобӣ мекашӣ, тири мусибат ба синаат задааст, бархезу сӯйи Аллоҳ нидо бикун ва наҷоти хеш аз Ӯ бипурс. Бо номҳои бузургу муқаддасаш Ӯро ёд бикун. Ба қадри зикрат

гиреҳи дил кушода ва хотират ором мегирад Пас он лаҳза дарк мекунӣ, ки Худованд бо тус! ва туро дӯст медорад. Дилро ваќте ба Худованд таваккул ва такя додӣ, бидон, ки ҳатман Аллоҳ ба суроғи *ту* маояд.

Аллоҳ наздик аст, вакте ӯро дуо мекунӣ, шунавост ваете нидо мекунӣ, қабулкунандаи дуост, ваќте ҳоҷати хеш мепурсӣ. Даст ба сӯйи У бардор, зориву тавалло кун, номҳои муборакашро мукарроран зикр соз, ҳамдаш гӯй. талаби магфирати гуноҳҳоят намо, пас бидон ки ҳанӯз дер нест, саодатро меёбӣ, оромиву хурсандиро ба худ пайнаст мокуни. Итминон дошта бош, ки зикрат туро ба ин муродҳо мерасонад.

**БАР ХУДОДОДАГОН ҲАСУД МАХУР.**

КИ ОНҲОРО ХУДО ДОДААСТ

Ҳасад устухонро мисли намак мепусонад, албатта ҳасад бемории бадест, ки дар бадан фасод пайдо мешавад. Тавре гуфта шудааст:

«Роҳат нест аз барои ҳосид, ӯ худ золим аст дар ҳолати мазлумӣ, душман аст дар либоси дӯст Ҳар оина боз медорам худро ва туро аз ҳасад аз рӯйи раҳм кардан ба худам ва ба ту, пеш аз он ки раҳм кунем дигаронро».

Зеро бо ҳасад хӯрдан гӯшти тан логар, хунқо ба ғаму ғусса олуда ва хобҳои бароҳат аз чашм мераванд. Ҳосид ба танӯре оташ мемонад ва аммо худаш дар он месӯзад. Ҳасад як буғзест, як балоест, ки ҳамеша ба сарат ғаму ғусса, дилтангӣ, сӯзиши ҷон ва бемориро меорад, ки то аз ту накӯтарин лаззати ҳаётро барҳам занад.

Гуноҳи ҳосид он аст, ки ӯ хусумат варзид бо тақдир,

тӯҳмат кард ба Холиқ, беодобӣ кард ба соҳиби шариат ва хилоф кард соҳиби роҳро. Аммо ҳосид ҳеҷ гоҳ намедонад ва донистан ҳам намехоҳад, ки диҳандаву гиранда, хоркунандаву азизкунанда фақат Аллоҳ аст. Пас чаро мо ба он нафаре, ки Аллоҳ ба ӯ молу сарват додааст ва ё аз ҷиҳати фазл касеро аз дигарон бартарӣ бахшидааст, ҳасад мехӯрем?

Ҳасад дардест, ки бо он дард ҳеҷ гоҳ аҷри нек ба соҳибаш намерасад, балоест, ки савобе намегирад бар он нафари ҳасуди дар баломонда. Пас ҳосид ҳамеша дар балову азобу шиканҷа аст, то он замоне, ки бимирад ё неъмати одамон аздасташон биравад.

Ҳама қишри ҷомеъаи инсоният сулҳро қабул доранд, илло ҷомеаи ҳасудон, ки ҳеҷ гоҳ сулҳро намепазиранд. Ҳосид замоне ором мегирад, ки ё шумо аз Худованд рӯй битобед ё комилан сарвате, ки Аллоҳ додааст, аз даст диҳед.

Эй Аллоҳ, паноҳ мебарам ба ту аз шарри ҳосид, зеро ӯ мисли мори сиёҳи заҳрдорест, ки ҳатто заҳраш касеро бикушад ҳам, қарор намегирад. Ё мисли каждум нешашро ба касе занад ҳам, дилаш ором намегирад. Пас худро дур бигиред аз ҳасад ва паноҳ талабед аз бадии ӯ.

## БАРГАРД БА ҲАЁТ. ЧУНОНЕ, КИ ҲАСТ

Дунё чунин аст, ки ҳамеша олудаи изтиробу машаққат ва ӯро шебу фарозҳои (пастиву баландӣ) зиёдест, ки инсон дар дохили он чашандаи ин гуна азобҳост.

Ягон падару модаре намеёбӣ ва ягон ҳамсаре намебинӣ, ки аз камбудӣ холиву орӣ бошад. Ҳамаи

инсон камбудӣдорад. Пас бояд, ки нокашро бо бадаш маҳв кунӣ. Хости Худован даст, **ки дар дунё** ҳама чиз як муқобиле дорад. Шаб-рӯз, сафед сиёҳ, бад-нек, савоб-гуноҳ, ғам-хурсандӣ ва ғайра Табиист, ки ҳама чизи бади дунё роҳест ба дӯзах ва аъмоли хубу хулқи ҳамида калидест ба биҳишт.

**Расули акрам (с) мефармояд:**

***"Дунё лаънат карда шудааст, лаънат карда шудааст он чӯ дар дунё ҳаст, магарам зикри Аллоҳ ва аъмоли хайр, ки ин дунёро пур аз раҳмати Худо месозанд ва роҳи мустақиме ҳастанд ба сӯйи биҳишт".***

Барои ҳамин бояд зиндагиро ба таври воқеи дид ва қабул кард, дунёро тавре бояд дид, ки чуноне ҳаст. Аз банди хаёлот дур бошед **ва** одат кунонед нафсу тану рӯҳи худро ба мушкилоти зиндагӣ ва мусибатҳои ӯ. Ҳатто бо таври пуррагӣ зани зеботарин ва ё марди хушсураттарини дунё комил намошавад, албатта як камбудие дорад. Билоқиёс зани биҳишт комил мешавад ва орӣ аз камбудист.

**Расул (с) мефармояд:**

***"Бад набинад мӯъмин мӯъминазанро (нъне ҳамсарашро) агар бад бинад як хулқашро пас розӣ мешавад ба хулқи дигараш".***

Пас моро зарур аст, ки ҳамеша наздик бошем, авф кунем ва чашм бипӯшем аз баъзе хатоҳо.

## АЗОДОРӢ БИКУН БА АҲЛИ БАЛО

Бархезу ба чапу рост назар намо, албатта чашматро иттифоқе меуфтад, ки инсони мубталои ғаму ғусса ва мусибатзадаеро бубинӣ. Чуноне

мегӯянд "Зоғи бедоғе нест". Дар дунё ин қадар [4] мусибатзадагону мубталоён зиёданд, ки танҳо ту дар ғаму ғусса нестӣ. Танҳо ту аз мусибат дур нестӣ. Мусибати ту дар он аст, ки аз мусибати дигарон огоҳ , нестӣ, огоҳ, ки ҳам бошӣ, хеле кам огоҳӣ.

Дар дунё бемороне ҳастанд, ки солиёни сол бистариянд, аз дард солҳост, ки фарёду нола мекунанд. Чӣ қадар маҳбусоне ҳастанд, ки солҳои зиёд офтобро чашмонашон надидааст ва ба ҷуз утоқи зиндон дигар чизеро намедонанд. Зану мардони зиёде ҳастанд, ки ҷигарбанди худро аз даст додаанд, ин қадар сафи қарздорон зиёд ҳаст, ки агар кӯмаке карда наметавонӣ барояшон, ақалл дилбардорияшон намо. Якинан бидон, ки ин дунё барои мӯъминон зиндон аст. Ҳаёт чунин аст, ки хурсандиҳоро ғаму ғуссаҳо аз байн мебаранд, валангориву вайронагӣ ба сари қасрҳои баланду боло ҳукмронӣ мекунад.

Имрӯз нафареро мебинӣ, тамоми сарвату дороии дунё насиби ӯст, аммо пагоҳ рӯзе мерасад, ки ба тиккаи ноне зор мешавад, имрӯз инсонеро тануманду солим мебинӣ, аммо пагоҳ лоғару камкуввату бемору заъиф мегардад.

Пас бояд, ки мисли кӯҳ сабур буд, мусибати дигаронро чун мусибати худ бояд донист, альон ки офияту бегазандиву беғамӣ насиби шумост, шукронаи Худойро гӯед, то чунин рӯзи некӯи шуморо бардавом бигардонад. Ҳамеша аз пайи кӯмаки дигарон бошед. Ба рӯзҳои гузаштаву фардоина Худойро ҳамд гӯед.

Беҳтарин сабқат ва ибрат ҳаёти Расули Акрам (с) аст, ки бузургтарин мусибатҳоро Худованд барояш

арзонӣ фармуд. Паёмбар (с) мусибатҳои зиёдеро аз сар гузаронид. Ба сари муборакаш аз ҷониби мушрикон чӣ қадар гажду бади ва шикамбаҳои наҷасолуди зиёдро рехтанд, пойи табарруки ӯ хунолуда шуд, рӯйи муборак ҷароҳат бардошт, дандони шарифаш шаҳид гашт, Маккаро вақте муҳосира карданд, хӯрдание намонд. Аз барги дарахт хӯрдан карда буданд. Аз Макка ронда шуд, тӯҳмати зиёдеро ба домани поки ӯ часпониданд, ҳафтод саҳобаи беҳтаринашон кушта шуд. Ҷигарбандонаш аз ҳаёт рафтанд, аз гуруснагӣ ба шиками худ санг баст. Тӯҳмати оне, ки гӯё Паёмбар соҳиру дурӯггӯву ҷодугар аст, таҳаммул кард. Оё ин бузургтарин ва сахттарин мусибат нест?

Аз ин пеш ба сари дигар паямбарон низ мусибат буд: Закариёро (а) куштанд Яҳё (а)-ро забх карданд (сарашро буриданд), Мӯсоро (а) ронданд, Иброҳимро (а) ба оташ андохтанд ва дигар бузургону имомон низ дар чунин мусибатҳо мубтало буданд. Саҳобагони кироми паёмбар низ. Ва дигар бузургону муҷтаҳидон ҳам.

## РӮЗИ МАҲШАР АВВАЛИН ПУРСИШ **НАМОЗ АСТ**

Аллоҳ ҳақ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд:

***"Эй ононе, ки имон овардед, ёрӯ талаб кунед бо воситаи сабр ва намоз"***

*(сураи Бақара, ояти* **153).**

Ҳар вақте, ки ғаму ғуссаи дунё ба гардани шумо бор мешавад, гоҳе, ки хавфу тарсу бим ба пойи шумо завлона мезанад, вақте, ки мусибат дар дилатон лона мегузорад, бархезед, намоз гузоред, ибодат кунед

Худойро, ки рӯҳу равон ва ҷисми шумо ором мегирад. Ғаму ғуссаҳо бартараф мешавад.

Ҳар гоҳе, ки Расулуллоҳ (с) дилтанг мешуд, ба Билол (р) мегуфт, роҳат бикунон моро бо намоз. Зеро хушбахтиро Паёмбар (с) ва саҳобагони ӯ аз намоз дарёфт мекарданд.

Ба таҳқиқҳаёти бузургонро омӯхтам, гузаштагон вақте ки ба гирдоби мусибат ғарқ мешуданд, раҳоиро дар намоз медиданд ва албатта тавассути намозу риёзат аз сари худ мусибатро дур месохтанд. Қуввату сабурияшон дучанд мешуд.

Ҳатто дар соати хавфу тарс, фарз шуд намози хавф, то собит ва мустаҳкам бошед. Ба ононе, ки беморӣ солиён азияташон медиҳанд, танҳо роҳи наҷот дар роҳи масҷид ва сар ба саҷда ниҳодан дар масҷид аст. То дар саҷда Аллоҳро розӣ кунонанд, то роҳи наҷотро Худованд ба эшон нишон бидиҳад.

Бузургтарин неъмати Аллоҳ намози панҷ вақта аст, ки боядақли худро ба кор бурд ва ба таҳқуқ бояд донист, ки намоз роҳи наҷот аст ҳам дар дунё ва ҳам дар охират. Зеро намоз кафорат аз барои гуноҳҳост, бардорандаи дараҷаҳоямон дар пешгоҳи Худованд ва беҳтарин шифо барои бемориямон аст. Ва албатта нигоҳдоранда аз бапову шарри инсу ҷинну шаётин мебошад.

Аммо нафароне, ки худро аз масоҷид канора мегиранд ва намозро тарк кардаанд, эшон аз машаққате ба машаққати дигар, аз ғаме ба ғами дигар, аз бадбахтие ба бадбахтии дигар ва аз дарде ба ба дарди дигар мубтало мешаванд.

## КИФОЯТКУНАНДА АСТ МОРО АЛЛОҲ ВА ЧИ ХЕЛ ХУБ КАФИЛИИ У

Гузоштани кор ба Аллоҳ, ба ҷалолати У таваккул кардан ва бовар кардан ба ваъдаҳои Ӯ ва гумони нек кардан ба Ӯ, умедвор шудан некиҳои Ӯро аз меваҳои имон аст, ки дили банда ором меёбад.

Ваҳте Иброҳими Халилро ба оташ афкananд, тамоми фариштагону одамони боимон гиря карданд. Аммо Иброҳим (а) гуфт:

"Кифояткунанда аст моро Аллоҳ ва чи хел хуб вакили ӯ". Худованд бо изни покаш оташро ба гулзор табдил сохт.

Пас, хулоса ин аст, ки инсон худаш барои раҳоӣ мубориза бурда наметавонад. Наметавонад рӯ ба рӯи машаққатҳо дар танҳоӣ пирӯз шавад, зеро инсоният заъиф халқ карда шудааст, магар ваққе тавакал кунад ба Аллоҳ ва такя кунад ба зоти поки Ӯ.

Пас чӣ кунад бандаи заъифу нотавон, ҳангоми балову мусибат, ки ин қадар нотавон аст? Посухи ин суолро Худованд медиҳад:

**"Ба *Аллоҳ тавакал кунед, агар мӯъмин*** *бошед"*
***(сураи Моидаҳ,*** *ояти* 23)

Эй ононе, ки мехоҳед нафси худро насиҳат бидиҳед, пас таваккал кунед ба Оне, ки шуморо халқ кардааст. То шуморо аз жарфнои балову мусибат бираҳонад. Пас ҳамеша бигӯед:

***"Ҳасбуналлоҳ ва ниъмал вакил"***

Вақте моли шумо рӯз ба рӯз кам мешавад, вақте қарзи шумо мефизояд, вақте даромад дар тиҷорату кори шумо боқӣ намонад, ба такрор бигӯед:

***"Ҳасбуналлоҳ ва ниъмал вакил"***

Ҳангоме ки тарс аз душман шуморо таҳдид мекунад, вақте мушти золиме ба сари шумо боло мешавад, бигӯед:

*"Ҳасбуналлоҳ* ва *ниъмал вакил"*

## ШАРОФАТИ САФАРУ САЙР ДАР РУИИ ЗАМИН

Он чӣ ки дилро мекушояд ва дур месозад абри ғаму андӯҳро, сафар кардан ба диёру шаҳрҳост. Дар рӯйи замини васеъ сайр кардан, назар ва шинос шудан ба коинот ва ибрат гирифтан аз махлуқот, баромадан ба кӯҳҳои баланд ва дидан аз боғҳои зебову дилкаШ, шомидани ҷуръае аз дарёҳои шӯхоб ва бӯй кардани гулҳои хушбуву зебо ғамро дур месозад. Дар кунҷӣ хона беҳуда нишастан боиси сар задани гаму андуҳӣ дигар аст. Бидонед, ки хонаи шумо ҳамаи олам нест ва шумо ҳамаи одамон нестед. Пас чаро бори ғам дай душ кунҷи хонаед? Қуръони азимушшаънро миёни боғҳо, дар ҳузури амвоҷи дарёҳо бо ҳамнавои хониши парандаҳо бо хузӯъ ва хушӯъи дил бихонед. Сайру сафар дар рӯи замин роҳатест, ки аксари табибон ва ҳакимон ба афроди ғамзадаву дардманд тавсия кардаанд. Ғами худро бо сафар бираҳонед!

## САБРИ ҶАМИЛ

Сабур будан хислати бузургонест, ки бузургирс аз сабр ёфтаанд. Қувваю иродаи оҳанинашон эшонро ба мақому манзалати бузургӣ расонидааст. Мову шумо низ ба ҷуз сабр дигар чорае надорем. Оё ба ҷуз сабр дигар роҳе ҳаст? Барои бандаи мӯъмин ба! ғайр аз сабр дигар тӯшае аст?

Сабр чун зиреҳи оҳанин ва ҷавшани душманшикан аст, ки ба тан кунед. Ҳар гоҳ ба сари бузургон лашкари ғам фурӯ мерехт, эшон бо ин зиреҳи хеш алайҳи он лашкар зафар меёфтанд.

Рӯзе Абӯбакри Сиддиқ бемор буд ва наздаш асҳоб даромаданд ва гуфтанд, ки табибро даъват кунем? Дар ҷавоб гуфт, ки табиб маро дид.

Боз гуфтанд, ки табиб чи ироъа фармуд? Дар ҷавоб гуфт, ки табиб (ин ҷо Худованд дар назар дошта шудааст) аз ман сабр хост ва ман ҳар чи Ӯ мегӯяд ҳамон кунам.

Пас сабр кунед аз барои Оллоҳ ва ҳатман аз Худованд кӯмакрс мунтазир бошед, ки Худованд ҳамроҳи собирон аст. Сабр кунед ҳангоме, ки чашмҳои шумо ҳеҷ чизро дар шаби тор намебинад. Худованд ҳатман субҳро мефиристад ва дунболаи мушкилӣ осонист ва поёни шаби сиёҳ сафед аст.

## ЗАМИНИДОИРАШАКЛРО БА ДУШ НАБАРДОР

Баъзе одамоне ҳастанд, ки дар нафси онҳо ҳамеша ҷанги умумиҷаҳонӣ қоим аст. Аммо дарк намекунанд, ки дар рахти хоби бароҳатанд. Худро ба ҳар ҳодисаи ҷаҳон мағшуш медоранд. Худро ба ғазаби худ гирифтор мекунанд, аз баланд шавии нархи анвоъба ҷаҳлу ситеза мепардозанд, ба таъхири борон ё зиёдии ӯ қаҳр мекунанд Фишори хуни худро баланд месозанд аз пасту баландии курби пул. Аммо ҳол он ки ҳамон пулро ҳам дар даст надоранд. Пас насиҳат ин аст, ки курраи заминро ба сари хеш набардоред. Ба ҳар ҳодисае, ки ба шумо мутаалиқ нест ва шумо ҳалли онро ёфта наметавонед, беҳуда худро гирифтор насозед? Чаро беҳуда худро |

андармони ғами беҳуда мекунед? Азизи дил, охир дер омадани Сӯроон ва ё боздоштани он дар дасти ману шумо нест. Болоравию пастшавии нарх аз имконоти ману шумо берун аст. Дунё тавъами пастиву баландӣ аст, худро бо дастони худ ба оташи гусса наяфканед.

Марди шуҷоъ ва боимон худро аз ин ҳодисаҳо, ки марбути иродаи Худованд аст ва ҳалли он низ, ки ба Худованд бастагӣ дорад, машғул намедорад. Аммо афроди тарсӯ ва беимон ҳар як рӯз дар ҳар ҳодиса худро бо шамшери ғам ба ҳалокат мерасонанд. Пас шумо ҳамеша ризкро, камбуду фаровонии неъматро аз иродаи Худованд бидонед, зеро Офаридгор пеш аз халқ кардани ману шумо ин қазову қадарро садҲо ҳазор сол пеш мактуб кардааст.

## ҒАМИ ДУНЁИ НОЧИЗ ШУМОРО НАКУШАД

Ба ғами баъзе ғамзадагон жарфтар нигоҳ кунед, пас мебинед, ки ғами онон ғами ночизи дунё аст. Ба мунофиқони замони Пёмбар (с) назар кунеД, мебинед, ки ғами эшон ночиз аст ва ҳамин ғами ночйз боиси аз даст додани саодати дунёву охирати эшон гашт. Вақте эшонро ба ҷиҳод даъват карданд, гуфтанд, ки хонаи мо беодам аст ва ё иброз доштанд, ки дар ин гармиҳо нобуд мешавем ва ё баҳонаҳои дигар пеш оварданд, ки Худованд ва расули Ӯ дар ҳеҷ ҷой чунин нафармудаанд. Зеро ғами эшон шикамҳояшон, қасру кушкҳояшон ва дунёи ночизашон буд. Аммо дунёро бо чашми ибрат надиданд, осмони зеборо бо ситораҳояшон надиданд, нузули раҳмати Худовандро надиданд, танҳо чашми эшон ба хару аробаҳояшон банд буду

ғами ҳамонро мехӯрданд.

Баъзе нафарон ҳастанд, ки бо сабаби ночизтарин бо зану фарзандон ва наздикони хеш дар пархошу ҷанҷол мешаванд. Ҳам худро ва ҳам эшон дар баҳри ғаму андӯҳ ғарқ месозанд. Аммо Дарк намекунанд, ки он сабаб хеле ночиз аст. Ваҳто кӯдаки шумо пиёларо шикаст, бо ҷанҷолу ҳархашаи зиёд наметавон пиёлаи шикастаро аз нав эҳё кард. Беҳуда намегӯянд, ки вақте аз даруни кӯза об рехта мешавад, ба ҷойи ӯ ҳаво ворид мешавад. Оби рехта барнамегардад.

Ба ин хотир, ба ҳар коре фикри худро андармон насозед, ба ҳар пешомади дунё худро наяфканед. Бидонед, ки пеш аз гуфтор, андеша беҳтарин нишонаи бузургист. Қиссаи байъат кардани саҳобагони бовафову содиқро ба ёд биёваред, ки эшон аз барои Худо бо ҳамдигар зери дарахте аҳду байъат мебастанд, аммо нафаре, ки аҳду байъат бо шутури хеш дошт, ҳамонро низ аз даст дод, шутураш гум шуд. Ин мард аз пушти шутурковй аз байъати Расули акрам (о) монд. Пас ба чизҳои ноарзандаи дунё машғул доштани фикратонро тарк кунед.

## БА ОН ЧИЗЕ, КИ ХУДО ДОДААСТ. ҚАНОАТ КУН

Худованд алъон, ки дар кафи дасти шумо чизе додааст, ба он қаноат кунед. Хоҳ мол аст, хоҳ пул аст, хоҳ зану фарзанд аст ва хоҳ тиккаи ноне аст.

Дар Қуръон мефармояд:

*"Гир ҳар он чӯ ки ба ту додам ва ба ҳамин шокир бош"*

*(сураи Аъроф, ояти* 144)

Ба ҳаёту зисти уламову бузургони пештар нигоҳ кунед, мебинед, ки эшон зиндагии хубу марғубе надоштанд. Моли изофаву сарвати дунё барояшон бегона буд. Аммо номи онҳо дар тӯли таърих ба ҳамешагӣ зинда монд. Ба таҳқиқ эшон бузургтарин ва сарватмандтарини мардум ҳисоб мешаванд. Зеро ҳар чӣ Аллоҳ ба онҳо дод, иктифо ва шукр карданд, он додаро ба ҷои дурусту пок масраф сохтанд. Пас Аллоҳ ба умру вақти эшон барака дод. Ва дар сафҳаи таърих ҳастанд нафароне, ки ҳамеша дар пайи ҳирси молу сарват буданд, ки сабаби бадбахтияшон гашт. Зеро онҳо аз роҳи рост ва дини ҳақ баргаштанд. Ин далолат; мекунад, ки молу ҷоҳталабӣ боиси хушбахтӣ нест.

Агар хушбахтиро хоҳонед, пас он чӣ Холиқ ба шумо муносиб дидааст, аз зумраи молу мулк, зану фарзанд ва сарвату давлату ақлу идрок, қаноат кунед. Ато ибни Рабоҳ, яке аз уламои вораставу бузург, дар аҳдаш ғулом буду бинии кӯчак дошт. Шал буду мӯйҳои жулидаи шонанозада дошт. Аммо хушбахт буд, неъмате, ки Розиқ ба ӯ дода буд, шукр мегуфт. Аҳнаф ибни Қайс ҳалими араб, тани логару хароб, сокҳои борик ва қомати заъиф дошту букрӣ буд. Шукр мекард ва хешро хушбахт ҳисоб мекард. Воқеан хушбахт буд. Аъмаш-муҳаддиси бузург ва олими шинохта, ки номаш дар таърих бо некӣ мондааст, ғулом буду чашмони заъиф дошт. Камбағалу бенаво, буд, ки сару либоси дарида ба тан дошт, кулбаи хоксоронае дошт, ки хеле дар ҳолати бад буд, лекин саодатро дарк кард.

Ҳатто пайғамбарони Худо ҳамагӣ рӯзҳои сахттаринро диданд. Чӯпонӣ карданд, Довуд

оқангарӣ, Закарриё дуредгар, Идрис дӯзанда, аммо ҳамагӣ беҳтарин инсонҳо буданд. Юсуфро чун ғулом бародарони худаш фурӯхтанд, бардаву ғулом буд. Бубинед, ки аз қаъри чоҳ то ба фарри шоҳ расид.

Ҳар он чизе, ки Худованд ба шумо хоҳ аз мол, хоҳ аз ҷамол насиб дид, ризо бошед. Худованд мегӯяд:

*"Мо қисмат кардем байни онҳо маишаташонро дар ҳаёти дунё"*

*(сураи Зухруф, ояти* 32)

## БИХИШТРО ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД, КИ АРЗИ У ОСМОНУ ЗАМИН АСТ

Агар дар дунё гурусна мондӣ ё фақир гаштӣ ё бемор ё дар ҳаққи ту зулм шуд, пас ором кун нафсатро ба биҳиште, ки интизори туст. Агар ин ақидаро дар фикри худ ҷой диҳӣ, дар он сурат кулли зиён ба фоида ва кулли бало ба мукофот табдил меёбад. Оқилтарин инсон касест, ки тамоми аъмоли хешро аз барои охират ,судур менамояд, зеро охират беҳтар ва боқист. Аҳмақтарин мардум ононеанд, ки ҳамин дунёро охирин қароргоҳ ва охирин умед медонанд. Пас ин тавр одамон бесабртарин махлуқанд дар вақти мусибат. Зеро онҳо ба ҷуз худ ба атроф назар намекунанд. Тамоми хурсандиро вобастаи худ медонанд ва талхии зиндагиро аз иродаи Худованд намедонанд. Ин аст, ки дар андак мусибат даст ба худкушӣ мезананд. Лекин агар эшон донанд, ки неъмати охират аз қасру ҳурони зебосиришти биҳишт иборат аст, машаққати дунёро ҳам мепарзируфтанд ва ҳам паси сар карда, ба саодат дастёб мешуданд.

Оё боре ба андешаи мо зад, ки дар биҳишт касе

бемор намешавад, ғам дур асту ҷавонӣ ҳамешагиву либос кӯҳнаву ифлос намешавад? Биҳиштро ягон чашме надида ва гӯше нашунида ва аз хотири касе нагузашта. Дар зери сояи дарахтони он савора сад сол роҳ мегардад, аммо сояй дарахт ба охир намерасад. Дарёҳояш ҷориву мусаффо қасрҳои зебову барҳаво тахтҳои шоҳии ба боло бардошта шуда, кӯзаҳо аз забарҷад, болинҳо аз нафистарин матоъ фаршҳои мурассаъ, хурсандии комил ва шодии бепоён дар биҳиштаст. Оё дар ин бобат фикр мекунем? Ин қадар лаззатҳое ки Худованд ваъда кардааст, бо андак лаззати дунёи ночиз табдил надиҳем. Ва ба каме ғаму андӯҳи он худро ба ҳар бало гирифтор мекунем. Ин сабаби аз биҳишт худро маҳрум кардан аст.

На, мо сабр хоҳем кард, ки ин машаққати дунё рӯзе поён меёбад ва ҳурони ҷаннати фирдавс моро мунтазир аст. Худованд мефармояд:

*"Салом бар шумоён, ба оне, ки сабр кардед пас чи хел хуб аст, оқибати ин биҳишт"*

*(сураи Раъд, ояти 24)*

## ҒАМУ ҒУССА ХУРДАН МАТЛУБ НЕСТ

Ғамгин шудан наҳй аст дар сухани Худо:

*"Ва суст нашавед ва гамгин ҳам нашавед"*

*(сураи Оли Имрон, ояти* 48)

Зеро ғам кушандаи ирода аст ва хомӯшкунандаи ҳаракат, харобу лоғаркунандаи тан, заъф бахшандаи зеҳн ва ақл аст. Ғам фоида ё маслиҳате надорад. Ҳар ойина шайтон дӯст медорад лаҳзае, ки бандаи мӯъмин дар банди ғам бошад. Нагузоред, ки шайтон | аз шумо хурсанд бошад.

***"Ҳар ойина наҷво аз шайтон аст, то ин ки гамгин кунад, ононе, ки имон овардананд"***

*(сураи Муҷодала, ояти 10)*

Ҳатто Расули акрам (с) наҳй карданд:

***"Се касеро, ки ҳамроҳанд, агар дуи онҳо пинҳонӣ сухан кунад, саввумӣ гамгин мешавад".***

Ин ҳадис ҳам далолат мекунад, ки ғаму ғусса хурдан ғайри матлуб аст. Ба таҳқиқ Паёмбари охирзамон ҳамеша аз Худо металабиданд, ки аз ғам хӯрдан нигоҳ дорад. Ғаму ғусса лойкунандаи оби мусаффои ҳаёт ва талхкунандаи айш ва хомӯшкунандаи нафс мебошад.

Бидонед, ки дар дунё гаму андӯҳи хуб ва марғуб низ ҳаст, ки оқибати хуб дорад. Ба мисли ғам хӯрдан ба тоате, ки дар вақташ натавонистед ба ҷо биёваред, ё дар ғами як бародари мӯъмин шарик будан, савоби куллӣ дорад, ки оқибат ҳидояти Худованд аст. Зеботарин ғам дар ҳузури Худо, ғами дин хӯрдан, ғами халқи мусулмонеро ба дил роҳ додан ва ғами ватану миллат аст. Зарур аст, ки ғамҳои заруриро аз беҳуда фарқ кунем аз андӯҳи беҳуда дур бошем.

Ғамӣ дин хур, **ки** ғам ғами **дин** аст<br>
Ҳама ғамҳо фурӯтар аз **ин** аст.<br>
Ғами дунё махӯр, **ки** беҳуда аст<br>
Ки ҳеҷ кас дар **ин** дунё наёсудааст.

Эй Аллоҳ, моро ба нури яқин мунаввар бикун ва ҳидоят кун моро ба роҳи мустақим ва наҷот деҳ моро аз ғаму андӯҳ.

**ЯКЧАНД ДУОХОЕ, КИ ГАМУ...УССАРО ДУР МЕСОЗАД**

*- Ло илаҳа иллаллоҳул азимул ҳ*

*иллаллоҳу раббул аршил азим. Ло илаҳа иллаллоҳу раббус самовоти ва раббул арзи ва раббул аршил карим. Ё ҳай ё қайюм. Ло илаҳа илло анта бираҳматика астагийсу.*

*- Оллоҳума раҳматака арҷу, ф*

*нафсӣ тарфата айнин ва аслиҳли шаъниҳ куллаҳ, ло илаҳа илло анта.*

*-Астагфируллоҳал лазӣ ло илаҳа иллоҳувал ҳайюл қайюм ва атубу илайҳ.*

*- Ло илоҳа илло анта субҳонака*

*миназ золимин.*

*-Оллоҳума иннӣ аъузу бика минал ҳамми вал ҳузни вал аҷзи вал касалӣ вал бухлӣ вал ҷубнӯ ва залаид дайнӣ ва галабаттир риҷол.*

*-Ҳасбуналлоҳи ва ниъмал вакил.*

Хандаи мӯътадил давое аст аз барои андӯҳ ва шифоест аз барои ғам. Табассумро ҳувваи аҷибест, ки рӯҳ оромиш мебинад. Гуфтанд Абудардоъ: "Ҳар ойина ман механдам зеро хотирам ҷамъ мешавад". Ҳатто Расули акрам (с) вақте ки табассум мекарданд, дандони ашкашон намоён мешуд. Аммо Паёмбар (с) маломат кардаанд хандаи беисрофонаро. Чуноне ки Расули худо (с) мефармояд:

*"Бисёр ханда накунед, зеро аз хандаи бисёр дил мемирад".*

Аммо табассумро Паёмбар (с) бештар дӯст медошт. Ҳатто табассум ба рӯи ҳамсӯҳбатро Хотам-ул-анбиё (с) садақа меҳисобад. Яке аз неъматҳое, ки Худованд ба аҳли ҷаннат додааст, ин табассум ва хандаи зебо аст.

Аммо ҳақиқат ин аст, ки ислом дар ҳамаи кор эътидолро дӯст медорад. Аз ин рӯ бадқавоқи ғуборолуда мабош ва ҳамзамон аз хандаи бардавоми беҳуда низ дур бош. Аҳмад Амин дар китоби худ мегӯяд: "Нестанд табассумкунандагон хушҳол-кунандаи нафси худ". Балки онҳо қодиртар ҳастанд бар амал ва аҳамиятдиҳанда ҳастанд ба кори хеш. Агар ихтиёри интихоби ду чиз ба ман мебуд-яке давлату сарвати пуриандӯҳ ва дигаре зиндагии миёнҳолонаи фараҳбахш, пас ман зиндагии осудаи хурсандиро интихоб мекунам. Ба кӣ лозим зани зебову бадқавоқ, ки зиндагӣ мисли дӯзах аст. Аз ин гуна зан ҳазор маротиба зане, ки ҳуснаш каму бо табассумаш хонаро биҳишт мегардонад, беҳтар аст.

Баъзан ҳолат мешавад, ки бар хатогии кӯчак ва ё

пешомади ночиз, ба мисли табақ шикаст, таом намак надорад ё шамол шуду барги он ба рӯи ҳавлӣ рехт, баъзе мардум фалакро бо доду фарёд ва бадҳавоқии худ ба сарашон мебардоранд. Лекин нафароне низ ҳастанд, ки дар ивази чунин пешомад ба ҷои ғазаб бо табассуми худ бахшиш ато мекунанд. Ҳар нафаре ки табассуми зебо ва дили бузург дорад, ҳамеша ғалаба мекунад ва тамоми мушкилот дафъ мегардад.

## ҒАМГИН МАШАВ

Ғамгин машав аз он, ки дирӯз таҷриба кардӣ, ки фоидае надорад. Фарзандат аз имтиҳон афтид ғамгин шудӣ, оё бо ин ғам аз имтиҳон гузаронида мешавад? Наздиконат мурданд, бо ғам зинда мешаванд? Дар тиҷорат зарари бузурге дидӣ, бо ғам фоида ба даст меояд?

Ғамгин машав, агар дар мусибате ғамгин шудӣ, ғамат боз зиёда мешавад, агар аз камбағалӣ ғамгин шудӣ, ҳамон андоза камбағалтар мешавӣ.

Ғамгин машав, зеро ба чашмат оби соф ҳам лой менамояд, гуле ба назарат чунин менамояд, ки мисли хоре арзиш надоргд ва боғе биёбону ҳаётро зиндон намоиш медиҳад.

Ғамгин машав, зеро дини ҳақ дорӣ, хӯрданию пӯшиданӣ, оилаву фарзанд дорӣ ва аз ҳама муҳим Худо дорӣ.

## НЕЬМАТИ АЛАМ ВА ЁДАРД

Дарду алам доиман бад нест. Ҳузури Худованд гоҳе дарду алами бандагон хушояндтарин хислат ва, зеботарин амал маҳсуб мешавад. Ин чӣ гуна дарду

алам аст? Маънӣ: Инсон вақте ба дарду алам ги|эифтор мешавад, пасон вақт дидан мумкин, ки дуо аз таҳти дил мебарояд.

Дарду алам маншаъи дуоест, ки аз дил мебарояд. Дарду алам нисбат ба нафаре, ки 6а сараш мусибат омадааст, барои худаш низ хушоянд аст. Шоир ҳам шеърро бо дарду алам бинависад, он шеър муассир ва мақбули ҳамагон мегардад. Воизе сухан аз таҳти дил бо дарду алам бигӯяд, он сухан ба дил рафта мерасадб Ҳар сухане, ки бе дарду алам танҳо аз забон мебарояд, ба гӯш медарояду халос, на ба дил. Ҳар вақто, ки мехоҳӣ сухани ту шево ва гиро бошад, аз кӯчаи дарду алам гузаре кун.

## **НЕЪМАТИ** МАЪРИФАТ

Нодонӣ барои дил марг ва кушандаи ҳаёту бебаракатии умр аст. Илм нурест аз барои чашм ва аз барой рӯҳ. Оре, хурсандӣ ва дилкушодӣ ҳамроҳи илм аст, зеро илм калиди қуфли баста шудаест. Дарёбандаи гумкарда ва фараҳбахш ба руҳу равон аст. Зеро нафаре, ки ташнаи илм аст, аз пайдо кардани маълумоти нав чунон шод мешавад, ки гӯё ҳарисе, дунёпарасте кӯҳи тилло ёфта бошад.

Аммо ҷаҳлу нодонӣ барои нафсу рӯҳ малол ва бори гарон аст. Зеро барои ҷоҳил ягон навигарии дирӯзу имрӯз фарқе надорад. Саодатмандиро хоҳӣ, талаби илм кун, маърифат ҳосил намо, ба таҳқиқ бидон, ки ғаму ғусса аз гу дур мешавад. Худованд мефармояд:

"Бигӯ, *эй парвардигорам изофа бикун илми маро"*

*(сураи Тоҳо, ояти 114)*

Ва боз:

*"Бихон ба номи парвардигоре, ни халқ кард"*

*(сураи Алақ, ояти 1)*

Паёмбар (с) мефармояд:

*Оллоҳ агар ба касе некиро бихоҳад, дар дин фақеҳаш мекунад" яъне олим мегардонад.*

Пас мояи фахр нест, вақте ки молу сарват дориву беилм ҳастӣ. Зеро чунин ҳаёт комил ва умр пурра нест. Бидонед, ки илм мероси пайғамбарон аст. Онҳо молу мулк мерос нагузоштанд, балки илмро ба мо вогузоштанд. Пас талаб кардани чунин мерос беҳтарин аҷр аст.

## ҒАМГИН МАБОШ

Ғамгин мабош, ки ту фақир ҳастиву сарвати кам дорӣ, зеро ба гайр аз ту каси дигаре низ ҳаст, ки умуман тиккаи ноне надорад, қарзи зиёд бар гарданаш бору хонаашро фурӯхта бесаробон аст.

Агар ту маркаб ё мошини гаронбаҳо надорӣ ва аз ин пайвасл а ғам мехӯрӣ, бидон, ки ба ғайр аз ту каси дигаре низ ҳаст, ки умуман пой надорад. Ва ё пой дораду фалаҷ аст, роҳ гашта наметавонад.

Агар туро боре бемории кӯчак як лаҳза азиятат дод, бидон, ки нафаре низ ҳаст, ки якумр аз бистари беморӣ нахестааст.

Агар фарзанди писар надорӣ ва аз ин ғам мехурӣ, бидон, ки афроде низ ҳаст, ки дар орзуи нохуни фарзанд як умр зор аст, умуман фарзанд надорад.

Агар аз офате ё беморие фарзанди ту мурд, бидон, ки дар ҷои дигар нафареро тамоми фарзандаш дар як лаҳза ба коми дарё фурӯ рафта ё дар натиҷаи

заминларза ҳама зери бори хона монда мурдаанд.

**<u>Ғамгин мабош</u>** зеро туро Худованд мусулмон офаридаст. Имон ба Худо дорӣ ба расулу малоикаҳояш, рӯзи охирату такдироти неку бад бовар дар дилат қойим аст. Лекин гайри ту ононе ҳастанд, ки кофир зода шуданд, Худо надоранд, дурӯғ мегӯянд ва паямбарону рӯзи охират ва тақдири неку бадро инкор мекунанд.

**<u>Ғамгин мабош,</u>** вақте гуноҳсодир кардӣ, тавба гӯй. Бадие кардӣ, истиғфор бигӯй, хатогие дори, ислоҳ кун. Раҳмати Оллоҳ бузург аст ва дари ӯ ҳамеша барои тавба боз аст.

**<u>Ғамгин мабош</u>.** зеро монда мешавад асабҳоят, баданҳо хаста ва шабҳои бароҳат ба бехобиву азият табдил меёбад.

## ХУШБАХТИИ САҲОБАГОН БА МУҲАММАД (С)

Ба таҳқиқ бидонед, ки Расули акрам (с) вақто ки ба даъвати илоҳӣ омад, моли дунё надошт, на ганҷе дошту на боғе ва на дар ягон қасре зиндагӣ мекард. Аммо саҳобагон, ки дӯстдоронаш буданд, гирди ӯ печиданд, байъат карданд. Бо чунин муҳаббат онҳо машаққату сахтии зиндагиро бартараф карда тавонистанд. Муҳаббат аз барои Худо байни эшон буд, ки дар ҳама кор пирӯз буданд.

Қавмҳояшонро мушрикон муҳосира карданд, нони хӯрдание намонд. Аз хешу табори хеш канда шуданд ва пайваста аз ҷониби мунофиқон мавриди истеҳзо қарор мегирифтанд. Аммо бо вуҷуди ин, дӯстдории эшон барпо буд. Баъзеи онон дар реги тафсон азоб дода

шуданд, баъзеи дигар ҳабс гардиданд, баъзе аз патукӯб ҷароҳат бардошта, баъзеи дигар кушта шуданд. Аммо бо вуҷуди ин дӯстдории эшон барпо буд.

Аз зодгоҳ дур, аз хешу табор канда, аммо муҳаббати якдигар даст накашиданд. Дар ҷавонӣ дар айни камолот дар зери шамшери тез сарҳошон бурида шуд. Ба ҷиҳод тавре хурсандона мебаромаданд,ки гуё ба идгоҳ ё саёҳате рафта истода бошанд. Лекин барои чӣ саҳобагон паёмбарро дӯст медоштанд?

Зеро саодатро дар пайравии ӯ диданд ва ба роҳи ӯ гаравиданд, чунки дилҳояшон ором гирифту дарду алам ва ғаму гуссаро фаромӯш карданд. Ҳамаи некию хурсандиро дар вуҷуди поки Паямбар (с) медиданд. Ҳар лаҳзае ки ӯ сухан мекард, ҳама муштоқона гӯш мекарданд, чунки бо ҳарфҳои ӯ дилҳояшон аз ҳасуду душманиву ифлосӣ тоза мешуд. Аз худоҳои дурӯғин, ки аз сангу чӯб сохта шуда буданд, дур шуданд ва бо ин сабаб саодати ду дунёро ба даст оварданд. Лаззат ва маънии комили ҳаётро бо наҷоташ дар пайравии Муҳаммад (с) диданд. Худованд мегӯяд:

*"Мо нафиристодем шуморо магар раҳмате* аз *барои оламиён"*

*(сураи Анбиё, ояти* 107)

Боз:

*"Мебарорад Аллоҳ (бо сабаби Муҳамад (с) онҳоро аз торикӯ ба сӯи нур"*

*(сураи Бақара, ояти* 251)

Боз:

*"Ҳар ойина ҳидоят мекунем эй Муҳаммад (с) ба роҳи рост"*

*(сураи Шуро, ояти 52)*

## ҒАМГИН МАШАВ

Ғамгин машав, зеро қазо мафруғ ва тақдирот ҳатман воқеъшаванда аст. Қаламе, ки қазову қадарро навишт, дигар қобилияти навиштан ва таҳриру аз нав навиштанро надорад. Китобе, ки дар он тақдир сабт
1 шудааСт, кайҳост, ки пушида шудааст. Ва он чӣ навишта шудааст, пас ба дурустӣ, ки воқеъ мешавад. Ту наметавонӣ, бо гиряву ғаму андӯҳ тақдирро ба таъхир андозӣ ва ё пештар биёварӣ.

Ғамгин машав. Зеро бо андӯҳ наметавон акрабаки соати рафтаро ба қафо гардонид, наметавон гардиши фалакро боздошт, ё мачрои дарёро ба қафо ҳидоят кард.

Ғамгин машав, чунки ғам монанди ҳавои заҳролуд аст, ки ҳавои тозаро вайрон, обҳоро бадбӯ ва осмонро тираву гулҳоро пажмурда месозад.

Ғамгин машав, ки ғам монанди баҳри девона аст, ин баҳрро дигаргун карда намешавад, аз баҳр ба баҳр мерезад. Ё монанди нависандаи девонаест, ки бо ангуштонаш ба рӯйи сафҳаи об асари худро менависад.

Ғамгин машав, зеро умри ҳақиқии ту хушбахт будан аст ва ин умрро ба ғаму андӯҳ нафақа накун. Шабҳоятро бар андӯҳ householdдивоҷ мадеҳ, соатҳои умратро ба ғусса тақсим накун, вақтатро бо ин беҳуда ғам хӯрдан исроф масоз. Чунки Аллоҳ исрофкоронро дӯст намедорад.

## ШОД АЗ ТАВБАПАЗИРОЙИИ АЛЛОҲ БОШ

Оё дилат шод намешавад ва ғамат дур намегардад, ки Худованд ғами туро пеш аз ту хӯрдааст ва ваъда кардааст:

*"Бигӯ (эй пайгамбар), эй бандагоне, ки исроф кардед бар нафсҳоятон. Ноумед нашавед аз раҳмати Аллоҳ. Албатта Худованд магфират мекунад ҷамии гуноҳҳоро. Ҳар ойина Аллоҳ магфираткунандаву меҳрубон аст".*

*(сураи Зумар. ояти* 53).

Бидонед, ки Худованд хитоб кард, ки ҷамиъи гуноҳҳоро мебахшад, ҳар ойина касе тавба кунад. Барои улфати дили бандагон бандагонро аз навмедӣ манъ кард. Зеро навмед шайтон аст.

Дар ҳадиси саҳеҳи Паёмбар (с) омадааст:

*"Ҳар ойина Худованд ҳар шаб дастонашро мекушояд, то гуноҳҳои дар рӯз содиркардаи бандагонашро бубахшад, ба таҳқиқ дастони Худо рӯзона низ боз аст, то гуноҳҳои дар шаб содир кардаи бандагони гуноҳкорашро авф намояд, то он даме, ки офтоб аз магриб барояд".*

Дар ҳадиси дигар омада:

*"Кулли фарзандони одам хатокоранд. Ва беҳтарин хатокорон тавбакунандагонанд".*

Боз дар ҷойи дигар мефармояд:

*"Худованд хурсандтар мешавад аз тавбаи, бандагонаш* аз марде, ки дар роҳилааш мерафт ва болои он шаробу таъом дошт, ки вақти зарурат мехӯрд. Замоне роҳилаашро гум кард ва саҳроро хеле гирд гашт, аммо наёфт. Ноумед зери дарахте омад ва хоби сахте ӯро ғалаба кард. Аз хоб бархест,

ки роҳилааш дар ҳузураш истодааст. Пас хеле хурсанд мешавад ва саҳван мегӯяд, ки "Эй Аллоҳ ту бандаи ман астӣ, ман парвардигори ту».

У аз хурсандии беҳад хато карда буд. Аммо Худо ӯро бахшид.

## ҲАМАИ КОР АЗ ТАКДИРОТ

Ҳар як чиз аз такдирот вобаста аст. Ва эътиқоди аҳли ислом ва пайравони Расули акрам (с) ҳам бар ин буд ва эшон маҳз аз донистани кулли воқеъот, ки аз ҷониби тақдири Худованд аст, ҳидоят ёфтанд. Ягон воқеъа рӯй намедиҳад, магарам, ки ба донисти Аллоҳ ва изну иродати Ӯ. Чуноне дар Қуръони маҷид мефармояд:

*"Ҳар ойина ҳамаи чизро халқ кардем бо тақдирот"*

*(сураи Қамар, ояти* 49)

Ҷойи дигар мефармояд:

*"Ҳар ойина месанҷем шуморо бо чизе аз тарс ва гуруснагӣ ва нуқс дар молҳо ва нафсҳо ва меваҳо. Ва хушхабарӯ деҳ сабркунандагонро".*

*(сураи Бақар, ояти* 155)

Паямбари гиромӣ (с) фармуда:

*"Аҷабо бароикори мӯъмин, киҳамаашхуб аст. Агар ӯро фарохие расад шукр мекунад ва ин амали нек аст. Ва агар ӯро тангие бирасад, сабр мекунад, пас ин ҳам хуб аст. Ва ин хислат магар барои мӯъминон ба дигаре нест"*

Дар ҳадиси дигар мефармояд:

*"Вакте чизеро аз Аллоҳ мепурсӯ, бипурс, вақте мехоҳӣ чизеро талаб кунӣ, талаб кун. Ва бидон,*

*ки агар тамоми уммат ҷамъ шааанд ва ба ту хостори кӯмак расонидан шаванд, фоида расонида наметавонанд, магар он чӯ Аллоҳ навиштааст. Ва агар ҷамъ шаванд то ба ту зараре бирасонанд, ҳеҷ зараре наметавонанд расонид, магар он чӯ навишта шудааст дар қазову қадар барои ту. Қаламҳо бардошта ва кигпобҳо пӯшида шудааст".*

Агар теғи олам бичунбад зи ҷой.
Набурад рагеро нахоҳад Худой.

## ШОДИРО МУНТАЗИР ШАВ

Дар ривояти Тирмизӣ аз Паёмбар (с) омадааст, ки *"Беҳтарин ибодат интизори кушоиш аст".*

Зеро шаби ғамзадаҳоро ҳам субҳи шодй мунтазир аст. Худованд мефармояд:

*Пас албатта ҳамроҳии мушкилӯ осонӯ ҳаст" (сураи Шарҳ, ояти* 5).

Дар ҳадиси саҳеҳ омадааст:

*"Бидон, ки албатта зафар бо сабр аст ва албатта кушоиш бо андӯҳ".*

Шоире мефармояд:

*Аз ноумедиҳо басе умед аст.*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*

## ҒАМГИН МАШАВ

Ғамгин машав, ки табибони беҳтарин ва доруҳои ноёбтарину нодиртарин низ ғами туро раҳонида наметавонанд. Илло замоне худ бояд ба суйи хушбахтӣ бидавӣ ва ҳаракат кунӣ. Зеро ту дар дилат ғамро ҷой

додай ва онро мисли гавҳараки чашм нигоҳ медорӣ.

**<u>Ғамгин машав</u>.** Зеро молик ҳастӣ ба дуо. Метавонӣ раҳой аз ғамро бо Худованд масъалат кунӣ **ва аз** Ӯ пурсӣ. Метавонӣ андар ин ҳол низ сукунатро ихтиёр кунӣ дар назди Подшоҳи подшоҳон ва бо ҳамроҳии Ӯ. Бихез аз рахти хоб, як шаби умратро бо дуову ибодат гузарон, аз сидқи дил талаб кун, танҳо ихлос ба Худованд намо, ба ту замонату кафолат медиҳам, ки тамоми мушкилият осон мешавад.

**<u>Ғамгин машав</u>.** Ҳоло, ки ту аз оби зулолу менӯшиву аз ҳавои тоза нафас мекашӣ ва бо тани сиҳат роҳ меравӣ. Ту бадбахт нестӣ, ту ҳанӯз хушбахтӣ, ки чунин давлат дорӣ.

### ИСТИГФОРРО БИСЁР ГУЙ

Аллоҳ таъоло мефармояд:

*"Пас гуфтем, талаби омурзиш кунед аз парвардигори худ. Ҳар ойина Ӯ омурзанда аст, то бифиристад ба шумо борони резанда. Ва пай дар пай бидиҳад шуморо амволу фарзандон ва бидиҳад шумоёнро бӯстонҳо ва пайдо кунонад ҷӯйборҳо"*

*(сураи Нӯҳ, ояти 10)*

Пас истиғфор бисёр кун, то бубинӣ фараҳ, оромиши дилҳо, ризқи ҳалол ва фарзандони ссилиҳро. Дар ояти дигар омадааст:

*"Ва он ки омурзиш талаб кунад аз парвардигори худ ва боз тавба кунад ба сӯйи Ӯ, то баҳраманд созад шуморо бо баҳраи нек то вақти маълум ва то бидиҳад ҳар соҳиби бузургиро бузургӣ".*

*(сураи Худ, ояти 2)*

Ва дар ҳадиси дигар мадааст:

"Ҳар касе ***бештар талаби истигфор бикунад, Аллоҳ гамашро ба шодӯ табдил медиҳад ва аз ҳар як тангӯ раҳоӯ мебахшад".***

Хусусан зарур аст, ки ин истиғфорро барои худ пеша намой.

***"Аллоҳумма анта раббӯ,ло илоҳа илло анта, халақтанӯ ва ано абдука, ва ано ало аҳдика ва ваъдика, мостатаъту, аъузу бика мин шарри мо санаъту, абуъу биниъматика алайя, ва абуъу бизамби фагфирлӯ, фаиннаҳу ло ягфируз зунуба илло анта".***

## ЛОЗИМ БИГИР ЗИКРИ АЛЛОҲРО

Аллоҳ таъоло мефармояд:

***"Огоҳ бошед, ки ба зикри Аллоҳ дилҳо ором мегирад"***

(*сураи Раъд, ояти* 28)

Дар дигар оят мефармояд:

***"Ёдоварӯ бикунед маро, то ёдоварӣ кунам шуморо"***

(*сураи Бақара, ояти* 152)

Дар дигар ҷой мефармояд:

***"Эй ононе, ки имон овардед, машгул нагардонад шуморо амволи шумо ва на фарзандони шумо аз ёди Аллоҳ ва ҳар кӯ чунин кунад ,пас он ҷамоъат зшони зиёнкоранд"***

***(сураи Мунофикун, ояти*** 9).

Ва дар ҳадиси саҳеҳе омадааст:

***"Мисоле оне ки ёдоварӣ мекунад парварди-горашро ва оне ки ёдоварӣ наменунад мисли***

*мурда ва зиида аст".*

Дар дигар ҳадис фармуда:

*"Ғалаба карданд муфрадон. Сипас саҳобагон пурсиданд, ки эй расулуллоҳ муфрадон кистанд? Гуфт : Муфрадон занону мардонеанд, ки Худоро бисёр зикр кардаанд".*

Умуман зикри Аллоҳ дар оёту аҳодиси зиёде васф шудааст, ки зикри Худой на танҳо барои охират муфид аст, балки Худованд дар ин дунё ҳам бо шарофати зикри бандагонаш васвасаҳои шаётинро дур месозад, аз зарари ҷинну амали соҳирону коҳинону дур ва аз бадии чашми ҳасудон дар паноҳи исматаш нигоҳ медорад. Шодӣ ва хурсандии рӯҳу равонро зиёда ва сабаби рӯзафзун зиёдшавии ризқ мегардад. Бо зикр дар байни мардум муҳаббат ва раҳму шафқат ба ҳамдигар меафзояд. Сабаби бештар шудани нури яқин ва қувват гирифтани имон мешавад.

## ДУНЁ БА ГАМ ХУРДАН НАЯРЗАД

Оне ки сазовори саодатмандӣ мегардад, ба корҳои ночизи дунё худро ғам намедиҳад, дилашро мағшуш намедорад. Ҳиммати олии ӯ ин аст, ки ғами охиратро мехӯрад.

Яке аз бузургон ба наздиконаш васият мекунад ва мегӯяд: "Ҳамаи ғаму ғуссаро ҷамъ кун, ки дар ҳузури ғами фардои қиёмат ҳеҷ аст. Ин ҳам бошад дар пешгоҳи Худо истодан ва бо суолу ҷавоб карданро бештар андеша кунед".

Зеро ягон амалу гапу коре аз дониши Ӯ махфӣ намемонад. Пас ягон ғаму ғусса аз ҳамон рӯза андӯҳ зиёд нест.

Пас набояд ғам аз он хӯрд, ки мансаб аз дасти шумо меравад ва вазифаи серравғанеро хайрбод мегӯйед. Ҳеҷ ҷойи андӯҳ нест, вақте шумо тиллову нуқра ва ҷавоҳироти худро гум мекунед, ҳеҷ гаме нест, ҳангоме шумо боғу роғ ва молу мулку фарзанди худро аз даст диҳед. Бешак бузургтарин ғаме, ҷуз ғами он ки дар ҳузури Худованд ба гуноҳоямон посух бигӯем, вуҷуд надорад.

Замони Пайғамбар (с) яке аз мунофиқон ба ҳамроҳонаш фармуд, ки бо Пайғамбар (с) набароед, ҳаво гарму тафсони тоқатфарсост. Худованд ояте нозил кард:

*"Бигӯ (эй пайгамбар) оташи дӯзах сахт гармтару тафсонтар аст"*

*(сураи Тавба, оятии 81)*

Ба таҳқиқ инсони мӯъмин ва соҳибақлу закӣ ба каме чизҳои камарзиши ин дунё ҳидоятро аз даст намедиҳад.

## ПОДОШРО АЗ АЛЛОҲ ТАЛАБ КУН

Ҳар коре, ки мекунӣ, танҳо холис аз барои Худо кун. Ба ҷуз Худо аз касе подоши амалро мунтазир машав. Агар кори неке кардӣ, ҳеҷ эътибор надеҳ, ки заҳмати туро қадр накарданд. Ва некии худро ботил макун бо миннат, балки аҷру савобашро аз Аллоҳ интизор шав. Чуноне Аллоҳ таъоло мефармояд

*"Талаб мекунанд бузургиро аз Аллоҳ ва хушнудиро"*

*(сураи Фатҳ, ояти* **29).**

Пас муомилаи ту танҳо бо Худо бояд бошад. Ӯ зоти диҳандаву гиранда, азизкунандаву хору

залилкунанда аст.

Дар Қандаҳор бисёр нафарон шаҳид шуданд. Пас ҳазрати Умар пурсиданд, ки кушташудагон киёнанд. Сипас баъзе номҳоро гуфтанд, аммо баъзеро зикр накарданд ва иброз доштанд "ё Умар шумо эшонро намешиносед".

Умар дар гиря шуд, ки асҳоб аз ҳайрат пурсиданд. Чаро гиря мекунед? Дар посух гуфт, ман намешиносам, аммо Худо мешиносад.

Яке аз солиҳон барои кӯре таъоми беҳтарин ҳозир кард то бихӯронад. Як идда ба ӯ гуфтанд, ки ин мард кӯр аст, ӯ намебинад, ки чӣ меҳӯрад ва намедонад ки лаззат чист. Баъдан он солиҳ гуфт. Ӯ надонад ҳам, Аллоҳ медонад.

Пас модоме, ки Аллоҳ донад ҳар он чизе ки ту мекунӣ, аз некӣ ё бадӣ, пас аз одамон чиро мунтазирӣ?

## МАЛОМАТКУНАНДАГОН

**<u>Ғамгин машав</u>** аз маломати мардум, зеро дунё аз ин идда холӣ нест. Дар ин бора Аллоҳ мефармояд:

**"Ва аз *назари эътибор бигузор ранҷонидани эшонро ва таваккул бикун бар худо ва бас аст бар худо корсоз"***

***(сураи** Аҳзоб, **ояти*** 48).

Ҳар вакто ба Худованд таваккул кардӣ, пас худи Худованд кифояткунанда аст. Дар ҳадисе омадааст:

***"Аз асҳоби ман бадие нарасонед, яъне он хислати баде, ки доранд, ба ман нагуед, ман дӯст медорам, ки бароям пеши шумоён бо дили соф"***

## ГАМГИН МАШАВ АЗ ОН
ЧИ ВОКЕЪ МЕШАВАД

Ёфта шудааст дар навиштае дар Таврот:

***«Бештари оне, ки ту метарсӯ намешавад. Яъне аз он коре, ки дар оянда аст ва воқеаҳои ӯ метарсем ва чӯ қадар гамгин мешавем,лекин он воқеъа рух намедиҳад».***

Пас як мусибатро шунидӣ, дарҳол мӯйканиву рӯйканӣ накун, шояд он дурӯғ бошад ва то аниқ шудани хабар худро маҷруҳ ва дилро ба беморӣ мубтало мекунӣ. Ва агар аниқ ҳам бошад, ҷуз сабр чорае нест. Бояд сабр бикунем, чунки сабри ҳақиқӣ дар аввали кор аст.

## ТАНҚИДИ АҲЛИ БОТИЛ ВА ҲАСУДХУРОН

Оре, манзалати ту дар ҳузури Худо баланд мешавад, агар ҳасудхӯрон туро танқиду маломат кунанд, агар сабр кунӣ, зеро танқиди онон қимати ту аст. Мӯсо (а) аз Парвардигор пурсид, ки забони мардумро аз маломату мазаммат бибандад. Худованд ба ӯ хитобан гуфт:

***"Эй Мӯсо, ман ин корро барои худам накардам, чуноне ки ман халқ мекунам ва ризқ медиҳам, бо вуҷуди ин ҳам ҳақорат мекунанд ва дашном медиҳанд маро"***

Ва дар ҳадиси саҳеҳ омада, ки Расули Акрам (с) мефармояд:

***"Аллоҳ таъоло мегӯяд, фарзандони одам маро ҳақорат мекунанд, фарзандони одам маро дашном медиҳанд, ҳол он ки ин корлозим нест. Албатта ҳақорати ӯ нисбати ман, пас албатта***

*ӯ замонаро ҳақорат мекунад. Ҳол он ки ман замона ҳастам, мегардонам шабу рӯзро ҳар гуна ки мехоҳам. Аммо дашноми ӯ маро мегӯяд, ки гӯё ман шариква фарзанд дорам. Таҳқиқва бетардид ман шарик ҳам надорам ва фарзанд низ".*

Барои ҳамин ҳам ту забони мардумро боздошта наметавонӣ ва аммо метавонӣ некиатро давом бидиҳӣ.

Яке аз адибони Ғарб мегӯяд:

"Ҳар он коре, ки дуруст аст, бикун, ва пуштатро ба танқидчиён бигардон".

Ҳакими дигаре мегӯяд: "Баъзе мардум доиман фикри хешро ба ману ту машғул медоранд. Ману туро ҳамроҳи нонашон мехӯранд. Ва вақте аз ману ту сер шуданд, шурӯъ мекунанд ба хӯрдани мурдагони ману ту".

## ҒАМГИН МАШАВ

Ғамгин машав. ки кулли бемориҳо шифо меёбад, мусибатҳо бартараф, ҷамиъи гуноҳҳо бахшида мешавад, қарзҳои қарздорон адо мегардад, маҳбусон аз банду завлонаи зиндон раҳо меёбанд, ғоибон ҳозир мешаванд, гуноҳкорон тавба мекунанд, бенавоёну қашшоқон низ рӯз ба рӯз ба мартабаи бойигарӣ мерасанд.

Ғамгин машав. Оё намебинӣ, ки абри сиёҳчи гуна зебо кушода мешавад. Ва шаби торики сиёҳ чи хел рӯзи равшан мегардад ва шамоли сахту муҳлик ором мешавад. Пас агар оқибати кор чунин аст, машаққатҳо ба роҳат, зиндагиат ба хурсандӣ ва оиндаат ба шодиву масаррат табдил меёбанд.

Ғамгин машав. ки гармии тамузи тансӯзи офтобро

**соя дур мекунад, ташангиро об мешиканад, гуруснагиро нони мулоим дафъ месозад ва алами беморро лаззати шифо марҳам мешавад. Фақат барои ту сабр зарур аст, андак интизор шав.**

## ИХТИЁР БИКУН ОН ЧИ ИХТИЁР КАРД ХУДО

**Аз ҷой бихез, агар туро бихезонад Худо, бишин агар туро шинонад Худо, сабр пеша кун, ҳангоме ки туро фақир гардонад. Шукри У ба ҷой биёвар, агар давлате ба ту дод ва бойигарӣ туро даст дод. Ба ин рӯ лозим аст, ки ҳар лаҳза бигӯйӣ: Ризо ҳастам ба Худои бузург будани Аллоҳ, ба дин будани Ислом ва набӣ будани Муҳаммад (с).**

## НЕКӢ БИКУН БАР ОДАМОН

**Аз барои дарёфти саодат некиву эҳсон беҳтарин ва васеътарин роҳ аст. Дар ҳадиси саҳеҳ омада:**

*"Ҳар ойина Аллоҳ таъоло рӯзи қиёмат ҳангоме, ки ҳисобу китоб мекунад, ба бандагонаш хитобан мегӯяд: Эй фарзанди одам гурусна мондам таъомам надодӯ. Банда мегӯяд: Чи хел таъоме диҳам, ки тухуд парвардигори оламиён астӯ? Сипас Худованд мегӯяд: Оё нашунидӣ, ки фалонӣ писари фалонӣ гурусна буд, тутаъомаш надодӯ? Агар ҳамонро таъом медодӣ, имрӯз он таъомро аз ҳузури ман меёфтӣ. Боз мегӯяд: Эй фарзанди одам, ташна мондам, обам надодӯ. Банда мегӯяд: Худоё, ба ту бо чунин азамату ҷалолат чи гуна тавонам, ки обат диҳам? Худованд мегӯяд: Оё нашунидӣ ки фалонӣ писари фалонӣ ташна буд, ӯро сероб накардӣ. Агар*

*серобаш месохтӯ, имрӯз онро дар назди ман меёфтӯ. Худованд боз мегӯяд: Эй фарзанди одам, бемор шудам, аёдатам накардӯ. Банда бо таҳайюр мегӯяд, ки Худоё, чӯ гуна то бо ин бузургият бемор мешавӯ, ки туро аёдат кунам? Дар посух аз Худо мешунавад: Оё нашунидӣ ки фалонӯ писари фалонӣ бемор буду ту ба хабрргирияш нарафтӣ. Агар мерафтӣ, маро дар ҳузури ӯ меёфтӣ".*

Бубинед, некӣ кардан чӣ гуна фазлу футӯҳи бузурге доштааст. Сабаби некии мо боиси хурсандии Худованд мегардад, ки ба чунин турфаи накӯкор биҳишташро дареғ намедорад. Ҳикояи марди боғиро ба ёд биёваред, ки бо сабаби саги ташнаеро сероб карданаш, Худованд ӯро ба биҳишт раҳнамун сохт.

Абдуллоҳ ибни Муборак дар ҳамсоягии яҳудии бенавое зиндагӣ дошт. Ва Абдуллоҳ пеш аз он ки ба фарзандони худаш таъом бидиҳад, аввал ба фарзандони он яҳудӣ таъом медод. Дар рӯзҳои тангӣ кӯмакаш месохт. Бо кдзо рӯзе ҳавлии яҳудиро касе харидорӣ кард. Он яҳудӣ нархи ҳавлияшро ду ҳазор динор гуфт. Ҳол он ки арзиши ҳавлии ӯ аз ҳазор динор беш набуд. Сабаб пурсиданд, яҳудӣ посух гуфт, ки як ҳазор ба арзиши ҳавлӣ ва ҳазори дигар барои ҳамсоягӣ бо Абдуллоҳ ибни Муборак. Абдуллоҳ ин ҳикоят шунид, ашк рехт ва аз Худо ҳидоят ва гаравиши ҳамсояаш ба исломро дуо кард. Бо изн ва иродати Худованд он яҳудӣ ба ислом рӯй овард ва ба Худованди якто имони хешро паймон баст.

Ва ривояти дигари ибратомӯз низ аз ҳаёти Абдуллоҳ ибни Муборак аст, ки гӯянд: Абдуллоҳ

тасмим гирифт, ки зиёрати хонаи Худо бикунад. Асҳоб ва қофилаву моли хешро омода сохт ва роҳ пеш гирифт. Пас аз муддати тӯлоние ба деҳае қарор гирифт, то корвонаш дам бигирад. Дар он деҳа ногоҳ чашмаш ба зане уфтод, ки аз партовгоҳе зоғи мурдаро бо худ гирифта бурд. Хидматгори хешро бифармуд, то аз пайи он зан равад ва аз ҳолу аҳволи ӯ хабаре биёварад. Ҳикояти сабаби бо худ бурдани зоғи мурдаро хидматгор аз ӯ пурсид ва дар ҷавоб он зан гуфт: Се рӯз аст, ки фарзандонам буридаи ноне ба даҳон набурдаанд, гуруснагӣ эшонро азият дод ва ман маҷбур шудам, ки аз зоғи мурда барояшон ғизое таҳия бикунам.

Хидматгор он чӣ буд, пеши Абдуллоҳ ибни Муборак овард. Вақте Абдуллоҳ ин қисса шунид, ашк аз чашмон рехт, талх гирист. Ба надимон амр кард, то ҳар чӣ дар қофила аст, барои он зан ва бокӣ аҳолии деҳа қисмат бикунанд. Аз роҳи ҳаҷ баргашт ба сӯйи хонааш. Яъне сафари ҳаҷро мавқуф гузошт. Ӯ аз зиёрати ҳаҷ некӣ карданро ба бенавоён авло донист. Ба хона омад ва он шаб хоб дид, ки ҳотифе нидо мекард: Абдуллоҳ, ба ту муборак бошад ҳаҷҷи мабрур (мақбул), саъйи машкур ва гуноҳи мағфур.

Худованд савоби некӯкоронро медиҳад. Саҳобагони Паёмбар (с) хислате доштанд, ки агар бародаре ё ҳамсояе ё дигар касе дар тангдастӣ қарор доштанд, ё ба чизе ниёзманду мӯҳтоҷ буданд, дарҳол кӯмакашон мекарданд. Ҳамон чизи ниёзи он ниёзмандро ба ӯ тақдим мекарданд. Ҳол он ки худашон ба он чиз мӯҳтоҷӣ доштанд. Худованди аззаву ҷалл мефармояд:

***"Ихтиёр мекарданд бар болои нафси худашон, агарчӯ бар худи эшон ҳоҷат буд"***

*(сураи Тагобун, ояти 16).*

**Худованд тавре дунёи дили бандаи ҳидоятёфтаашро офаридааст, ки агар кори нек бисёр карда бошад ҳам, банда пушаймон намешавад. Аммо пушаймонии бузург он аст, ки роҳдодан ба хатогие, ки гарчанд кам бошад.**

## ҒАМГИН МАШАВ

**Ғамгин машав. ки Худованд ҳамеша аз ту дифоъ мекунад ва туро ҳамеша нигоҳ медорад. Фариштагон шабу рӯз талаби омурзиши гуноҳҳои туро мекунанд. Ва бандагони мӯъмин низ дар дуоҳояшон аз ту ёд мекунанд ва аз Худо ҳамеша таманнои онро доранд, ки туро бубахшад. Бидон, ки Пайғамбар (с) туро шафоат мекунад ва дар Қуръон ваъдаҳои хуб ва амалишаванда аст барои ту. Бар замми ин раҳмати Раҳмкунандатарин зот сари ту аст.**

**Ғамгин машав. Кори хубу нек дар ҳузури Худованд садҳо маротиба изофа мегардад, аммо гуноҳ изофа намешавад ва бар замми ин авфи парвардигор аст.**

**Ғамгин мабош: Зеро ту аз аҳли тавҳид ва тақво ҳастӣ. Ва дар вуҷуди ту асли дӯстдории Аллоҳ ва ҳабиби Ӯ мавҷуд аст. Вақте гуноҳе мекунӣ, дарҳол тавба пеш меоварӣ, вақте коре неке анҷом медиҳӣ, хурсанд мешавӣ. Дил фориғ дор, ки ин худ хубии ту аст ва аммо худат огоҳ нестӣ.**

**Ғамгин мабош: ту ки дар хубиҳо ҳастӣ, чун мусибате ба сарат омад, сабр мекунӣ. Чун неъмате**

дарёфтӣ, шукри Худойро мекунӣ. Ту дар ҳама ҳолат хуб астӣ, дар бемориву сиҳатӣ, камбағаливу фароҳдастӣ, дар мушкиливу осонӣ.

## САБР БА БАДИВУ САХТИҲО РОҲИ ЗАФАРУ НАҶОТ АСТ

Худованд мефармояд:

*"Сабр кун ва нест сабри ту магар ба тавфиқи худост"*

(*сураи Наҳл, ояти* 127).

Ва дар дигар оят мефармояд:

*"Пас сабр кун, сабри ҷамил"*

(*сураи Маъориҷ, ояти* 5).

Дар дигар ҷой:

*"Эй мӯъминон, сабр кунед ва меҳнат кашед"*

(*сураи Оли Имрон, ояти* 200).

Умар (р) гуфтанд: Зиндагии хубро бо сабр дарк кардем. Дар назди аҳли суннат ҳолати мусибатро се роҳи раҳой аст:

1. Сабр.

2-Дуо.

3 Интизори кушоиш ва фараҳ.

Дар ҳадиси саҳеҳ омадааст:

*"Касе сабркунандатар нест, аз изое, ки шунидааст Аллоҳ. Зеро қавме гуфтанд, ки Ӯ (худо) шарик ва фарзанд дорад ва ҳол он ки У онҳоро офият медиҳад ва ризқ медиҳад".*

Дар ҳадиси дигар омада:

*"Раҳмат кунад худо Мӯсоро (а), ки ба бало мубтало шуданд ва ба он ҳам сабр карданд".*

Расулуллоҳ боз мефармояд:

***"Касе талаби сабр кунад, Худованд ӯро ҳатман сабр медиҳад".***

Оре, бузургиро наметавон дар хаёлот ва ё хоб дарёфт намуд. Аммо бо сабр метавон бузургиро дарёфт кард. Хуллас, бузургиро ҳатман аз кӯмаи сабр метавон дастёб шуд.

**Ғамгин машав аз он чӣ мардум бо ту карданд, бубин, ки эшон бо Худо чӣ карданд**

Аз Аҳмад (р) дар китоби "Зуҳд" оварда шудааст:

"Ҳар ойина Аллоҳ мегӯяд, ки аҷабо аз барои ту эй фарзанди одам, ки туро ман халқ кардам, аммо дигареро ба гайри Худо мепарастӣ, ва ризқ додам туро, аммо ту дигареро шукргузорӣ менамой. Аз ту талаби дӯстӣ мекунам бо неъматҳоям бо ту ва ҳол он ки ман беҳоҷат астам аз ту, ту бошӣ аз ман талаби ғазаб мекунӣ бо гуноҳҳоят. Ҳол он ки ту фақир ҳастӣ дар ҳузури ҷалоли ман. Некиҳоям пайваста ба сӯйи ту фароянда аст ва аммо бадиҳои ту ба сӯйи ман бароянда аст"

Оре, Исо (а) дар сират беморро даво кард ва кӯрҳо аз давои ӯ бо иродаи Худованд бино шуданд. Аммо ҳамаи онон душманони Худо гаштанд.

## ҒАМГИН МАШАВ АЗ МУШКИЛИИ РИЗК

Албатта Худованди раззоқ якто ст, дар назди Уст ризқи бандагон. Ва Ӯ кафили ризқи бандагонаш мебошад. Чунончӣ Аллоҳ мефармояд:

***"Ва дар осмон аст ризқи шумо ва он чӯ ваъда дода мешавад шуморо".***

*(сураи Зурриёт, ояти* 22).

Пас, агар Худованд ризқдиҳанда бошад, чаро аҳли башар ба як дигар хушомадгӯйӣ мекунанд ва хешро дар хузури ғайриинсоне хору залил мекунанд?

Аллоҳ ҳақ субҳонаҳу ва таъоло мефармояд:

***"Ва нест*** ҳеҷ ***ҷунбандае дар рӯйи замин, магар ба худост рӯзии ӯ"***

*(сураи Худ, ояти 6),*

Шоире мефармояд:
Ризқу рӯзӣ мерасад аз ҳақ.
Ғами беҳуда мехӯрад аҳмақ *(иловаи мураттиб)*

## САБАБҲОИ САБУК ШУДАНИ МУСИБАТ

1. Интизори аҷр ва савоб аз Аллоҳ таъоло, зеро барои сабркунандагон подоши бузург медиҳад.
2. Бо чашми ибрат нигаристан ба дигар мусибатзадагон.
3. Мусибати ту сабуктар аз дигар мусибатҳо.
4. Мусибат барои дунёят, на барои динат.
5. Албатта таслим шудан бар мусибат бузургтар дар баъзе ҳолат аз дӯстдошташуда.
6. Ягон ҳилаву чора ба ҷуз сабр надорӣ.
7. Ихтиёр ба Аллоҳ ҳаст ва хости У ҳамин будааст.

## ҒАМГИН МАШАВ

Ғамгин машав: Зеро ғам заъиф мекунад инсонро аз барои ибодат ва боз медорад аз кӯшишу ғайрат. Даъват мекунад туро ба гумони бад ва бад дидани дигарон.

Ғамгин машав: Зеро ғам асоси бемориҳои нафсист ва қароргоҳи дардҳои асабист ва моддаест, ки зиёд мекунад васвос ва изтироб.

**Ғамгин машав**. ки ҳамроҳи ту ҳамеша Қуръон, дуову намоз, садақа ва амалҳои нек ҳаст.

**Ғамгин машав**. Аз барои бекориву танбалӣ ба ғам таслим нашав. Балки намоз хон, тасбеҳ гӯй, қироати Қуръон намо, барномаеро бинавис, ба амали фоидаоваре шуғл варз, машқи бадан кун ва ба зиёрати хешу ақрабо рав.

## ҚОИДАҲОИ САОДАТМАНДӢ

1.Бидон агар дар ҳудуду иҳотаи ҳамон рӯзат нагардӣ, пас ғами ту аз будаш бештар зиёда мегардад. Яъне вақте субҳ кардӣ, шабро интизор машав ва агар шаб кардӣ рӯзро интизор машав. Он лаҳзае, ки қарор дорӣ ҳамонро ғанимат шумор.

2. Гузаштаро фаромӯш кун ва ба гузашта эътибор мадеҳ, ки фоида надорад.

3. Аз оянда ғам махӯр, зеро ҳанӯз маълум нест, ки то ба он рӯз ҳастӣ ё нестӣ.

4.Гамгин машав ба танқид, монанди кӯҳ устувор бош.

5. Имон ба Худованд ва амал

хушбахтист.

6. Ҳар касе дар ҳаёти худ оромиву роҳатро бихоҳад, пас лозим бидонад, ки зикри Худоро бояд ҳамеша кунад.

7. Ҳамаи кор ба тақдироти илоҳӣ вобаста аст.

8. Аз касе миннатдориро интизор машав.

9.Шояд ҳар чизе воқеъ мешавад, барои ту фоидаовар бошад.

10. Ҳамаи тақдироти некиву бадӣ барои мӯъминон хуб аст.

11. Фикр кун неъматҳоро ва шукр гӯй оне, ки ба ту неъматдодааст.

12. Соат ба соат хубӣ ва некӣ дармерасад.

13. Ба сабаби бало дуо аз дил мебарояд.

14. Он ҳолате, ки ту ҳастӣ, болотар аз бештари мардум аст.

15. Бо ҳамроҳии мушкилӣ осонист.

16. Ба корҳои ночиз аҳамият надеҳ.

17. Парвардигорат бахшандаву меҳрубон аст.

18. Ғазаб накун, ғазаб накун, ғазаб накун.

19. Ҳаёт обу нону маскан аст.

20. Ба ризқи ту Аллоҳ кафил аст.

21. Бештар аз он чизе, ки метарсӣ, воқеъ намешавад.

22. Ибрат бигир аз дигар мусибатзадагон.

23. Худованд ҳар қавмеро, ки дӯст дорад, ба бало гирифтор мекунад.

24. Дуои ғаму андӯҳро бештар бихон.

25. Бо воситаи амали фоидаовар аз бекорӣ дур бош.

26. Аз беҳудагӯён дур бош ва ба воҳимаҷӯёну ҳангомапарастон бовар накун.

27. Кинаву ҳирси ту ба интиқом ба ҷисми ту зарар аст.

28. Он чи ки чун мусибат ба сари ту меояд, кафорат аз гуноҳҳои ту аст.

29. Ҷуз сабр чорае надорем.

30. Силаи сари ятимон, кӯмак ба мазлумону фақирон ҳамеша ба фоидаи туст.

ЧАРОҒАМГИНИ. **ХОЛОНКИ**
ШАШЁРМАНДДОРИ

**Муаллифи китоби "Фараҷ баъди шиддат", ҳикоят мекунад, ки яке аз ҳукамо ба мусибате гирифтор шуд. Баъдан дӯстонаш барои таъзия баён намудан ба ҳузураш рафтанд ва аз ҳоли ӯ пурсиданд. Ӯ дар ҷавоб гуфт, ки ман донистам давои мусибатамро бо шаш чиз. Пурсидан он шаш кадом аст? Гуфт:**

**1. Аввалан боварӣ ба Аллоҳ.**

**2. Он чӣ дар тақдирот навишта шудааст, хоҳу нохоҳ пеш меояд.**

**3. Сабр беҳтарин роҳ аст.**

**4. Агар сабр намекардам, пас чӣ ҳам аз дастам меомад, ки кунам.**

**5. Мумкин ин мусибат ба гуноҳи худам бошад.**

**6. Соат ба соат мусибатам сабук мешавад.**

**Оре, оне кӣ ихтиёри сабр намекунад, ба тезӣ маҷбурӣ сабр мекунад.**

БЕҲТАРИН ҲАМНИШАСТ КИТОБ АСТ

**Яке аз неъматҳои бузурги ин дунё китоб аст, ки бо фоидабахшиҳои он метавон ниҳоли ақлро сабзонид ва аз он ғаниматҳои зиёдро бардошт. Китоб дӯстест, ки аз ҳамнишинӣ бо тарк ва ё ҳазар намекунад ва рафиқест, ки малол намеояд ва муомилаест, ки туро фиреб намедиҳад.**

**Китоб чизест, ки ҳар қадар назар кунӣ малакаат зиёду табъат шод ва уқдаи забон кушода мешавад. Ва ба ту таъзими мардум ва садоқати мулукро медиҳад. Бидон, ки аз он метавонӣ дар як моҳ ҳикматҳоеро бардошт, ки аз даҳони олимон як сол**

ҳам ҷамъ карда натавонӣ.

Бемашаққаттарин дарёфт беҳтар аз касб кардан, мутолиаи китоб аст, ки дар ҳузури Худованд беҳтарин хул қаст. Китоб итоъаткунандаи ту аст, ки шабу рӯз дар хидмати туст. Ҳатто дар сафар ҳамсафар ва дар иқомат ҳамзисти туст. Китоб муаллимест, ки аз ту чизеро пинҳон намекунад ва муниси туст дар танҳоӣ. Китоб муаллим ва ҳамроҳи хубест, ки ҳар куҷо равӣ аз ту чизе талаб намекунад ва сабзонандаи ақли туст, чуноне, ки рустаниҳо аз об сабз мешаванд.

Китоб раҳнамоест, ки туро аз бекориву беҳудагӯйиву ғайбати мардум дур месозад. Абӯубайда ба фарзандони худ насиҳат кард, ки дар бозор бисёр наистед, магарам дар ҳузури заррод ва варроқ. (заррод касест, ки китобҳоро ҷилдбандӣ мекунад ва варроқ нафарест, ки китобҳоро ислоҳ менамояд).

Хатиби Бағдодӣ, дар хона ҳам, дар кӯча ҳам, дар бозор ҳам дар даст китоб дошт, ки пайваста мутолиа мекард. Тамоми китоберо хонӣ, албатта фоида мегирӣ. Аммо бузургтарин ва шарифтарин китоб Қуръон аст.

## ФОИДАҲОИ ХОНДАН

1. Дур кардани васвасаҳо ва ғаму андӯҳ.
2. Дур сохтани ботил.
3. Аз бекорӣ ва таҷаммӯъи бекорон дур шудан.
4. Кушода ва бурро шудани сухан.
5. Сабзидани ақл ва бузурғ шудани зеҳн.
6. Болоравии маърифатва зиёдшавии ҳифз.
7. Истифода аз "гаҷрибаи одамон ва ҳикмати ҳакимон.
8. Зиёдшавии имон, ба вижа аз кутуби динӣ ва

воъизон.

9.Роҳати зеҳн аз ҳар фикру андеша ва ғанимати вақт аз беҳуда рафтан.

## ГАМГИН МАШАВ. БАЪДИ ИН ҲАЁТ ҲАЁТИ ДИГАР АСТ

Ҳаётест, ки Худованд аввалину охиринро ҷамъ мекунад. Он ҷо дилҳо ором мегирад ба адли Аллоҳ. Ҳар касе молаш кашида гирифта шудааст, он ҷо баргардонида мешавад. Ҳар касе ин ҷо зулм дид, дар он ҷо инсофу адолат мебинад, касе зулм карда бошад, он ҷо азоби алим ӯро мунтазир аст.

Файласуфи олмоние мегӯяд: "Сайри ҳаёти ин дунё ҳанӯз нокомил аст. Барои инсоният ҳаёти дигаре зарур аст, ки тамоми ниёзҳои адлу додхоҳӣ бароварда бишавад. Зеро дар ин ҳаёт золиму мазлумонро мебинем ва аз инсоф дараке нест. Ҳар қадам ғолибу мағлуберо метавон дид, аммо интиқомро не. Қотил ва мақтулеро метавон дид, аммо қасосро не. Пас агар ин тавр бошад, ҳаёти дигаре ҳаст, то дар он олам адл барпо бишавад, то мазлум аз золим, мағлуб аз ғолиб, мақтул аз қотил интиқомашро бигирад".

Оре, ин эътироф аз ҷониби касест, ки аз олами ислом бехабар аст ва боинсофона суханронӣ намудаст. Чунки рӯзи маҳшар аз аввал то ба охир ҳисобу китоб карда мешавад, баъдан аҳли ҷаннат ба ҷаннат ва аҳли дӯзах ба дӯзах бурда мешаванд. Пас мо мусулмонон бояд эътиқод дошта бошем, ки он гаҳ ҳаёти воқеӣ ва ҳақиқии мо сар мешавад. Ва он ҳам бошад баъд аз ин олам ба олами дигар рафтан, ки он ҷо дасти зулму истибдод кӯтоҳ аст.

## ҒАМ ҚУВВАТРО КАМ ВА ҶИСМРО ЛОҒАР МЕСОЗАД

Доктор Ҷузюф мегӯяд: Ту ба бемории ҷароҳати меъда гирифтор намешавӣ бо хӯрдани ҳар қадар ғизо, магар ки ҳар рӯз ғам мехӯрӣ. Ва ин сабаби ба ҳам омадани иллати нооромии асаб, бемории дил, баландии фишори хун, ревматизм, дарди меъда, маризии қанд ва ғайра. Пас бидонед, ки ғам хӯрдан бадтарин ғизо аст, ки кувватро кам ва ҷисмро лоғар месозад.

## ҲАЁТ ЛОИҚИ ҒАМ ХӮРДАН НЕСТ

Ноблюн ҳакими бузурги юнон гутфааст, ки дар ҳаётам шаш рӯзи хурсандиро надидаам. Халифа Ҳишом ибни Абдулмалик гуфтааст: "Аз ҳаётам ҳисоб кардам, ки ҳамагӣ сездаҳ рӯз рӯзи хушбахтиро дидаамухалос".

Падари Ҳишом Абдулмалик гуфтааст, ки эй кош халифа намешудам.

Ибни Самоки воъиз рӯзе ба ҳузури Ҳррун-ар-Рашид даромад, ки Ҳорун-ар-Рашид ташна буду об хост. Пайдо буд, ки хеле ташна аст. Ибни Самок пурсид: Агар аз хурдани як ҷуръаи ҳамин об манъ шавӣ, розӣ ҳастӣ, ки ними мулкатро диҳӣ? Дар ҷавоб Ҳорун-ар-Рашид оре гуфту обро нӯшид Боз ибни Самоки воъиз вақте, ки Ҳорун-ар-Рашид нисфи ҷуръаро нӯшиду ташнагияш нашикаст пурсид: Оё розӣ мешавӣ, ки ба боқимондаи об нисфи дигари мулкатро бубахшӣ? Ҳорун-ар-Рашид бидуни фикр ва ягон тардид боз гуфт: Оре. Пас Ибни Самоки Воъиз гуфт: Ҳеҷ некӣ нест, дар ин дунё, ки ба як шурби об ҳам намеарзад. Пас агар дар ин дунё имон нест, метавон бидуни шак гуфт, ки

дунё қадре ва маъное надорад.

Файласуфи фаронсавӣ Мунтин мегӯяд: Инсон аз ҳодисаҳои ба сараш омада, ҳеҷ таъсире намегирад, лекин аз ҳодисаҳое, ки ҳанӯз ба сар наомадаасту пайваста пиромуни он фикр мекунад, таъсири манфиро мегирад

## ҒАМГИН МАШАВ

Ғамгин машав. зеро ғам ба ёдат рӯзҳои гузаштаи пураламро меорад ва аз оянда туро метарсонад ва ҳамон рӯзатро барҳадар медиҳад.

Ғамгин машав. Зеро ғам дилро танг, рӯйро пажмурда ва рӯҳро маҷрӯҳ месозад.

Ғамгин машав. Зеро ғами ту душманатро шод мегардонад ва дӯстатро ғамтн месозад. Билҳақ, ки амалҳоятро тағйир медиҳад ба сӯйи нокомӣ.

Ғамгин машав. Зеро ғам гумшудае ё рафтаеро бознамегардонад, мурдаеро зинда намесозад ва тақдиротро дигаргун намекунад ва ҳеҷ фоидае аз ғам ба даст намеояд.

Ғамгин машав. Ғамгинӣ аз шайтон аст, ғам ноумедии кушанда ва факри ҳозиру яъси доимист.

## БА НОЧИЗ ГАМ МАХӮР.
## КИ ДУНЁ САРОСАР НОЧИЗ АСТ

Яке аз солиҳон ба даруни қафаси шерон партофта шуд. Аммо Худованд ӯро наҷот бахшид. Аз ӯ пурсиданд, ҳангоме, ки шерон ба ту наздик мешуданд, дар сари ту чӣ ваҳмеву чӣ фифе буд? Он солиҳ гуфт: На ваҳме на фикре, танҳо аз он андеша доштам, ки даҳони шерон пок аст ё наҷас.

Киштие миёни баҳр вожгуна шуд, ки ҳама аҳли киштӣ дар пайи халосии ҷони худ буданд. Аммо як марди обиде аз нақзи ҷону марг фикре намекард ва аз пайи таҳорат кардан буд. Аз қазо оби баҳр ӯро ба соҳил баровард ва наҷот ёфт. Аз ӯ пурсиданд, чаро ту фикри наҷот аз маргро накарда, таҳорат мекардӣ? Дар посух гуфт: Ман хостам пеш аз марг таҳорат бигирам, то бо таҳорат бимирам.

Имом Аҳмад ҳангоми нақзи ҷон ишора карданд, то ришашро хилол кунанд. Ҳангоме он кас пеш аз марг машғули таҳорат буд.

## БАХШИШ, БАХШИШ

Агар бахшиш бикунӣ, саодати дунё ва шарофати охиратро ноил гардӣ. Чунончӣ Аллоҳ таъоло мефармояд:

***"Пас касе бахшиш кард ва ислоҳ кард, пас подоши ӯ бар назди Аллоҳ аст"***

*(сураи Шӯро, ояти* 40).

Шекспир мегӯяд: Танӯрро барои душманат сахт натасфон, чунки то худат дар он наяфтӣ.

Ба Солим писари Абдуллоҳ гуфтанд: Ту марди бад ҳастӣ. Дар ҷавоб гуфт: Ҳеҷ кас ба ҷуз ту инро надонист.

Ба Абӯбакр марде гуфт: Қасам ба номи Аллоҳ, ҳақорате мекунам, ки ҳамроҳат ба қабр меравад. Абӯбакр дар посух гуфт: На, ҳақорати ту ҳамроҳи худат ба қабр меравад.

Генерал Айзнҳовер мегӯяд: Гузоред моро, ки зоеъ накунем дақиқае фикрамонро, ба шахсоне, ки дӯсташон намедорем, чуноне ки пайғамбари Худо

мегӯяд: Ғазаб накун, ғазаб накун, ғазаб накун.

Ва дар дигар ҳадис мегӯяд:

*"Ғазаб лахчае аз оташи дӯзах аст"*

Шайтон бар инсон дар се ҳолат ғолиб меояд.

1.Ҳолати ғазаб.

2.Ҳолати шаҳват.

3.Ҳолати ғафлат

Ғамгин машав, агар тиккае нон ва ҷуръае оби нӯшокӣ дорӣ ва шукр гӯй Худойро, ки порчае матоъ дорӣ, ки аврататро паноҳ мекунӣ.

Сайёҳе дар ҷазираҳои баҳрӣ гум шуд, ки он ҷо бисту як рӯз боқӣ монд. Бо иноятн Худованд боз ба зодгоҳаш баргашт. Ҳама аз ӯ пурсиданд, ки дар ин муфориқат чӣ чизе муҷиби ибрати ту шуд? Гуфт: Бузургтарин дарси ибрате ки омӯхтам, ин буд, ки ба қадри як бурда нони қоқу як ҷуръае об дошта бошӣ, бо он ҳам зиндагӣ ба сар бурдан мумкин будааст.

## ИМОН БУЗУРГТАРИН ДАВОСТ

Табиби рӯҳшиноси машҳур Корил Ҷойз дар китобаш, ки дар тӯли 30 соли фаъолияташ ҷамъ овардааст, мегӯяд:

"Дар ин айём бисёр нафаронро табобат ва муолиҷа кардам. Бештари мизоҷони ман мардуми миёнсоли аз 30-35 сола буданд. Мушкили аксари эшон ин буд, ки ягон гаравиши динӣ надоштанд. Аз ин хотир муолиҷаи эшон мушкилтар ва ҳатто ноком буд. Онҳо ба таври ҳамешагӣ бемораид, зеро динро аз даст дода буданд. Шифои онҳо мушкил ва ҳатто ногузир аст, зеро имони ҳақиқӣ надоранд.

Аллоҳ дар китоби осмонияш мефармояд:

***"Касе рӯй гардонад аз зикри ман, пас барои ӯ зиндагонӯ танг аст"***

*{сураи Тоҳо, ояти* **124).**

Бале, касе имон надорад, дар дили худ тангиеро эҳсос мекунад, агарчӣ ӯ дар мушкилӣ ҳеҷ мушкилие надорад ва агарчӣ беҳтарин анвоъи неъматро мечашад. Худованд дар дигар оят мефармояд:

***"Зуд аст, ки меандозем дар дили ононе, ки кофиранд тарсро ба он сабабе, ки ширккарданд ба Аллоҳ"***

*(сураи Оли Имрон, ояти 151).*

## ГАМ МАХӮР АЗ ҲАЁТ, КИ ИН ҲАЁТ АЗ ОН ЧИ ТАСАВВУР МЕКУНИ, КӮТОҲТАР АСТ

Донишманде бо номи Дойл Корнейҷӣ қисса мекунад, ки марде гирифтори ҷароҳати меъда буд. Ва бемориаш рӯз то рӯз сахттар хуруҷ мекарду вазнинтар мешуд. Пизишкон ӯро аз бемористон ҷавоб додан ва гуфтанд, ки ӯро умр кам мондааст ва дардаш низ беилоҷ аст.

Баъдан Ҳоний (номи бемор) тасмим гирифт, ки агар умри ӯ кам монда бошад, ӯ мехоҳад сафар кунад ва ҳар чӣ дилаш мехоҳад аз он тановул намояд. Ҳарчанд ӯро манъ карданд, ки сафар накунад, ки дар ҷойи дигар мемирад. Ӯ эътимод накард, сафар пеш гирифт. Дар сафар ҳар чӣ дилаш хост хӯрд, ҳатто хӯрданиҳое, ки қаблан барояш пизишкон манъ карда буданд, бемалол хӯрд. Хандид, гирди ҷаҳон чархид, шаҳру ноҳияҳои нав ба навро дид. Пас аз андак муддате ба занаш нома навишт, ки ягон бор ин гуна хурсанд нашуда будааст. Пас аз чанде ба хона бармегардад,

ки рангу рӯяш нисбати пештар зебову баданаш фарбеҳ ва аз дард нишоне намондааст.

Хурсанд будан беҳтар аз шифову давои духтурон.

## ҒАМГИН МАШАВ

Вақте Худованд қавмеро дӯст медорад, эшонро ба бало мубтало месозад. Ҳар касе ба тасмими Худованд розӣ шуд, ризоги ӯро дармеёбад. Ҳар кас ба чунин хости Худованд газаб кард, гирифтори ғазаби Ӯ мешавад. Худованд сахттарин балоҳряшро аз байни одамон ба Пайғамбаронаш лоиқ донистааст. Пас ҳар касе пайрави паямбарон бошад ва ба дин ҳар қадар сахт гаравид, Худованд ба ҳамон андоза сахттар балоро ба сараш бифиристад. Ва агар диёнати ҳар шахс сусттар аст, ба ҳамон андоза бало низ ба ӯсуст нозил мешавад. Пас инсонро бало тарк намекунад, то замоне, дар рӯйи замин роҳ мегардад ва ҳатто ин ки дар рафтори ӯ хатогӣ набошад ҳам. Аҷабо аз кори мӯъминон, албатта кори ӯ хуб аст. Мӯъмин нафарест, ки ҳангоми неъмат шукр ва ҳангоми бало сабрро пеша мекунад.

## ҲАТТО ДАР САКАРОТИ МАВТ ТАВАССУМ БИКУН

Абӯрайҳони Берунӣ ҳафтоду ҳашт сол умр дид ва тамоми умри хешро ба таҳсилу илму фаро гирифтани кутуб, таснифу барномарезии муҷалладҳо ва китобу рисолаҳо масраф кард. Ҳамеша даст ба қаламу чашм ба китоб дошт ва қдлбаш ба фикру зикр андармон буд. Танҳо замоне даст аз ин корҳо бармедошт, ки ҳоҷати хӯрдан ва ё қазовати дигаре пеш меомад.

Фақеҳ Абӯлҳасан Алӣ писари Исо мегӯяд, ки рӯзе ба ҳузури Абӯрайҳон даромадам. Абӯрайҳон дар нақзи ҷон қарор дошт. Маро диду пурсид, ки ҳисоби ҷаддоти фосидаро, яъне илми меросро чӣ гуна буд, ки ба ман гуфта будӣ. Ман дар ҳайрат шудаму гуфтам, ки оё дар чунин ҳолат ягон чизро мепурсанд? У гуфт: Аз олам меравам. Мехоҳам аз дунё ин илмро дониста равам. Оё ин бад аст?

Сипас ман масъаларо пеши ӯ арз кардам ва ӯ ҳифз кард. Баъдан ман аз наздаш мураххас пурсидам ва бархеста рафтам. Ба дари ҳавлияш нарасида будам, ки овози гиряи хонадонаш баланд шуд. Хабарам оварданд, ки Абӯрайҳон аз дунё чашм пӯшид.

Умари Форуқ замоне, ки дар ҳолати нақзи марг қарор доштанду аз ҷароҳати эшон хун ҷорӣ мешуд, аз саҳобагон пурсид, ки оё намозашро хондааст ё не.

Саъд ибни Рабиъ ба хун олудз шуда буд. Ва дар охирин ҳолат ҳам аз Расули худо (с) мепурсид.

Иброҳим писари ҷарроҳ яке аз шогидони Имоми Аъзам мегӯяд, ки Абӯ Юсуф бемор шуд.

-Ба аёдати бемор рафтам. Вақте даромадам, дидам, ки бемор аз хуш рафтааст. Пас аз муддате ба ҳуш омад, маро диду пурсйд: ба шайтон савора санг задан дуруст аст ё пиёда? Гуфтам ки дар чунин ҳолат мепурсед? Гуфт: Ҳеҷ боке нест. Шояд бо ҳамин сабаби баҳси илм наҷот ёбем. Суолро боз такрор кард: Эй Иброҳим дар санг задан ба шайтон савора беҳ ё пиёда?

Гуфтам: Савора беҳ аст. Гуфт хато кардӣ: Пиёда беҳ аст. Гуфт: хато кардӣ. Агар дар ҷамарот истодан мумкин набошад, савора беҳ, агар истодан мумкин бошад, пиёда афзал аст.

Пас аз ҳузураш хестам рафтам ба рӯй ҳавлӣ то ҷониби хонаам шитобам. Берун аз дари ҳавлӣ шудам, ки хабар расид, ки вафот кардааст.

Оре замоне буд, ки мардони Худо бо марг муштугоребон буданд, аз ҳуш мерафтанд, вақте ба худ меомаданд, боз ягон масъалаи илму динро пурсон мешуданд. Бахотири таълим гирифган ё таълим додан.

Худовандо, ононе, ки дар вақти марг аз баҳри зану молу дунё фикр накарданд. Молу манолашонро ғам нахӯрданд. Танҳо дар ғами илму ҳар чӣ бештар кардани маърифати хеш буданд. Раҳмати ҳақ нисори чунин бандагон бод.

## АСРОРИ САХТИҲО

Муаррих ва адиби фарҳехта Аҳмад бинни Юсуф, котиби мисрӣ дар китобаш чунин овардааст: "Албатта кашф кардани сахтиҳо ва чӣ лозим аст зиди онҳо". Чуноне, ки шаби торик равшан мешавад ва субҳи умед мерасад. Аммо бадтабиатону бадтинатон ҳар вақто, ки ба сарашон балое ё сахтие мерасад, лозим медонанд нафсашонро дар нозил шудани бадбахтиҳо. Яъне бар дигарон назар намекунанд. Гумон доранд, ки балову сахтиҳо танҳо дар сари онҳост. Ва худро илоҷ намекунанд бо даво, пас иллати эшон зиёд мешавад. Давои хубтарин фикр кардан ба бемории ононе, ки мубтало шуданд ба сахтиҳо.

Давои дигар сабрро пеша кардан ва гумони нек кардан дар ҳаққи Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло, ки баъди имтиҳон мукофотои хуби ӯро ва вафои ӯро мунтазир шавед.

Бузургмеҳр мефармояд: "Омадани сахтиҳо пеш аз

осонӣ, монанди гуруснаги пеш аз дарёби таъомест, ки вақте таъом меояд бо иштиҳои хуб тановул мекунанд".

Аздашир гуфтааст: Сахтиҳо мисли сурма аст, ки мебинӣ он чизҳое, ки намедидӣ ҳангоми неъмат.

Мурод аз ин сухан сурма равшанкунандаи чашм аст. Вақте сурма ба чашм мекашӣ хубтар мебинӣ. Ҳангоме, ки дар фаровонӣ зиндагӣ дорӣ намедонӣ, ки дӯсту душмани ту кист. Намедонӣ, ки кӣ мушфиқ асту кӣ разил. Пас ин парда замоне боз мешавад, ки ба сарат сахтӣ ояд.

Касоне низ ҳастанд, ки дӯстиву рафоқат варзидани эшон ба хотири пулу молат, мансаб ё ба қуввати бузурги ҷисмонии паҳлавонии туст. Аммо вақте мебинӣ, ки ҳамаи ин неъмат аз дасти ту рафтааст, дӯстони нониат аз ту мегурезанд. Он лаҳза баъд дарк мекунӣ, ки кӣ дӯсти нонӣ будааст ва дӯсти ҷониат кист.

Китоби "Алфараҷу баъда шиддатӣ", ки муаллифаш Танавухӣ аст, мутолиа кардам. Такрор ба такрор хондам. Аз он се фоида ба худ бардоштам.

1. Аввал дарёфтам, ки баъди ҳар сахтиву мушкилӣ кушоиш дар навбат аст, ки ягон ҷойи шубҳа нест. Монанди оМадани рӯз баъди шаб, ки ягон шаке нест.

2. Аксаран ҳар кору заҳмате, ки мо бад мебинем, бештар вақт барои дину дунёву охират баргашт, ҳосили хуб ва фоидаи бисёр дорад.

3.Донистам, ки орандаи фоидаву хубиҳо ва дафъкунандаи зарару бадиҳо Аллоҳ азза ва ҷалл аст, ки ин ҳақиқати бебаҳс аст. Пас бидон ки он чи туро расиданист, хато намешавад ва хато намешавад туро он чӣ норасиданист.

Эй оне ки ба мусибати дигарон хурсанд мешавӣ, оё ту кафолату замонате дорӣ, ки чунин мусибат ба сари ту намеояд ва ту аз ҳар гуна меҳнату сахтӣ раҳо меёбӣ? Албатта медонӣ, ки надорӣ, пас чаро ба мусибати дигарон хурсандмешавӣ. Тавре шоир мегӯвд:

Бар *мурдани душманон шод мабош,*

*К-ин моҷаро бар сари ҳама ояд.*

Шоири дигаре мегӯяд:

*Ту ки аз меҳнати дигарон бегамӯ,*

*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӯ*

Дар ҳадиси саҳеҳе аз Расули акрам (с) омадааст:

*"Агар дунё дар ҳузури Аллоҳ қадр медошт, ба монанди қаноти пашша кофиреро об намедод".*

Яъне дар ҳузури Худованд ин дунё аз қаноти пашша ҳам беқадр аст. Агар қадру манзалати дунё ин аст, пас куштору ваҳшонияти ва ноорoмиҳо аз баҳри чист?

Саодатмандӣ: Ин ҳис карданат оромиро дар нафсат, дар ояндаат, дар аҳлат ва зиндагиат. Ва ин ҷамъ карда шудааст, дар имон ва ризогии Аллоҳ таъоло ва тақдироти неку бадаш ва қаноату сабр.

## ҚИМАТИ ИМОН

Аллоҳ таъоло мефармояд:

*"Балки Аллоҳ миннат мекунад аз барои шумоён, ки ҳидоят кард ба имон".*

*(сураи Ҳуҷурот, ояти 17)*

Неъмати бузурге, ки ҳеҷ кас қадри онро дарк намекунад, магар одамони зирзку доно. Ин назарест, ки чашми ибрати мусулмонзода бояд нисбат ба кофирзода бошад. Ба дурустӣ, ки Худованд туро

мусулмон ва мусулмонзода офарид. Туро ба роҳи имон роҳнамоӣ намуд. Ин меҳрубонии Худованд аст, ки бар ту кофир буданро раво надид, кофире, ки парвардигории Худовандро инкор мекунад. Кофире, ки сифатҳои Худоро мункир шуд, душманӣ кард ба Холиқе ки варо халқ кардааст, душманӣ карда ба Розиқе ки варо ризқдодааст. Кофире, ки пайғамбарону китобҳои Аллоҳро рад кард ва ғарқи исёну гуноҳ шуд.

Пас бояд бияндешӣ, ки Худованд туро аз ин гуна тақдир нигоҳ дошт, туро мусулмон ва муваҳҳид офарид.

Ту хушбахтӣ дар ҳузури Худованд ва бандагони Ӯ, ки ба Аллоҳ, ба паёмбарону китобҳои осмонии Ӯ имон овардӣ, тамоми фарзҳоро бо камбудӣ бошад ҳам, ба ҷой меоварӣ. Пасхуди ин бузургтарин неъмат аст, ки инро ҳисоб карда намешавад, бо мол харида намешавад.

Тавре ОллоҳАзза ва Ҷалла мефармояд:

**"Оё** *пас касе бошад мӯъмин монандаст касе ҳаст, ки фосиқ бошад, баробар нестанд онон "*

*(сураи Саҷдаҳ, ояти 18)*

Ҳатто баъзе муфассирин зикр кардаанд, ки яке аз неъмати ҷаннатиён ин аст, ки ба ҳоли дузахиён нигоҳ карда, шукр аз мусалмон будани худ мекунанд.

### ГАМГИН МАБОШ

<u>*Ло илоҳа иллаллалоҳ*</u>: Яъне нест маъбуде ба ҳақ магар Оллоҳ ҳақ субҳонаҳу ва Таъоло ва яктост бо сифоти илоҳияш ва ҳамин сифоти камол аст.

Рӯҳ ва сирри ин калима - якто шуморидани Оллоҳ Азза ва ҷалла, ки номҳояш муқаддас аст ва бузургияш олист ва нест худойе ғайри Ӯ.

Ва мар Ӯрост муҳаббати мо, бузургшуморӣ ва

таъзими мо. Тарс ва умеди мо таваккал ва рағбати мо. Ва бо Ӯ касеро баробар дӯст намедорем. Ва ҳар касеро, ки Ӯ дӯст медорад, мо ҳам дӯст медорем. Ва ба ғайри Ӯ аз каси дигар тарсида намешавад ва таваккал карда ҳам намешавад. Ва ба ғайри Ӯ ба касе рағбат кардан ҳам амали аблаҳист.

Ва ба ҷуз Ӯ пеши дигаре тавба ҳам номақбул аст. Ба ҷуз Ӯ пеши касе итоъат ва ҳисобу китоб карда намешавад. Дар сахтиҳо ва мусибатҳо ба ҷуз пеши Худованд аз каси дигар имдодталабида, намешавад. Ба ғайр аз Худо пеши касе илтиҷо ва саҷда кардан ҷоиз нест.

## БОЗДОШТАШУДАГОН ҲАМ НОИЛ МЕШАВАНД

Писари Маҳмуди Маданӣ ки ном Маҳмуд дошту нобино буд, китоби адабро аз чашми дигарон тавассути гӯш кардан омӯхт. Ҷамиъи китоби таърих ва рӯзномаву маҷаллаҳоро вақте дигарон мехонданд, гӯш карда аз субҳ то шом меомӯхт. Дар охир олими маъруфе бо номи аллома Маҳмуд гашт.

Мустафо Амин дар маҷаллаи "Шарқи авсат" навишт: "Сабр кун ба макри маккорон ва зулми ситамгорону қамчини қамчинкорон. Аммо бидон, рӯзе мерасад, ки қамчинҳо меафтанд, бандҳо кушода ва маҳбусон озод мешаванд ва аз торикӣ ба равшанӣ шарафёб мешаванд. Аммо барои ту танҳо сабр ва интизории он рӯз лозим асту халос".

Дар Риёз бо муфтии Албания вохӯрдам, ки ӯ қаблан дар Албания 20 сол маҳбус шуда буд. Бо вуҷуди торикиву зулму гуруснагӣ пинҳонӣ ибодати Худоро мекард. Кулли ин мусибатро аз Худо донист. Рӯзе

расид, ки аз кунҷи маҳбас озод шуд.

Нилсун Мондинло-раиси ҷануби Африқо ба муддати 27 сол аз озодӣ маҳбус гашт. Дар маҳбас ҳам нишаста, халқашро ба меҳнати ҳалол ва покизакориву озодагӣ даъват мекард. Билохира ба ҳадафи худ расид.

Мақсад аз овардани ин ҳарфҳо он аст, ки инсон бояд сабр пеша кунад, рӯзе фаро мерасад, ки аз ранҷу шиканҷа озод мегардад. Агар касе дар ин дунё машаққат кашиду ранҷ дид, дар охират сарбаланд мешавад. Он ҷо ҳаёти абадист.

Хеле рӯзи бад ва такдири наҳс ба ононе аст. ки Исломро намедонанд ва раҳе ба сӯйи Ӯ наёфтаанд. Албатта Ислом ниёзманди даъваткунандагон ва хидматгорони дин аст. Зеро ин дини оламист, ки Худованд қаблан аз ин хабари бузург мужда додааст Нафаре, ки ба Ислом даъват мекунад, бояд инсони ҷалбкунанда ва мулоимсухан бошад. Саодати башарӣ ба ҷуз ин дини башарӣ дар дигар ҳолату тариқате нест. Худованд мефармояд:

*"Ва касе талаб мекунад гайри ислом динеро, пас қабул карда намешавад аз ӯ"*

*(сураи оли Имрон, ояти* 85)

Яъне ҳар касе ба гайр аз ислом ба дигар дине пайраай мекунад, дар охират амали ӯ мардуд ва пушаймон мегардад. Дар кишвари Олмон даъватчии машҳуре буд, ки мардумро пайваста ба ислом даъват мекард, ба Худованди якто эшонро шинос менамуд.

Ногоҳ рӯзе ӯ дар даромадгоҳи шаҳр эълоне диди, ки дар даъват ба дини ботил навишта шуда буд. Ин марди Худо як эълони дигаре навишт ва дар паҳлӯи он эълон часпонид, ки маънии эълонаш чунин буд: "Ту аз дини мубини Ислом бехабарӣ, пас занг бизан ба ин рақам" -гуфту рақами телефонашро навишт. Пас аз он сар шуд зангҳои бешумори телефонӣ. Бо ин васила ӯ марду зани бисёреро даъват ба дини ҳақ ва яктопарастии Аллоҳ таъоло намуд, ки теъдодашон аз садҳо ҳазор нафар ҳам зиёд аст. Сипас марказҳои исломӣ, мадрасаҳои таълими дини Ислом ва масҷидҳои ҷомеъу панҷвақта бино шуданд.

Албатта инсоният ҳоҷати сахт дорад ба дини мубини Ислом, то амну оромӣ ва мақсади хешро дар ин дин ва ба василаи ин дин кулли ҳадафҳои хешро расида дарёбад. Худованд мегӯяд:

**"Бо** *сабаби он ҳидоят мекунад худо касеро, ки талаби ризоги ӯ кард, ки талаби ризогии ӯ кард. Ба сӯйи роҳҳои наҷот ва берун меорад эшонро аз торикиҳо ба сӯйи равшанӣ ба иродаи худ ва далолат мекунад эшонро ба сӯйи роҳи рост"*

*(сураи Моидаҳ, ояти 16).*

Яке аз обидон бо таассуф чунин гуфтааст: "Ҳеҷ гумон накардам, ки дар олам касе ғайри Аллоҳро ибодат мекунад". Аммо Худованд мегӯяд:

*"Ва каме аз бандагони ман шокир ҳастанд"*

*(сураи Сабоъ,ояти 13).*

Дар мулки Судон як марди кӯҳистоние ба шаҳр омад. Дар шаҳр як марди сару либоси аврупоие дар бар дид ва ҳайратзада аз мардум пурсид, ки ин кист? Мардум дар ҷавоб гуфтандаш, ки ин мард англис

ҳасту кофир аст. Ӯ боз ҳайраташ афзуд ва илова кард, ки ба кӣ кофир? Боз дар посух гуфтанд: Ба Худованди якто кофир аст.

Дили он марди кӯҳистонии худотарс аз шунидани ин ҳарф бечо шуд, тамоми хӯрдаашро қай кард. Бечора марди кӯҳистонӣ гумон дошт, ки дар дунё кофире ба Худо нест. Ӯ рӯй сӯйи кӯҳ кард ва гурехт аз шаҳр то рӯйи кофирон набинад.

Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳу мегӯяд: "Қадру қимати инсон ба андозаи аъмоли ӯст". Яъне инсон бо одобу хулқу атвор ва ибодаташ дар пешгоҳи Худованди якто манзалати хоси худро меёбад. Агар бад кард ва Худоро носипосӣ намуд, ба ин андоза ҳам манзалати ӯ поён хоҳад фаромад.

Ҳар кас ба андозаи ғайрати хеш бузургиро ба даст меоварад. Бузургӣ хурмо нест, ки онро бигирию бихӯрӣ ва бузургиро дарёбӣ. Хулоса ин ки умр кӯтоҳ аст, рӯзат бад аст ё нек, аҳволат хуб аст ё нохуб, мисли абри даргузар мегузарад, ки хеле кӯтоҳ аст. Пас ин умри кӯтоҳро бо гуноҳ олуда ва ба ғаму ғусса напечонед.

*Сабабҳои саодатмандӯ*

1. Амали солиҳ.
2. Зани солиҳа.
3. Хонаи васеъ.
4. Касби ҳалол ва пок.
5. Ҳусни хулқ ва дӯстдории мардум.
6. Қарздор набудан ва исроф накардан дар нафақа.

Қувватдиҳанцаи хушбахтӣ

Қувватбахшанцаҳои саоцатманцӣ ва хушбахтӣ се

чиз мебошад:

1. Дили шукркунунда.
2. Забони зикркунанда.
3. Ҷисми сабркунанда.

Агар ҷамъ кунам бар ту илми уламоро ва ҳикмати ҳакимонро, шеъри шоиронро дар хусуси хушбахтӣ ҳаргиз хушбахт намешавӣ, то худ ҳаракат накунӣ ва қасд накунӣ ва он сабабҳое, ки зидди он аст, худ мубориза набарӣ. Ва аз саодатҳои инсон нигоҳ доштани сирр ва нақшаи корӣ, зеро бо сабаби ошкор кардан шояд ба гӯши ҳосидонат ва бадбинонат мерасад ва сабабгори бастани роҳи ту мегарданд.

Ва бештари оне, ки сирри худро ошкор мекунад, пушаймон мегардад. Вале пинҳон кардани асрор сабри бузург талаб мекунад. Чунки сир дар дил монанди пуфакест ҳар қадар дам кунед, дар охир мекафад. Чуноне баъзе мардум мегӯянд, агар нагӯям, мекафам.

Ривояте оварда шудааст, ки ба аъробие даҳ динор доданд, то дар ивази он сиреро ба касе ошкор накунад. Он мискин якчанд вақт гашт, дигар тоқаташ тоқ шуд, ки сирро дар дили худ пинҳон дошта наметавонад. Баргашт ва пулро ба соҳибаш баргардонд ва гуфт пулро бигир, ки ман сирро дар дил дошта наметавонам, яъне ошкор мекунам.

Зеро нигаҳ доштани сир қасди бузург ва сабри ҷамилро талаб мекунад. Чуноне дар қиссаи Юсуф алайҳиссалом ҳам омадааст, вақте хоб мебинанд, Яъқуб падарашон аз гуфтани хоб ба бародаронашон боз медоранд, чуноче дар китоби осмонӣ омада:

*"Ва қисса накун хобатро бар бародаронат".*
*(сураи Юсуф, ояти* 5)

Лекин бародарони Юсуф мефаҳманд хобро ва сабаби ба бало гирифтор шудани Юсуф мегарданд.

## ҲАРГИЗ НАМЕМИРИ ПЕШ АЗ АҶАЛАТ

Аллоҳ таоло дар китоби осмонӣ мефармояд:

«Пас ҳар *вақто аҷали эшон ояд, таъхир намекунад соате ва тақдим ҳам намекунанд».*

*(сураи Аъроф, ояти* 34)

Яъне вақте марг меояд, онро ҳеҷ кас дошта наметавонад, як лаҳза бошад ҳам пеш оварда наметавонад. Ин оят дилбардорӣ мебошад, хусусан ба тарсӯҳо, ки дар як рӯз ҳафт бор мемиранд. Пас онҳо бидонанд, ки маргашон навишта шудааст. Ҳамон соат, ҳамон лаҳза наояд намемиранд, Агарчӣ тамоми инсонҳо ва ҷинҳо ҷамъ шаванд ва қасди куштани касеро бикунанд, ҳеҷ гоҳ ба мақсад намерасанд. То он лаҳзае, ки худи Худованд нахоҳад.

Вақте инсон инро дар ақидаи худ ҷойгир мекунад, дили ӯ ором ва мустаҳкам мегардад. Имом Заҳабӣ китобе дорад бисту се ҷилд ва дар ин китобаш машҳуртарин слимҳо, халифаҳо, подшоҳҳо, амирҳэ, вазирҳо ва шоиронро навиштааст, аз ҳаёт ва зиндагии эшон мисолҳои зиёдест он ҷо.

Вақте ин китобро мехонӣ ду чизи ҳақиқатро дармеёбӣ.

*<u>Аввал</u>:* касе муҳаббат бандад ба ғайр аз Аллоҳ ба дигар чиз, амсоли мол ё мансаб ё фарзанд ё касбаш, пас он дилбастааш сабаби бадбахтию азобаш мегардад. Чуноне Фиръавн ба мансаб, Қорун ба мол, Умайя ибни Халаф ба тиҷорат, Валид ба фарзанд, Абӯҷаҳл ба обрӯ, Абӯлаҳаб ба насаб, Ҳаҷоҷ

ба зулм ва ғайра. Ҳамаи ин корҳо сабабгори бадбахтии онон гардид, зеро муҳаббати сахти онон сабаби инкори Худованд ва исёни ӯ гардид.

***Дуввум.*** Касе муҳаббат бандад ба Аллоҳ ва дар тамоми кораш ба ӯ наздикӣ кунад ва кори охиратро аз дунё пеш гирад, Худованд инчунин шахсро бемансабу бехонаву дар, бе зану фарзанд бошад ҳам, азиз мегардонад ва ӯро хушбахти ин дунё ва охират мегардонад. Мисли Билол, Салмон, Суҳайб, Атоъ, Аъмаш ва ғайраҳо.

## Ё ЗАЛ ҶАЛОЛИ ВАЛ-ИКРОМ

Дар ҳадис аз Пайғамбар (с) омадааст, ки фармудаанд:

***"Лаззат баред ба Ё зал ҷалоли вал-Икром",*** яъне лозим гиред бисёр гуфтанашро, зеро инъоми бузурги Аллоҳ аст. Ва мисли ҳамин боз номи бузурги Аллоҳ ***"Ё ҳай ё қайюм"*** аст. Ва гуфта шудааст, ки исми аъзам аст. Хулоса агар бо ин номҳо дуо карда шавад, дуо қабул мешавад ва ҳар чизе, ки аз ҷониби банда бо ихлос пурсида шавад, дода мешавад. Агар бо яқину боварӣ сахт дуо кунад. Пас бисёр зикр кунед ин номҳоро то кушоиш, зафар ва хушбахтиро ҳосил кунед. Дар ҳаёти мусулмон ҳамчу рӯзи ид се рӯз аст ва хушбахтист:

1. Рӯзе, ки фарзҳои Худоро дар ҷамоат адо мекунад ва дар ҳамон рӯз гуноҳе содир намекунад.
2. Рӯзе, ки аз гуноҳ тавба мекунад ва дигар онро такрор намекунад ва ба сӯи Худо бармегардад.
3. Рӯзе, ки вомехӯрад дар ҳамон рӯз ба Парвардигораш бо хотимаи нек ва амали мақбул.

Расули акрам (с) мефармоянд: "Касе дӯст дорад

вохӯрии Аллоҳро, Аллоҳ дӯст медорад вохурии уро".

Сирати саҳобагонро, ки розӣ шавад Худованд аз эшон, бисёре хондам. Дар ҳаёти онҳо панҷ хислате, ки аз ҳаёти мо ва дигарон фарқ мекунад дарёфтам:

1. Осон будани ҳаёти эшон ва набудани такаллуф дар тамоми хусус: либос, хӯрока, ҷашн ё маросим ва ғайраҳо. Аммо маросимҳои мо чӣ қадар такаллуф, чӣ қадар машаққат, ки сабабгори қарздоршавӣ ва бадбахтии мо мегардад.

2. Илми онҳо муборак буд, зеро оят ё ҳадисеро ҳифз мекаранд. Аввал ба он амал мекарданд, баъд дигарашро ҳифз мекарданд. Илми онҳо бар амал часпида буд. Зеро илми беамал бисёр бошад, барои чӣ лозим?

3. Аз амали бадан дар назди онҳо амали дил бузургтар ва заруртар буд. Зеро ихлос, таваккул, муҳаббату тарс сахт ҷой гирифта буд. Гарчанде кам ибодат кунанд ҳам, бо ихлосу муҳаббат мекарданд. Зеро амали бисёри беихлос ва бемуҳаббат фоидае надорад.

4. Кам истифода бурданашон аз дунё ва матоъи он ва рӯй гардониданашон аз зебу зиннат ва фахру ҳашамат.

5. Ғолиб донистани даъват ба ислому роҳи Худо аз дигар амалҳои солеҳ, ҳатто дар дилҳои онҳо ҷой гирифта буд, дафъкунандаи ғаму андӯҳи онон буд.

Ва ин ҷо як ҳикмати илоҳист, ки даъват ба ислому роҳи Худоро дар дили онҳо ғолибтар гардонид аз дигар амалҳои солеҳ, зеро уммат дар фасод буд ва лозим буд гурӯҳе аз муҷоҳидон то исломро ба ҳар буқъа расонанд. Ва ҳамд Худоро, ки он азизон сабаб

гаштанд, ки мову шумо аз ҷаҳолату гумроҳии оташпарастӣ ба нуру ҳидояти ислом мушарраф гаштем, вагарна дар гумроҳиву залолат мемон цем ва бадбахти ин дунёву охират мегаштем.

## КАСЕ АЗ ХОСИД ТАРСАД, ЧИ БОЯД КАРД?

1. Хондани сураи Ихлос ва муъовизатайн бо ҳамроҳии зикр ва дуо кардан бо муовизатайн ин сураи Аҳад ва Фалақ ва Носро мегӯянд.
2. Пинҳон кардани кор аз ҳосид.
3. Худро дур гирифтан аз ӯ.
4. Некӣ кардан ба ҳосид, то аз бадиаш эмин монӣ.

## ХУЛКАТРО НЕК БИКУН

Ҳусни хулқ ва рафтори нек хушбахтӣ ва саодатмандист, хулқ ва рафтори бад бадбахтист.

Расули Акрам (с) мефармоянд:

"Ҳароина шахс бо хулқи хубаш мерасад, ба дараҷаи рӯзадор ва шаб намозгузорро".

Дар дигар ҳадис мефармоянд:

"Оё хабар диҳам шумоёнро ба дӯстдоштатарини шумо ва наздиктарини шумо рӯзи қиёмат бо ҳамроҳи ман аз рӯи нишаст? Некӯтарини шумо аз рӯи ахлоқ чуноне Аллоҳ таъоло дар васфи расули Акрам (с) мефармояд: "Ва ҳароина шумо дорои хулки бузург ҳастед".

Оиша (р) модари мӯъминон мефармоянд дар васфи Расули Акрам: Буд хулқи эшон Қуръон, яъне хулқи волою бузург доштанд. Оре, хулқи хуб ва чеҳраи кушод, некӣ ва хурсандии бепоён барои касе, ки Худованд марҳамат карда бошад. Аммо тезӣ ва ба ғазаб фурӯ рафтан ғами бардавом ва азоби бепоён мебошад. I

*Давои бехобӯ*

Чӣ кор бояд кард агар шахсе хобаш ба мушкилӣ барад? Барои ӯ чанд даво ва роҳҳост:

1. Зикрҳои шаръӣ дар вақти хоб кардан ва аз хоб хестан.
2. Рӯзона хоб накардан, агар тавонад.
3. Хондан ва навиштан то хоб омадан.
4. Рӯзона ба кори хуб шуғл варзидан.
5. Кам нӯшидан аз нӯшокиҳое, ки хобро кам мекунад мисли қаҳва ва чой.

Чӣ оқибат дорад гуноҳ бар банда? Гуноҳ барои банда оқибатҳои бадии бисёр дорад, ки мо якчанди онҳоро зикр мекунем:

1. Парда ва ё сатр ё садду деворе байни банда ва Аллоҳ ҳақ субҳонаҳу ва таъоло.
2. Дар ваҳшат ва ҳарос мемонад банда аз Аллоҳ чуноне мегӯянд: агар бад бошад, кори шахс, бад мешавад гумонҳояш.
3. Ғаму андӯҳи доими.
4. Тарсу ноорромӣ дар дил.
6.Тангии зиндагӣ.
6. Сахт шудани дил бо ҳамроҳии торикӣ.
7. Рӯсиёҳӣ, рӯйхунукӣ ва бадқавоқӣ.
8. Бад намудор шудан дар чашм ва дар дили одамон.
9. Бебаракатии ризқ.
10. Ғазаби Парвардигор ва камии имон ва фаромадани мусибат ва ғамҳо.

Худованд кирмро дар дили хок ризқ медиҳад ва паррандаҳоро дар осмон ва моҳиҳоро дар об. Пас ту болотар ҳастӣ аз онҳо бар ризқи худ, ғамгин мабош. Чуноне Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд:

*"Ва нест ягон ҷунбандае дар рӯи замин магарам бар Аллоҳ аст ризқи онҳо"*

*(сураи Ҳуд, ояти* 6)

Яъне ризқдиҳандаи ҳамаи коинот Худованд мебошад, ӯ ризқи ҳамаро ба кафолат гирифтааст, пас ту ғамгин мабош. Мешиносам одамонеро, ки камбағаланд, дар машаққатанд. дилҳояшон сиёҳу танг аст, барои он ки аз роҳи мустэқими Офаридгори бузург дуранд, ризқҳояшон фаровон буд дар сфият ва оромӣ буданд, пас вақте аз тоати Худованд рӯй гардониданд ба намоз сустӣ карданд. бар гуноҳ ғӯта заданд, Худованд офият ва оромии онҳоро аз байн мебарад, ризқи эшонро танг кард ва мубтало кард ба камбағаливу ғаму андӯҳ, зеро Аллоҳ неъмати додааш бар бандаҳоро тағйир намедиҳад, то худи онон тағйир надиҳанд.

### ДАҲ ГУЛЕ АЗ ГУЛИСТОНИ ХУШБАХТӢ

1. Дар саҳаргоҳон истиғфор гуфтан.
2. Дар танҳой фикр кардани халқияти осмону замин ва он мавҷудоту махлуқоте, ки дар миёни онҳост.
3. Ҳамнишаст шудан бо солеҳон ва дур шудан аз толеҳон (бадбахтон).
4. Ҳамеша зикри Худованд кардан.
5. Бо хушӯъ хондани намозҳо.
6. Тиловати Қуръон ба тафаккуру тадаббур.

7. Руза доштан дар гармии тобистон.

8. Пинҳонӣ садақа ва хайрот кардан.

9. Ҳоҷати мусулмони ғамзадаро баровардан.

10. Порсой ва тақво кардан.

Калиди хушбахтӣ калимаест, мероси миллат ибораест ва байрақи зафар ҷумлаест. Ва ин калима ва ин ибора ва ин ҷумла ин аст: _*По илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур-расулуллоҳ.*_

Хурсанд нашав ба ин дунёи фонй, агар аз охират рӯй гардонида бошӣ, зеро окибат туро азоби аламовар интизор аст. Хурсанд нашав бар фарзандони бисёр агар рӯй гардонида бошӣ, аз Худои бемислу монанд, зеро туро хорӣ ва пушаймонии сахт интизор аст.

Хурсанд нашав ба молу мулк, агар амалҳои ту бад бошад зеро окибати ту сиёҳ аст ва лаънати абадӣ аст.

Эй Аллоҳ, нест моро илоҷе ҷуз ту, ту моро халқ кардӣ, ризқ додӣ, зану фарзанд ва неъмати фаровон додӣ, пас оқибати ин неъматҳоро бад макун ва моро аз ҷумлаи дӯзахиён нагардон, аз оқибати ин неъмат ба неъмати бузургат бирасон, ки ҷаннатест тинҷу ором байни ҳурон

**БО АМРИ ВОҚЕЬИ МУОМИЛА БИКУН**

Дар маҷаллае хондам, ки марде аз баландие афтид ва дар даст нигине дошт. Он нигин ҳангоми афтидан бе мехе, ки дар оина буд, дармонд ва яке аз ангуштҳояш аз сабаби шикаста шудани оина бурида шуд. Ин мард пушаймон нахӯрд ва ба худ гуфт: Гарчанде бо чор ангушт мондам, лекин ман розӣ ҳастам, он чӣ Аллоҳ хоста бошад, ҳамон мешавад. Агар Худованд ба ин хурсанд ҳаст. пас чаро ман ба

хурсандии Ӯ ғамгин бошам?

Мардеро медонам, ки аз дасти уапаш маҳрум аст. Бо ҳаман дасти бурида зиндагии хуб ва зану фарзандони бисёре дорад ва мошин ҳам меронад, валекин розӣ ҳаст бар ҳаёт. Чуноне мегӯянд, розӣ шав ба он чӣ додааст Оллоҳ, пас дар он сурат ту бениёзтарини одамон ҳастӣ.

Дар байни ду қабилаи Кӯфа дар масҷиди ҷомеъ фитнае воқеъ шуд.

Ҳама шамшерҳоро кашиданд ва наздик буд, ки ҷанги хонумонсӯзе барпо гардад. Ин ҳангом одаме кофтанд, ки нофаҳмиро аз байн бибарад ва ба масъалаи пеш омада бо маслаҳати хуб машварат диҳад.

Ва баъди кофтуков мардеро дарёфтанд, ки номаш Аҳнаф ибн Қайс буд. Ба хонаш рафтанд, ки як марди хоксору ҳалимест ва либосҳои ҷандаву ҷисми харобу лоғаре дошт. Баъдан ҳодисаро ба ӯ ҳикоят карданд. Аҳнаф дар кушодани мушкилии эшон дасту по нахӯрд, андаке тафаккур кард. Баъд ҳеҷ чиз машварате пеш наёвард ва эшонро оромона гуселонид, ваъда кард, ки пагоҳ меравад. Он шом рӯзаи худро ба обу нон кушод ва ҳангоми дуо аз Худованд ризоят дар сулҳи эшонро талабид. Чун ваъда субҳи пагоҳ ба он ҷамоъа даррасид ва оромона ҳар ду қабилаи даргирро ба ризоияти Аллоҳ даъват кард. Ва гуфт, ки Худованд аз сулҳи шумоён ҳамеша хушнуд мешавад ва агар хунрезӣ шавад, дар ин ҳол Ӯ хурсанд намешавад. Баръакс аз пайи хун мусибатҳои рӯзгорро ба сари шумо мерезад. Ҳар ду ҷониб ризогии Худовандро дар сулҳ диданд ва пешниҳоди марди фақеҳро пазируфтанд. Ба

масъалати эшон машварати хубе ҳам дод, ки минбаъд мунокишаву кина кудурат аз дили эшон рафт ва онҳо дасти дӯстиву сулҳу салоҳ ба ҳам доданд ва ҳама ба ӯ итоат карданд.

Мақсад аз ин қисса он аст, ки бузургӣ дар сару либос нест ва дар молу мулк нест, ва камбизоатӣ ва бечорагӣ ба бадбахтии инсон далолат намекунад. Зеро Оллоҳ таъоло мегӯяд:

*"Аз ҳама мукаррамтарини шумо бо тақвотарини Шумо".*

*(сураи Хуҷурот, ояти 13)*

Нафсатро ба таслим шудан ба такдироти Оллоҳ одат бикунон. Розӣ нашуда чӣ кор ҳам мекардӣ? Оё чуқурие кофта ба зери замин меравӣ ё нардрбон сохта, ба осмон мебарой? Ин ҳамааш бефоида аст. Пас ҳал чӣ мебошад? Ҳалли ин мушкилот таскин додани худ, розӣ ва таслим шудан ба такдироти Худованд. Даво ҳам ин аст, ки ҳама бо қалб сидқан бигӯем: Мо ҳама аз Худоем ва ба сӯи Ӯ бармегардем, зеро мо халқи Ӯ ҳастем ва дар мулки Ӯ ҳастем ва ба сӯи Ӯ бармегардем ва нест қудрате дар дасти мо.

Вақте хабар ёфтӣ, ки ба сари ту ҳодисаи нохуше омадааст, ба мисли сӯхтани хонаат, ё марги фарзандат ё рафтани молат, пас чӣ кор ҳам мекардӣ, оё аз тақдир гурехта метавонӣ? Гурехтан роҳи халосӣ нест. Ғазаб мекунӣ? Фоидае надорад, баръакс бо қаҳру хашми хеш ғазаби Холиқи якторо меоварӣ. Валекин ин ҷо роҳи ҳал, розӣ шудан бо такдир ва ҳосил кардани аҷру савоб аст. Танҳо сабр мебояд.

## БА ҲАР ЧИЗЕ. КИ ГАМ МЕХУРӢ, ҲАТМАН БА ОХИР МЕРАСАД.

Марг бар сари ҳама меояд. Ба сари золиму мазлум, ба сари қавию заиф, бою камбағал ва бар сари бемору сиҳат. Гумон накун, ки фақат ту миранда ҳастӣ, пеш аз ту ҳам одамони бисёре бо дидани умри дарозу кӯтоҳ вафот карданд ва баъд аз ту ҳам вафот мекунанд. Тавре Хайём мегӯяд:

*Онон ки куҳан буданду онон ки наванд.*
*Ҳар як пайи якдигар паёпай бишаванд.*
*В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

(иловаи мураттиби китоб)

Ибн Батута мегӯянд, дар макони мақбарае ёфта шуд, ки дар он ҳазор подшоҳ дафн карда шуда буд.

Дар Мустатраф овардаанд, ки дар ғоре қабри подшоҳеро ёфтанд, ки дар он навишта шуда буд. «Ман Малике аз маликҳои дунё, ҳазор сол умр дидам ва ҳазор ғулом доштам ва ҳазор каниз ва бо ҳазор духтар ҳамбистар шудам. Валекин оқибат ҷои ман зери хок гашт, пас ҳар касе мехоҳад, ибрат бигирад аз ман».

## ГАМУ АНДУҲ РОҲЕ БА СУЙИ БАДБАХТИСТ

Дар шумораи 240-уми маҷаллаи "Муслимун" навишта шудааст, ки тибқи таҳқиқоти олимон ва пажӯҳишгарон дар моҳи сафар соли 1410 ҳиҷрӣ дар дунё зиёда аз 200 миллион инсон дар ғаму андӯҳ қарор доштаанд. Аз ин 200 милён ҳама як дарду ангезаву ғами худро дошт. Аз ин дард тамоми олам фарёд мекунад. Фарқ надорад байни Гарбу Шарқ ва

байни бою камбағал, ин дардест, ки ба ҳама мерасад. Ва ниҳоят баъзеи онҳоро ғами эшон ба худкушӣ оварда мерасонад. Инсоне, ки ба тақдири Худованд тан додан намехоҳад, даст ба худкушӣ мезанад, ки минбаъд ба молу мулк ба сарвату давлат коре надорад. Аммо мӯъмин аз Худованд меҳаросад ва умеди нек ҳам дорад, ки ин ғам ҳамешагӣ нест. Аз ин рӯ дар сахттарин ҳолат ҳам ба ин кор даст намезанад. Худованд Қуръони маҷид:

*"Шумо худро ба қатл нарасонед"*

*(сураи Нисо,ояти* 29)

Зеро ононе, ки худро ба қатл мерасонанд, ғумон мекунанд, ки аз дарде ё аламе халос мегарданд. Лекин баръакс ба дарду алами абадӣ бармеғардачд. Дар Олмон зане се фарзанди худро ба қатл расонид, пас худашро, зеро ба бемории ғаму андӯҳ гирифтор гашта буд ва хост фарзандҳояш ҳам ба ин гирифтор нағарданд ва роҳати онҳоро гӯё дар қатли эшон дид. Вале... Ва сабабҳои аслии ғами инсоният, бештар ёд кардани рӯзҳои гузашта ва бештар ғусса хӯрдан аз оне ки чизеро аз даст додааст. Аммо сабаби ҳамаи ин ғамҳои ғузашта бекорист.

Умар (р) мегӯянд: ман ягон талабе надорам, вақте субҳ мекунам, магарам лаззат мебарам ба такдирот хоҳ нек аст ва хоҳ бад.

Ҳашт фарзанди Абӯ Зуъайб дар як сол фавтид, лекин ба изтироб наафтод, худкушӣ ҳам накард, ба ҷои он ҳамд ғуфт ва сабр кард ва шеъре навишт, ки ризо ва таслимро дар бар мегирад.

Як пойи Урваҳ писари Зубайр бурида шуд ва дар ҳамон рӯз яке аз фарзандҳояш вафот кард. Пас Урваҳ

гуфт: эй Оллоҳ барои ту ҳамд мегӯям, зеро ту чаҳор узв додӣ, гирифтӣ яктаашро ва чаҳор фарзанд додӣ, миронидӣ якеашро. Оре, ҳақбар ҷониби Урваҳ, зеро Худованд боқимондаи узву фарзандашро мегирифт ҳам, чӣ кор ҳам мекард?

Чуноне Имом шофийӣ дар шеъри худ мегӯянд ва мазмунан шеър чунин аст: "Бигузор рӯзҳоро чӣ хоҳад бикунад, ва хушҳол бош ба фаромадани қазою қадар, зеро агар фарояд қазое ба замини қавме ягон зами не дошта наметавонад ва на осмоне".

Оре, барои мову шумс лаҳзаҳое вомехӯрад, ки гумон мекунем мемурем, лекин боз ҳаёт ба сар мебарам. Зеро марг дигар чиз аст ва беморӣ дигар чиз аст.

Вакте беморӣ меояд, шифо ҳам меояд, аммо вақте марг меояд, дигар ӯро боздоште нест. Зеро ягон гардиш ва қуввате нест магарам ба Оллоҳ, ки диҳандаву гиранда азизу хоркунанда фақат ӯст. Пасҳамеша бигӯй **"Ло хавла** *вало қуввата илло биллоҳ?* зеро канзе аз канзҳои ҷаннат аст ва барорандаи ғаму ғусса аст.

Саҳаргоҳон зикр кардани ҷалолати Худой ва истиғфор талаб кардан аз Ӯ сабаби фаровонии ризқ мебошад.

Ибни Таймия мегӯяд: "Вақте барои ман масъалае мушкилӣ бикунад, дарҳол ҳазор маротиба ё зиёдтар истиғфор мегӯям, пас он масъала барои ман кушода мегардад".

Тааҷҷуб мекунам аз бузургони гузашта, ки мусибату бало чун борон ба сарашон мерехт ва чун шамол дар

гирдашон мевазид, лекин сабру таҳаммули онҳо зиёд мегашт. Шикоят аз касе надоштанд.

## ОДАМОН НА БАРОИ ТУ, БАЛКИ ТУ АЗ БАРОИ ДИГАРОН

Инсони оқилу доно барои одамон мекунад ва на одамон барои ӯ. Ва ҳеҷ вақт бар онон такя намекунад. Зеро одамон ҳам ҳудуди муайяне доранд, ки аз он убур намекунанд. Нигоҳ кун ба набераи расули Акрам (с) Имом-Ҳусайн писари Имом Алӣ (р), ки кушта шуд, аммо мардум парво накарданд. балки кушандаҳо хушҳолона фарёд карданду хурсандӣ карданд.

Имоми Аъзам (р) ҳабс карда шуданд, касе аз баҳри имом нахест. Имом Аҳмад ибни Ҳанбал (р) ҳабс ва дарра зада шуданд, касе ҳаракат накард. барои озодии имом. Ибн Таймия (р) солҳои дароз маҳбус буд. Мардум ба по нахестанд. Вақте аз олам даргузаштанд, мардуми бисёре ба ҷаноза ҳозир шуданд. Аммо куҷо буданд ин мардум вақте ӯ маҳбус буд? Не балки барои онҳо ҳаддест, то ҳамон ҷо мераванд. Барои ҳамин ба мардум такя ва эътимод накун ягона такягоҳи худ ба Худованди якто қарор бидеҳ. Тааҷҷуб мекунам ба касоне, ки бо каме пайравони худ ё дастгирии мардум такягоҳи ҳақиқиро фаромӯш мекунанд ва дар охир пушаймони сахт мешаванд.

## МОЛРО ИСРОФ МАКУН

Баъзе аҳмақон ба исрофи мол ва сарф карданаш ба роҳҳои беҳуда даъват мекунанд. Ё ба мол ҷамъ накардан умуман. Ин аз суханҳои бутпарастон ва аз баъзе ҷоҳилони мутаассиб аст.

Аммо Ислом даъват мекунад ба касб кардани моли ҳалол ва ҷамъ кардани он ва нафақаю садақот кардан ба роҳи дуруст. Дар Ислом аслан бойигарӣ ва доройӣ бад нест, агар закоти мол пардохт карда шаваду ба роҳи ҳалол масраф гардад. Чуноне Расули Акрам (с) мефармояд:

*" Чӯ хел хуб аст моли солиҳ дар дасти марди солих'.*

Бубинед, дар аввалҳои ислом Абӯбакри сиддиқ, ки пулу мол дошт,я ҳамаашро дар роҳи дин сарф кард ва чӣ қадар ғуломону канизони мусулмонро аз дасти мушрикони золим харида, озод кард, ё дигар саҳобагон ба монанди Усмон ва Абдураҳмон ибн Авф ва гайраҳо ки моли худро ба роҳи дин сарф карданд, зеро бе иқтисодиёт мушкил аст, пеш бурдани даъвати исломӣ.

Ва оне чизе ки ғаму андӯҳро зиёд, қувваву нерӯи ҷавониро барҳадар ва қоматро хам месозад, ин қарздорӣ ва камбағалист. Ҳатто Расули Акрам (с) паноҳ металабиданд аз фақру камбағалӣ, зеро фақру камбағалӣ шояд сабабгор ба кофир шудан ва аз дин баромадани инсон шавад.

Оё намебинед, ки дар баъзе аз давлатҳои оқибмонда ва мардуми камбағал ба маблағи ночизе ба дигар динҳои ботил ва дурӯғин ё фирқаҳои гумроҳ дохил мешаванд? Аммо дар давлатҳои мутараққӣ ва пешрафта мардумони зиёде, ки аксари онон ба пулу мол эҳтиёҷ надоранд, ба дини ислом гаравида истодаанд.

Аммо маънои сухани мо онро надорад, ки ба пуррагӣ ба ҷамъ кардани мол машгул гардӣ ва яке аз бойҳои дунё шавӣ, шояд сахт ба дунё дил бастан

сабаби гумроҳи он банда гардад. Лекин қасди мо ин ҷо мӯҳтоҷ нашуданат ба касе ва талаб накарданат он чӣ дар дасти одамон аст, мо инро мехоҳем, пас исломи азиз ҳам дар ҳама кор мӯътадил ва миёна буданро дӯст медорад.

На камбағали кофиркунанда ва на бойи мутакаббири аз дин лағжанда.

Чуноне дар ҳадис омадааст, марди саҳобаеро, ки пеш аз мурдан тамоми моли хешро садақа кардааст, бо насиҳат гуфтаанд:

**"Оё** *каме ба фарзандонат ҳам намондӯ? Онҳоро бой гузоштанат беҳ аз он ки камбагал гузорӣ, зеро эшон соил мешаванд ва ба одамон кафҳояшонро медоранд то чизе диҳанд".*

Оре, аз Оллоҳ ҳамеша пурсони он бошем, ки диҳанда кунад ва аз гирандагӣ дар паноҳаш нигоҳ бидорад, чуноне дар ҳадис омадааст:

*"Дасти боло беҳ аз дасти поён" яъне дасти диҳанда беҳ аз дасти гиранда".*

Барои ҳамин ризқро аз башар мапурс, зеро Оллоҳ ба зимма гирифтааст ризқи туро, ту худ ҳаракат бикун пас Оллоҳ баракатат медиҳад.

Сари диҳанда ҳамеша баланд аст ва азиз аст, аммо гиранда сари хам ва нафси хору залил дорад. Худованд ҳар яки мову шуморо аз талабандагӣ нигаҳ дорад.

## РИЗОГИИ ХУДОВАНД

Вақте миронанда ва зиндакунонанда ва ризқ диҳанда Оллоҳ бошад, пас чаро тарсу ваҳм ва ноороми аз одамон? Баъзе ғаму андӯҳзадагонро дидам, ки аз тамаллуқва ба одамон часпиданд дарталаби ризои онон

ба эшон наздик шуданд, ба санои онҳо умедвор гаштанд. Аммо дар охир ба мазаммати онҳо эшон мубтало шуданд ки заифии имони тамаллуккунандагонро нишон медиҳад. Пас дар ҳама кор ризогии Оллоҳро пеш бигирем ва амалро холис барои ӯ бикунем.

Ибни Қайюм баъзе роҳҳои кушодшавии дилро бо чунин ин роҳ баён кардааст:

1. Муҳимтарини он ва зарууртарини он тавҳид, яъне Худоро шинохтан ба Ӯ ва ба расули Ӯ, ки Муҳаммад "с" мебошад, имон овардан. Ва ҳаёти хубу ором нест барои мушрикону мулҳидон, ва онон ҳамеша дили худро танг ҳис мекунанд, гӯё чизе намерасида бошад. Оре, рост аст, ҳиссиёти онҳо, ки ба дили онон имон намерасад, ва онон аз тавҳид ноқисанд. Чуноне Оллоҳ таъоло мефармояд.

***"Оё пас касеро кушояд оллоҳ дилашро аз барои ислом пас вай бар нурест аз Парвардигораш"***

*(сураи Зумар, ояти* 22).

2. Илми фоиданок. Олимон дилкушодтарини одамонанд ва шодибахштарин инсонҳоянд, зеро дар назди онҳо мероси муҳаммадӣ мебошад.

3. Амали солиҳ, зеро кори нек нур аст барои дил ва равшанӣ барои рӯй ва фаровонии ризқ ва муҳаббат дар дили мардум.

4. Шуҷоат-зеро шуҷоъ дили васеъ дорад, зеро фақат ба Оллоҳ такя мекунад ва ӯро ҳар гуна ҳодисаҳо ва ҳар гуна суханҳо бесаранҷом намекунад.

5. Дур гирифтан худро аз гуноҳ. Зеро гуноҳ торикӣ, ваҳшат ва ғаму андӯҳ мебсшад.

6 Дур шудан аз бисёр сухан гуфтан ва бисёр

хӯрдан ва бисёр хоб карданд. Чуноне Оллоҳ таъоло мефармояд:

***"Ва хӯред ва нӯшед, ва исроф накунед".***

*(сураи Аъроф, ояти 31)*

## ЗАРАР НАМЕБИНӢ АЗ ДАШНОМ

Яке аз собиқ раисҷумҳурии Амрико чунин мегӯяд: "Ман он дашному ҳақоратҳое, ки ба сӯи ман хаттӣ фиристода мешаванд, намехонам. Ҳатто намекушоям ва ба онҳо ҷавоб ҳам намегардонам, зеро агар ман ба онҳо машғул гардам, ба халқам ҳеҷ хизмате карда наметавонам".

Ба хусус мусулмон бояд, ки сабур бошад ба ҳар дашному ҳақорати ҷоҳил гамгину дилтанг нагардад. Ва ба Худованд биспорад, Ӯ худ кофӣ аст.

Дар ҷанги дуюми ҷаҳон сарлашкари баҳрии Амрико марди ҳақоратчӣ буд. Ӯ шӯҳратро дӯст медошт. Бо зердастони худ бо ҳақорат ва дашномҳо муомила мекард. Вақте пир шуд ва аз кор рафт, барои ӯ аз ҳар тараф танқиди бисёре меомад. Пас худ гуфт: Донистам, ки сухани бад ва дашном ҳеҷ вақт одамро бузург намекунад ва ба максад ҳам намерасонад.

Зикр карда шудааст, ки Исо алайҳиссалом гуфта: ***<u>"Дӯст доред душманхоятонро"</u>.*** Яъне маънои ин он аст, ки афв кунед душманҳоятонро, афви умумӣ то саломат монед аз интиқом ва кинаи онҳо.

## ПАЙДОКУНАНДАГОНИ САОДАТ

Дар Ҷомиъ Тирмизӣ овардаанд аз Пайғамбар "с" ки гуфтанд:

***"Касе хоб кунад, дар ҳоли тинҷӯ, молаш, аҳлаш,***

*ва офият дар баданаш ва дар назди ӯ хӯрокаи ҳамонрӯзааш, гӯё ноил шудааст аз барои ӯ дунё ба пуррагиаш".*

Яъне, агар ҳосил бикунӣ ғизоро ва дар макони ором, ба таҳқиқ ҳосил мекунӣ беҳтарини саодатро. Ва ин ҳолат дар аксари одамон мавҷуд аст.

Пас бингарем ҳаёти Ҳабиби Худо (с) чӣ тавр буд. Дар як хонае, ки аз лой сохта шудааст, хоб мекарданд, шифтҳояш аз чӯби хурмо, аз гуруснагӣ бар шиками муборак сангро мебастанд, ҳатто ҷавшани худро ба гарав доданд ба яҳудие дар ивази ҷав, баъзе ҳолатҳо мешуд, ки ҳатто се рӯз хурмое намеёфтанд, то бихӯранд. Ин будҳаёти Пайғамбар (с) пас оё мо дар неъмат нестем? Пас чаро боз ғамгин мешавем?

## САЛАВОТ БА ПАЙГАМБАР (С)

Ва аз он корҳое, ки ғаму андӯҳро дур мегардонад, салавот ба Ҳабиби Худо Муҳаммад (с) мебошад. Чуноне дар ҳадисе омадааст

*"Касе як салавот барои ман фиристад, Аллоҳ ба ӯ даҳ салавотро мефиристад,"*

Дар дигар ҳадис фармуда:

*"Бисёр гӯед бар ман салавотро шаби ҷумъа ва рӯзи ҷумъа, зеро дар ҳамон рӯз салавоти шумо нишон дода мешавад бар ман».*

Пас гуфтанд баъзе асҳоб: чӣ хел нишон дода мешавад салавоти мо ва ҳоло ин, ки шумо хок шуда меравед. Гуфтанд расули Худо: албатта Худованд ҳаром гардонид бар замин хӯрдани ҷасади пайғамбаронро. Пас оне, ки Ҳабиби Худоро дӯст медорад ва уммати он бузургвор аст вақте номи

муборакашонро мешунавад, ҳатман бояд салавот гӯяд. Аммо касе дар вақти шунидан салавот намегӯяд, ӯ бахил аст, аз бахилтарини одамон".

## САДАҚА САБАБИ КУШОДШАВИИ ДИЛ

Беҳтарин хислате, ки саодатмандиро ҷалб ва ғамро дур мекунад ва мусибатро рафъ месозад, ин эҳсон кардан аст, мисли садақа ва хайрот. Ва ин беҳтарин чизҳоест, ки дилро васеъ ва кушод мегардонад. Аллоҳ Таоло мефармояд:

*"Ва нафақа кунед аз он чӯ ризқ додем барои шумо".*

*(сураи Мунофиқун, ояти 10)*

Бахилон дилтангтарини одамонанд, зеро бухл меварзанд, он чӣ Аллоҳ ба дигарон додааст ҳасуд мехӯранд ва ба касе аз талабандагон пашизеву чизе намедиҳанд. Агар онон донанд, ки он чӣ одамонро медиҳанд, бар фоидаи худи эшон аст, пас шитоб мекарданд ба садақа ва нафақа кардан. Бахилон ҳатто аз қарз додан ҳам худдорӣ мекунанд, ҳоло он ки Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд:

*"Кист он қарз диҳад Худоро (яъне бериё холис барои ӯ) қарз додани неке пас чанд баробар созад Худо он молро ва барои ӯ маротиби бисёр ва Худо танг месозад* ва *кушода ҳамекунад рӯзиро ва ба сӯи ӯ баргардонида шавед"*

*(сураи Бақара, ояти* 245)

Ва дар дигар оят мефармояд:

*"Ва ҳар кӯ нигаҳ дошта шуд аз ҳирси нафси хеш пас он ҷамоъат ошонанд растагорон".*

*(сураи Ҳашр, ояти* 9)

Бародар, дар садақаю нафақа ва некӣ кардан ба камбағалон, мазлумон, ятимон, бекасон ва толибилмон худро ба канорае нагир, зеро ин кори хайр яке аз сабабҳои хушнудӣ дар ин дунё ва дар охират мебошад.

Оё дар ҷамъ кардани мол умри касе зиёда мешавад, оё дар садақа ва нафоқа кардан умри касе кам мешавад? Ҳаргиз не.

## ҒАЗАБ НАКУН

Расули Акрам (с) ба яке аз ҳамсӯҳбаташон васият карданд ва гуфтанд: Ғазаб накун, Ғазаб накун, Ғазаб накун.

Марде дар назди расули Акрам (с) ғазаб кард, дашном дод. Расул (с) пас амр кард, то аз шайтон паноҳ барад. Яъне Аъузу биллоҳи минашшайтонирраҷим бигӯяд. Зеро ин ки ғазаб ҳам яке ас сабабҳои ғаму андӯҳ ва маншаъи тамоми бадбахтӣ аст.

Барои ғазаб якчанд давое ҳаст аз Расули Худо (с) ва инҳо мебошад:

1. Кӯшишу ғайрат кардан ба тарки ғазаб.
2. Ҳангоми ғазаб таҳорат кардан. Зеро ғазаб ин оташ аст ва онро об хомӯш мекунад.
3. Ағар қоим бошад, биншинад ва агар нишаста бошад, пас хоб кунад.
4. Ёдоварӣ кардан аз савоби ғазабфурӯбарандагон ва авфкунандагон.
5. Сукут кардан дар ҳолати ғазаб ва сухан накардан.

## ЗИКРХОИ ПАГОҲӢ

Барои ту хабар медиҳам баъзе аз корро, ки ба мудовимати онҳо ҳар пагоҳӣ ба худ хушбахтиро чалб месозӣ, ва бо изни Худованд аз шарри шайтони инсӣ ва ҷин эмин мемонӣ ва худи ҳамон рӯз барои ту чун ҷавшан ва сипар мебошад. Ин зердуоҳое, ки мехонед дар таҷрубаи худи Паямбар (с) ва дигар асҳоби эшон
• ва ҷамиъи дӯстони Худо дар амал татбиқ шудааст. Бешак аҷру савоби куллӣ ва тамоми орзухои пок ба амал мубаддал мешаванд. Ва ин дуоҳое. ки аз Пайғамбар ворид шудааст:

*1. Асбаҳно ва асбаҳал-мулку лиллоҳ, Бал-ҳамду лиллоҳ, вало илоҳа иллаллоҳ-ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳу л-мулку ва лахул-ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир, раббӯ асъалука хаӯра мо фи ҳозил-явм ва хайра мо баъдаҳо ва аъузу бика мин шарри ҳазал-явм ва шарри мо баъдаҳо. Раббӯ аъузу бика минал касали ва суъилкибар. Раббӣ аъузу бика мин азоби фин-нори ва азоби фил-қабр.*

*2. Аллоҳумма олимал-гайби ва-ш-шаҳодати фотирас- самовоти вал-арз раббу кулли шайъин ва маликаҳ. Ашҳаду ан ло илоҳа илла анта. Аъузу бика мин шарри нафсӯ ва шарри шайтони ва ширкиҳ ва ан актарифа ало нафсӯ суан ав аҷурраҳу ило муслимин.*

*3. Бисмиллоҳил-лазӣ ло яззурру ма асмиҳи шайъун фил-арзи вало фис-самоъ ва хувас-самиъул-алим (3 бор).*

**4.** *Аллохумма инни асбаҳту. Ушҳидука ва ушҳиду ҳамалата аршик ва малоикатик ва чамиъи халқик. Аннака анталлоҳу ло илоҳа илла анта, ваҳдака ло шарика лак ва анна Муҳаммадан абдука ва расулук (с)4 бор.*

*5. Аллоҳумма инни аъузу бика ан ушрика бика шайъав ва ано аъламу ва астагфирука лимо ло аълам (3 бор.)*

6. *Асбаҳно ало фитратил-ислом, ва ало калиматил-ихлос ва ало дини набийино Муҳаммадин* (с) *ва ало миллати абино Иброҳима ҳанифан муслиман ва мо кона минал мушрикин. (3 бор)*

*7. Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳ, адада халқиҳ ва ризо нафсиҳ ва зинати аршиҳ ва мидода калимотиҳ. (3 бор)*

*8. Разийту биллоҳи раббан ва бил исломи динан ва би Муҳаммадин* (с) *набиян ва расуло.* (3 *бор).*

**9.** *Аъузу бикалимотиллоҳит-томоти мин шарри мо халақ (3 бор).*

*10. Аллоҳумма бика асбаҳно ва бика амсайно ва бика наҳё ва бика намуту ва илайкан-нушур.*

*Илоҳӣ, моро муваффақ бикун ба хондани ин зикрҳои ҳар пагоҳӣ. Омин!*

## КУРЪОН КИТОБИ МУБОРАК АСТ

Ва яке аз сабабҳои хушнудӣ ва саодатмандии ҳар кас хондани китоби Аллоҳ бо тадаббур ва таъаммул ва тафаккур мебошад. Зеро Худованд васф кардааст, ки китобаш ҳидоят, нур ва шифо ва раҳмат аст. Чуноне хабар медиҳад:

**"Ба** *таҳқиқ омад шумоёнро мавъиза аз Парвардигоратон ва шифо он чӯ дар дилҳост".*
*{сураи Юнус, ояти* 57)

Яке аз солиҳон чунин мегӯяд: Ҳис кардам, ки ғам тамоми вуҷудамро фаро гмрифта буд. Тамоми илоҷро ба кор бурдам. Аммо аз дилам заррае андӯҳ кам ва дур намегардид. Пас Қуръонро ба даст гирифтам ва ба тиловат шурӯъ кардам. Қасам ба номи поки Худои якто, ки ногаҳон ин ғами ман дур гашт ва ба ҷояш шодиву фараҳ омад. Оре, ба ин ҳеҷ мусулмоне шак надорад, зеро бо чашми худ беморонеро мебинад, ки бо василаи Қуръон шифо меёбанд, хусусан баъзе бемориҳои рӯҳӣ ва бемороне, ки ҷин ба онҳо асар кардааст.

Ҳатто баъзе ҷинҳо дар сухани худ иқрор мешаванд, ки Қуръсн китоби бузург аст. Пас лозим гиред таълими онро ва тиловати онро то саодатманди ин дунё ва охират гардед. Аслан ин ҳарфҳо ба таври зоҳирӣ бовар карданӣ нестанд. Аммо жарфтари ин гуфтаҳо андеша кунед. Агар андеша кардан малоли шумо бошад, бихезед, тани худ бо оби раҳмонӣ ва меҳрубонии Худованд татҳир кунед, сипас ба тиловати Қуръон бо тамоми вуҷуд ва муҳаббати хеш пардозед, танҳо дар дил ихлос ба Худои бузургро парваред. Қасам ба номи Зоти поки Бузурги якто, ки

ғами шумо дур мешавад. Агар андар ин ҳол ҳам аз ихлос заррае дар дили шумо нест, пас ба шумо Худо кӯмак нахоҳад кард. Бо вуҷуди ин аз ҷой бархезед, сари ғамзадаи худро аз зону бибардоред, аз Аллоҳ таманно ва талаби онро кунед, ки дар дили шумо муҳаббат ва ихлоси Қуръони азимушшаънашро ҷойгир бигардонад.

## БА ШУХРАТ ҲАРИС НАБОШ

Ва оне, ки дилашро беҳуда аз ғам пора мекунад ва сафояшро лойолуда месозад ва оромишашро гум мекунад, ин ҳарис будан ба обрӯву шӯҳрат аст. Дар ҳадисе Пайғамбар (с) мефармояд:

*"Касе биноиширо бихоҳад. Худованд мебинонад ҳамонро, ва шунавониданро бихоҳад, Худованд мешунавонад ҳамонро".*

Яъне касе агар бихоҳад, ки амали ӯро одамон бубинанд, Худованд мебинонад ва ағар хоҳад, ки амали ӯро ҳама бишнаванд, хоҳад шунавонид. Лекин дар назди Худованд амали ӯ қадре надорад. Худованд дар васфи мунофиқон мегӯяд:

*"Мебинонанд одамонро", яъне худнамоиш мекунанд, то шухрат ёбанд.*

*(сураи Нисо,ояти* 142)

Пайғамбари гиромӣ (с) худнамоӣ ва риёро аз ширки асғар ном бурд. Касоне шӯҳрат ва обрӯмандиро аз мардум мехоҳанд дар назди Худованди якто хору залил мегарданд Дуо бикунем, ки Худованд машҳури худаш ва амалҳоямонро холис бигардонад, на аз барои одамон.

## ҲАЁТИ ХУБ

Аз бузургтарин ва муҳимтарин чизе, ки дар ин фасл мегӯям, саодати бепоён ва хушбахтии бардавом аст, ки ин ҳам бошад имон овардан ба Худои оламиён, Розиқи яктову беҳамтост ва ба Расуле, ки фиристод, аз назди худ барои расонидани мардум ба хоҳишҳои худашон. Ва он Расул Муҳаммад писари Абдуллоҳ Маккию Қурайшӣ (с) мебошад. Салавоту саломи бепоён ба Муҳаммад ва оли Муҳаммад, ки воқеан он амонате, ки Худованд ба он кас фармуда буд, комилан ба иҷро расонид. Пас оне, ки амалҳои солеҳ, атову некӣ мекунад, лекин ба Холиқи хеш имон надорад амалҳои ӯ мардуд ва номақбул аст. Зеро ӯ асли аслҳоро инкор кардааст. Асли аслҳо ин аст, ки имон овардан ба парвардигории Аллоҳ ва ба пайғамбарии Муҳаммад (с) ва ба ҳақиқат будани дини ислом.

Пас касе имон биёрад ва амали солеҳ бикунад, саодатманди дунё ва охират, ва соҳиби аҷри бузург мегардад. Чуноне Худованд мефармояд:

***"Аз барои онон хушхабар аст дар дунё ва охират".***

*(сураи Юнус, ояти* **64)**

## АЗ ИМОРАТ БА ДУРЕДГАРИ

Алӣ ибни Маъмуни Аббоси Амир писари халифа дар қасрҳои боҳашамат зиндагӣ мекард ва басо соҳибмулк буд. Аз ҳама матоъи дунё дороӣ дошт ва қодир буд ба хоҳишҳои нафсаш. Ва рӯзе меҳнаткашеро мебинад, ки рӯзи дароз ранҷ мекашад. Он марди заҳматкаш дар вақти намоз намозҳояшро адо мекард ва вақте шаб мешуд, ба хонааш

бармегашт. Рузе ба наздаш ҷеғ зад ва аз аҳволаш пурсид. Он мард хабар дод, ки зан ва ду хоҳару модар дорад ва барои онҳо заҳмат мекашад. Ягон даромади дигар надорад ба ҷуз меҳнате, ки мекунад ва ҳамеша рӯзона рӯза аст. Алӣ гуфт: Оё аз чизе шикоят дорӣ? Он мард гуфт: Ҳамд Худовандро, ки шикоят надорам. Вақте инро Алӣ шунид, ҳуш аз сараш парид. Инони гиря сар доду аз баҳри дунёву молу зар баромад. Қасрро тарк кард ва аз пайи ҳаёти хоксоронаи дигар шуд. Пас баъди чанд сол ҷасади вафот кардаашро ёфтанд, ки пеш аз маргаш дар билоди Хуросон ба дуредгарӣ машғул будааст. Зеро ӯ саодатро дар қаср наёфт, балки аз амали дасти хеш. Ба Асҳоби Каҳф бингарем, ки ҳама дар қаср сукунат доштанд, лекин қаср барои онҳо тангӣ кард, зеро дар қаср будагон имон надоштанд, дар қаср куфр ҳукумат дошт, ки аз он ҷо рафтанд.

Зеро маҳалли танг ба имону муҳаббат васеъ мегардад ва нафс машаққатҳоро таҳаммул мекунад.

**БАРОИ МУСИБАТЗАДАГОН**

Дар ҳадиси саҳиҳ омадааст:

*"Касеро дӯсти наздикашро аз аҳли дунё бигирам, пас аз Худо донад ивази ӯ ҷаннат аст".*

Дар дигар ҳадис омадааст:

*"Албатта Аллоҳ таъоло вақте миронад фарзанди бандаи мӯъминро аз барои малоикаҳо мегӯяд, гирифтед рӯҳи фарзанди мӯъминро. Фариштагон мегӯянд оре. Аллоҳ мегӯяд: Меваи дилашро низ гирифтед? Гуфтанд оре. Аллоҳ мепурсад: Бандаам чӯгуфт? Мегӯянд: Туроҳамд*

*гуфт ва аз ту донист. Пас Аллоҳ азза ва ҷалла гуфт: Бино кунед аз барои бандаам хонаеро дар ҷаннат ва номед ҳамон хонаро хонаи ҳамд" (ривояти Тирмизӣ).*

Дар асар омадааст, ки орзу мекунанд одамон, ки кош бо қайчиҳо бурида мешуданд, аз он чӣ мебинанд фазилати мусибатзадагонро. Зеро Аллоҳ таъоло аҷри онҳоро беҳисоб медиҳад.

Албатта дар мусибат корҳое лозим аст, ки он ҳам бошад, сабр ва ба тақдирот розӣ шудан ва ҷазои он аҷру савоб ва ҷаннат аст. Аллоҳ мефармояд:

*"Ҳароина вафо карда мешаванд собирон аҷрҳояшонро беҳисоб".*

*(сураи Зумар, ояти 10)*

## МУШОҲИДАИ ТАВҲИД

Вақте, ки туро озору истеҳзову ранҷ медиҳанд, бидон, ки туро якчанд корҳост, ки бояд бидонӣ:

1. Авф кардан. Зеро афв саломатӣ дар дил аст. Пок кардани дил аз барои касе, ки туро озор медиҳад ва дӯст доштани некӣ дар ҳаққи касе ки туро озор медиҳад ва фурӯ бурдани ғазаб ва кина мебошад ва авф дар ҳаққи ӯ ва бар ҷои бадиаш некӣ кардан аст.

Чуноне дар асар омадааст "Ҳар оина Аллоҳ амр кард, маро ки часпам ба касе, ки канда кунад маро ва авф бикунам касе зулм бикунад маро ва бидиҳам касеро ки маҳрум кард маро".

2. Қазо. Маъни тан додан ба тақдири Худованд. Пас бояд бидонӣ, ки туро озор намедиҳанд. Магар ба қазо ва тақдироти Аллоҳ. Пас банда сабабе аз сабабҳояш аст, пас таслим бишав ба тақдироти

мавлоят, ки бахшандаву меҳрубон аст.

3. Кафорат. Яъне шусташавии гуноҳҳо. Бояд бидонӣ, озоре ки туро мерасад кафорат аст аз барои гуноҳонат ва нобудшавии бадиҳоят. Ва вохӯрӣ бо оне, ки туро озор медиҳад, ба чеҳраи кушод ва сухани нек то дур карда шавад аз ту ва ӯ кинаи адоват ва оташи хусумат.

4. Донистани кӯтоҳии нафс. Яъне ин изову истеҳзо ва озор бар ту ҳамон лаҳза иттифоқ уфтодааст, ки пеш аз вукӯъи балое аз худат хатогие сар задааст. Чуноне Бахшандаи бузург мефармояд:

*"Ва он чӯ мерасад шумоёнро аз мусибате пас бо он чӯ касб мекунад дастони шумо"*

*(сураи Шуро, ояти* 30).

Яъне он чӣ озору изо мерасад бо сабаби гуноҳи худи шумоён аст. Пас ту бояд ҳамд бигӯӣ, то ин ки ту мазлум ҳастӣ на золим.

5. Раҳмат, яъне раҳм карданат ба касе, ки туро озор медиҳад ва ӯ сазовор аст. Вақте Мистаҳ духтари Абӯбакр -Оиша модарамонро озор дод, Абӯбакр (р) савганд хӯрд, ки дигар ба Мистаҳ нафақаву ёрӣ намедиҳад. Чун Мистаҳ фақир буд ва Абӯбакр қаблан кӯмак мекард. Аллоҳ таоло амр кард, то нафақа ва ёриро давом бидиҳад, зеро гуноҳҳояш бо ин васила мағфират карда мешавад. Абӯбакр гуфт: Оре, дӯст медорам, то гуноҳҳоям мағфират карда шавад. Пас ёрӣ ва инфоқро давом дод ва ӯро афв кард.

Чуноне бародарони Юсуф (а) ба он кас душмании зиёде карданд, сару рӯяшро зада хуншор карданд, сипас унвони ғуломӣ ба худ гирифт, ҳатто дар зиндон афтид, вақте фарри шоҳӣ ба ӯ расид, ба бародаронаш

гуфт, ҳеҷ боке нест барои шумо имрӯз, яъне гуноҳҳои бародаронашро афв кард.

Чуноне дар яке аз зарбулмасалҳои халқи ҳинду омадааст: Касе қаҳру ғазаби худро медорад, далертар аст аз оне, ки шаҳрро ғалаба мекунад.

## ДУОИ ЮНУС (А)

Дуои Юнус (а) ин мебошад: "Ло илоҳа илла анта субҳонака инни кунту мин-золимин" ва дар ин дуо камоли тавҳид ва пок шумо于ридани Худованди азза ва ҷалла мебошад ва эътироф ба гуноҳи худ мебошад. Пас ин дуо давоест бар ғаму андӯҳ ва баровардани ҳоҷатҳо.

Пас вақте ба сахтӣ ва душворӣ ғӯта задӣ, ин дуоро бисёр зикр кун ва вирди забон бигардон. Эътироф ва ифор шав, ки бандаи пургуноҳӣ, он гаҳ манзалати раҳмати Худойро бедареғ бубин.

## ЭЪТИБОР БИДЕҲ БА ЗОҲИРАТ ВА БОТИНАТ

Сафои нафс бо сафои либос аст ва ин кори шариф аст. Чуноне баъзе ҳукамо мегӯянд: касе чиркину ифлос бошад, нафсаш дилгир мешавад.

Баъзе инсонҳоро тирагӣ ва озурдагии зиндагияшон ба сабаби ифлосии либос ё дар тартиб набудани ҷои дарсаш ё хонааш, ё бенизом ва бетартиб будани барномаҳояш аст. Пас ин дини мубораки ислом омадааст, то ин бенизомиҳоро ба тартиб дарорад ва покиву поккорӣ ҳидоят бикунад. Чуноне дар ҳадис омадааст:

***"Албатта, Аллоҳ тоза аст ва тозагиро дӯст медорад".***

Ва дар дигар ҳадис омадааст:

*"Албатта Аллоҳ зебо аст ва зебогиро дӯст медорад".*

Ва аввали зебогӣ эътибор додан ба шустушӯйи бадан. Чуноне дар ҳадиси бухорӣ омадааст:

*"Лозим аст бар мусулмон оббозӯ карданаш дар ҳафт рӯз як бор. То шӯяд сараш ва ҷисмашро"*

Ва ин дар ҳафт рӯз як бор татҳир кардани бадан бо об барои нафароне ҳаст, ки дар мушкилтарин ҳолат қарор дошта бошанд ва агар бештар ба шустушӯйи тан диққат диҳад, боз хуб аст. Чуноне баъзе солеҳон ҳар рӯз як бор оббозӣ мекарданд, ба монанди Усмон ибн Аффон.

Ва аз зебогиҳои дигар риш мондан ва мӯи лаб тарошидан ва нохунҳоро гирифтан ва мӯйҳои зиёдро аз ҷисм дур кардан, мисвок кардан, хушбӯй шудан ва либосҳоро тоза нигоҳ доштан ва либоси сафед пӯшидан ва ғайраҳо мебошад.

Ва аз зебогиҳои дигар тартиби хона ва танзими вақт мебошад. Вақтатро танзим бикун, вақте барои хондан, вахте барои ибодат, вақте барои роҳат, вақте барои хонадон ва ғайраҳо. Тавре дар урфият мегӯянд: *Агарякшабонарӯз бистучаҳор соат бошад, онро ба се тақсим бикун, ки ҳашт ҳосил мешавад. Яъне, ҳашт соат ибодати Худованд бикун, ҳашт соат хобидан, ва ҳашт соати дигар барои кори дунё масраф намо. (**иловаи мураттиб)***

Вақте аз касе зулм мебинӣ ба Худованд биспор, ки худ кофист. Ва интизор бош рӯзеро, ки ҷамъ карда

мешавад аввалин ва охирин ва дар он рӯз зулме нест. Ҳукмкунанда ва қозӣ худи Аллоҳ аст ва шоҳидон фариштагонанд, ки он ҷо мазлум ҳаққи худро аз золим меситонад. Ва чуноне дар Қуръон хабар дода шудааст, ки Аллоҳ тарозуҳои адлро мегузорад ва он ҷо ба ҳеҷ касе зулм карда намешавад. Чуноне аз Бузургмеҳр ҳакими форс дар ривояте омадааст, ки кампире буд камбағал, ки танҳо як кулбае ва як мурғе дошт. Ва он кулба дар ҳамсоягии қасрии подшоҳ буд. Рӯзе ин кампир ба деҳаи дигаре сафар кард ва гуфт, ки эй Худованд ин мурғро ба ту амонат месупорам. Кисро шоҳи форс хост, то қасри худро васеъ бикунад. Ба ин хотир кулбаи ӯро вайрон кард ва лашкаронаш мурғро кушта хӯрданд. Вақте кампир бармегардад, кулбаашро ҳам намеёбад ва на мурғашро. Пас рӯй ба осмон кард ва гуфт: Эй Худованд ман ғоиб будам, ту куҷо будӣ? Пас Аллоҳ хуни мурғи мазлумеро бо хуни шоҳ Кисро интиқом дод. Кисроро фарзанди худаш бо корд мекушад. Чуноне мегӯянд:

*Чӯби Худо садо надорад,*
*Агар занад, даво надорад.*

Пас ҳамеша худро аз зулм кардан нигаҳ дор, ки Худованд ба ягон кор шитоб намекунад, магар ба ҷазои золим.

### КАМОЛ БЕНУҚС НАМЕШАВАД

Баъзеҳо ба каме ноқисӣ, ки дар узвашон ва ё дар зиндагияшон аст, ғамгинанд, вале ба тарафи дигар нигоҳ намекунанд. Ва бубин бештари уламо фақир ва дарвеш буданд ба монанди Ато ибн Рабоҳ ва Саид ибн Ҷубайр ва Қатода, Бухорӣ, Тирмизӣ ва ғайраҳо.

Ё баъзеи онҳо кӯр гбуданд, лекин баҳри шариат ҳамеша омода буданд ҷонашонро бидиҳанд, ба монанди Ибни Аббос ва умми Мактум, Аъмаш, Язид ибн Ҳорун ва ғайраҳо, аз уламои мутаахирин Шайх Муҳаммад ибн Иброҳим Оли шайх, Шайх Абдуллоҳ ибн Ҳумайд ва Шайх Абдуллоҳ ибн Боз ва ғайраҳо.

Дар китобҳо дида мешавад, ки баъзе бузургон нуқс доштанд, мебинӣ яке кӯр, дигаре кар, дигаре ланг ё дигаре фалаҷи якҷонишин. Лекин аз дигар тараф ба ҳадди камол расида буданд, ки номи онҳо абадӣ дар саҳифаҳои таърих боқӣ монд. Барои ҳамин **гамгин набош.** Ба тарафе, ки шояд Худованд аз дигар тараф ба камол бирасонад. Ва ҳамеша қаноатро пеша намо, дар ҳадис омадааст:

***"Розӯ бош ба оне, ки тақсим кардааст Аллоҳ барои ту пас мебошӯ бойтарини одамон".***

Розӣ шав ба аҳлат, ба фарзандонат ва он рӯзие, ки мерасад туро. Пас саодату хушбахтиро меёбӣ. Чуноне дар ҳадис омадааст:

***"Бойигарӣ ин бойигарии нафс аст".***

Хушбахтӣ ба мол ва ё мансаб нест, балки хушбахтӣ дар роҳати нафс аст ва розигӣ нафс ба оне, ки Аллоҳ додааст. Шунидам тоҷири калонеро, ки хеле машҳур буду миллионҳо пул дошт ва даҳҳо қасру ҳавлиро молик буд, лекин дилтанг буду ҳамеша хотири озурда дошт ва ҷудо аз аҳлу оилааш вафот кард, зеро ба додаи Аллоҳ розӣ набуд.

Медонам инсонҳоеро, ки фақир, ғамзада, нафасҳояшон танг ба сабаби он, ки аз роҳи Худо дур гашта буданд. Баъзеҳо ёфт мешавад, ки бой буданд, ризқи фаровон доштанд, дар офият буданд, лекин рӯй

гардонида буданд аз тоъати Худованд ва бепарво ба намоз гаштанд, ва муртакиби гуноҳҳои кабира буданд, пас дере нагузашта Аллоҳ саломативу офиятро аз баданҳояшон ва фаровониро аз ризқҳояшон баргирифт. Он гаҳ ба фақру ғаму андӯҳ мубтало шуданд, аз тангӣ ба тангии дигар, аз бало ба балои дигар печиданд.

Тааҷҷуб мекунам аз сухани олими машҳури амрикоӣ Вилём Ҷойлис, ки мегӯяд: Мо инсонҳо фикр мекунем, он чӣ надорем ва шукр намегӯем он чӣ дорем. Ба ҷониби бади ҳаётамон нигоҳ мекунем, валекин ба ҷониби хуби он нигоҳ намекунем, афсӯс мехӯрем ба нуқсҳоямон ва шукр намекунем ба он чизе ки дар каф дорем.

Чуноне дар Қуръони карим мефармояд:

***"Агар шукр кунед, зиёд мекунам барои шумо"***

*(сураи Иброҳим, ояти* 7).

Ва Расули Худо паноҳ металабиданд аз нафсе, ки сер намешавад. Агар касе фикру андешааш дар охират аст, Худованд боигариро ба ӯ медиҳад ва дунёяш ба осонӣ меояд, аммо касе фикру андешааш фақат дунёст, Худованд фақрро дар пеши чашмаш меорад ва дунёро дар намеёбад ва аз неъматҳои охират ҳам бебаҳра мегардад, магар он чӣ навишта шудааст барои ӯ.

## ИМОН РОҲИ НАЧОТ АСТ

Навишта шудааст дар китоби «Тиб меҳроби имон»: Бештари ёрдамҳо барои банда аз халосии ғаму андӯҳ ин имон ба Аллоҳ азза ва ҷалла мебошад ва гузоштани амр ба Ӯст. Чуноне Аллоҳ азза ва ҷалла

мефармояд:

***"Намерасад аз мусибате магарам ба изни Аллоҳ ва касе имон биёрад ба Аллоҳ ҳидоят мекунад дили ӯро".***

*(сураи Тагобун, ояти 10)*

Ҳар кас бояд бидонад, ки ҳамаи кор ба такдироти Аллоҳ ба вукӯъ меояд, агар ҳамин тавр ҳамаи корро аз Ӯ бидонад, ҳидоят мекунад Аллоҳ дили ӯро ба таслим ва ризогӣ.

Нависандагони Ғарб мисли Карси Мирёсун, Аксус Корийл ва Дойл Корниҷи эътироф карданд, ки сабаби пастшавии ахлоки ҷомеа ва сабаби худкушии бисёр дар Ғарб ин бехудогист ва рӯй гардонидан аз Аллоҳ азза ва ҷалла, ки Худои оламиён аст. Зеро ислом ягона динест, ки мардумро ба ахлоки ҳақиқии ҳамида даъват мекунад ва ягона динест, ки пешгирии роҳҳои худкушӣ мебошад.

Марде бо исми Қизмон ба маъракаи Уҳуд ҳозир шуд ва ҳамроҳи мусулмонон алайҳи мушрикони Макка биҷангид ва ҷанги хубе кард ва дар охир бимурд. Пас одамон гуфтанд: хушо бар ҳоли ӯ, ки аз аҳли ҷаннат гашт. Расули Худо ба тардид гуфт, ки ӯ аз аҳли дӯзах аст, зеро аз ҷароҳате, ки расид ӯро сабр карда натавонист ва худро ба ҳалокат расонид. Пас бубинед шахсе, ки бо ҳамроҳи саҳобагон буд ва ҳамроҳи онҳо бо мушрикон ҷангид ва ҷароҳати сахт бардошт аз дасти мушрикон, лекин сабр накард ва худро ба қатл расонид, ки ин сабабгори аҳли дӯзах шудани ӯ гашт.

Дар газетаи "Шарқи Авсат", аз 21.04.1415 ҳиҷрӣ, навишта шудааст, ки Ҷорҷ Буши калонӣ дар китоби

таърихии худ иқрор шудааст, ки чанд маротиба худро хостааст бикушад.

Пас барои Буш чӣ намерасид, ки худро ба ин роҳ меандохт? Пас худ хулоса баоред, ки он аз набудани имон аст. Аммо мусулмон ба чӣ қадар машаққат рӯбарӯ гардад ҳам, ин кори бадро намекунад. Чӣ ҳолате набошад. Баръакс, ин ғаму андӯҳашро бо ду ракъат намози бо хушуъу хузуъ дур мекунад.

Пас Қуръон аз ин нависандагони ғарб мепурсад, ононе, ки дар ахлоқи паст ҳастанд.

*"Пас чӯ шуд онҳоро, ки имон намеоранд".*

*(сураи Иншиқоқ, ояти* 20)

Пас чӣ онҳоро бозмедорад аз имон? Охир монанди офтоб равшан аст, ки Худованд мавҷуд аст ва Муҳаммад (с) расули барҳақ ва ислом ҳақ аст. Пас чӣ онҳоро водор месозад ба куфр? Худованд дар каломи раббонӣ мефармояд:

*"Нишон хоҳем дод эшонро нишонаҳои худро дар атрофи олам ва дар нафоҳояшон ҳатто ин ки возеҳ шавад бар эшон, ки ин сухан рост аст".*

*(сураи Фуссилот, ояти* 53)

Донишҷӯи мусулмоне дар Лондон таҳсил мекард, дар оилаи кофире аз Британиё, ки бо аҳлу оилааш зиндагӣ мекард, зиндагӣ кард, то луғати онҳоро ёд бигирад. Ҳангоме вақти саҳар мешуд. барвақт мехест ва таҳорат мекард ВА намозашро адо мекард ва ин корро кампирзане аз ҳамон оила мушоҳида мекард ва тааҷҷуб карда гуфт: Ту чӣ кор мекунӣ ҳар саҳар?

Гуфт: Дину эътиқодам ба ман амр мекунад, то ин корро бикунам. Пас гуфт агар онро дертар бихонӣ намешавад, ки камтар баданҳоят роҳат мекунад ва аз хоб сер мешавӣ. Дар ҷавоб он донишҷӯ гуфт: "Лекин парвардигорам аз ман намозамро қабул намекунад, модоме ки аз вақташ таъхир кунам". Пас он кампир аз рӯи сахтии эътиқод ба тааҷҷуб афтод ва сарашро розиёна ҷунбонид. Яъне иродаи қавӣ ва эътиқоди мустаҳкам оҳанро ҳам мешиканад, Худованд мефармояд:

*"Мардоне ҳастанд боз намедорад тиҷорате ва на фурӯше аз зикри Аллоҳ ва барпо доштани намоз"*

*(сураи Нур, ояти* 37)

Вақте соҳирони Фиръавн имон оварданд ба Худои якто, Фиръавн ба онҳо ҷазои сахттарин раво дид ва дар охир онҳоро қатл кард, лекин онҳо аз имони худ барнагаштанд, зеро иродаи сахт ва имони воқеӣ доштанд. Рӯзе Ҳубайб ибни Зайд ба назди Мусайламаи Каззоб даромад ва ӯро ба худошиносӣ даъват кард. Пас Мусайлама шамшереро бигирифт ва узви Ҳубайбро як-як мебуррид, лекин Ҳубайб фарёд ҳам накард ва бесарамҷон ҳам нашуд, ҳатто ин ки шаҳид шуд. Зеро иродаи оҳанин буд, яъне Султони Тавҳид.

Албатта, мусулмон ҳамеша Худовандро дар сахтӣ дуо мекунад ва дар фарохӣ ҳам, дар камбағалӣ ва бойигарӣ ҳам, дар мусибат ва дар неъмат ҳам. Баъзеҳо ёфта мешаванд, ки дуо мекунанд вақти

ҳоҷат бо дили шикаста, вақте ҳоҷати онҳо раво гашт, Худоро фаромӯш ва дуоро тарк мекунанд. Бо Худо бозӣ карда намешавад, чуноне бо кӯдакон бозӣ мекунанд. Худоро фиреб карда намешавад, чуноне тифлаконро фиреб мекунанд. Инро фаромӯш макун ва ҳамеша дар ёди ӯ бош.

### Ғамгин машав ба тангии ризқ, рӯзе ҳамааш хуб мешавад

Касе, ки таъҷил мекунад дар ҳосил кардани ризқаш ва нооором мегардад аз таъхири хоҳишҳояш монанди оне, ки аз имом пеш ба саҷда ва рукӯъ меравад ва ҳоло он, ки то имом салом надиҳад, ӯ ҳам салом намедиҳад. Пас ҳамаи корҳо ва ризқҳо пеш аз он, ки халқ карда шавем, навишта шудааст. Умар (р) мегуфт: Эй бор Худоё, паноҳ металабам ба ту аз тавоногии фоҷир ва оҷизии боваринок. Яъне аз кордон ва зиракии марди фосиқ ва сусту танбалии мӯъмини воқеъӣ. Ин калимаи ҳақиқат аст. Зеро баъзан вақт дар ҳайрат мемонед ба сабру таҳаммули душманони Худо ва кору пешбарии онҳо ва танбалию нотавонию бетоқатии баъзе мусулмонон. Пас беғайративу сустӣ ва танбалӣ сабаби хорию зиллати инсон мегардад.

### ГУТА ЗАН ДАР АМАЛИ ФОИДАНОК

Валид ибн Муғира, Умая ибн Халаф ва Ос ибни Воил, ки аз бадтарин мушрикон буданд, молҳояшонро бар ҳарб ва несту нобуд кардани Расули Худо (с) ва рӯйпуш кардани ҳақиқати ислом сарф карданд. Лекин баъзе мусулмон бахилӣ мекунанд ба додани молҳояшон дар роҳи Худо ва боло бардоштани

байрақи ислом. Пас бухли онон бар зарари худашон мебошад.

Чулдо-олими яхудӣ ва мушрике, ки ҳамеша алайҳи ҳақиқат мубориза бурдааст, дар китоби ёддошташ навиштааст, ки аз як рузи ҳаёташ шонздаҳ соатро дар хидмати ақида ва фикри ботилаш сарф мекард. Бубинед сабру таҳаммул ва тоқаташро дар роҳи ботил. Бубинед ҷонфидоии аҳли ботилро дар роҳи ботилаш.

Аммо мо хобем, мо парвое надорем, ҳоло ин ки дар роҳе ҳастем. ки шаби торикаш равшанӣ медиҳад монанди рӯзи равшан. Ҳазорҳо Фарзандони мусулмон кор ҳам намекунанд, агарчӣ як соат бошад ҳам ба меҳнате вақти худро сарф намекунанд. Вақти онҳо ба бозй раванда аст, хӯрдан, нӯшидан ва беҳудагардиву беҳудагӯйй. Муший Дайони яҳудй аз ин давлат ба ин давлат, аз як шаҳр ба шаҳри дигар шабу рӯз ошкоро ва пинҳонӣ даъват мекард. Маҷлисҳо ва иҷтимоот доир мекард, вақти худро беҳуда намегузаронид.

Кош даъвати ӯ ҳақиқат медошт. лек даъвати ботил ва дурӯгин. Пас устувории аҳли ботилро бубинед ва аз дигар тараф бепарво, сустӣ ва танбалии мусулмононро бингаред. Э кош. каме гайрат ва ҷасурии аҷдодамонро медоштем, э кош, каме бошад ҳам, мисли саҳобагон дилсӯзи роҳи ҳақ мегаштем, ки дилсӯзии ғайрати онҳо сабабгори ҳидоят ва раҳнэмоии мо гашт.

Ҳазрати Умар (р) бекоронро дӯст намедошт. Рӯзе ҷавонҳоро аз масҷид баровард ва гуфт: Равед аз пайи ризқ шавед. кор кунед, барои шумо аз осмон тилло ё

нуқра намеборад. Оре, ҳақ бар ҷониби Амири мӯъминон. Умар аст, зеро бекорӣ сабабгори васвос ва бемориҳои нафсӣ ва андӯҳи зиёдэтист. Сабабгори ноороми ва ғаму андӯҳ аст. Лекин шуғлу кор сабабгори шодиву хурсандӣ ва саодатмандист. Ба тезӣ аз мо носромӣ ва ғаму андӯҳ дур мешзвад, модоме, ки кор кунем, чизе ихтироъ кунем чизе бисозем, то бар ҷамъияти худ ва аҳли худ фоидае бирасонем, ё касбе биомӯзем То бо он ризқи худро дарёфт бикунем.

Бубинед Довуди пайғамбар оҳангар буданд, | Закариёи дуредгар ва Идрис дӯзанда бо касби дасти худ мехӯрданд. Пас Худованд бандаи касбу ҳунардоре. ки ба сабаби он ризқу рӯзӣ меёбад ва хушбахтиро ба аҳлу миллати худ меорад, дӯст медорад.

Баъзе одамҳо ба ном зиндаанд, аммо монанди мурда аз сирри ҳаёти худ бехабаранд. На барои оянда ва на бэрои ҷамъият ва на барои худашон хидмате намекунанд. Дар замони Расули Акрам (с) ҳама як ҳиссае мегузорид ё хидмате мекард, то аз худ фоидае ва ёдгоре барои миллати мусулмон бимонад. Зани сиёҳпӯсте масҷидро тоза мекард ва ҷавоне барои Расулуллоҳ (с) минбаре сохт *ва* дигаре дигар кор мекард, то мусулмонеро фоидае бирасонад.

Пас ҳаёт ин нест, ки фақат машгул бошем ба айшу ишрат, зеро тааллуқ ба дунё ва дӯст доштани боқӣ мондан ва бад дидани мурдан барои инсон ғаму андӯҳ ва дилтангиро меорад.

Яҳудон вақте бо якдигар вомехӯранд мегӯянд, ки

умр бин ҳазор сол, зеро онҳо намехоҳанд бимиранд. Валекин ҳазор сол умр бубинанд ҳам, пас чӣ оқибат азоби аламнок аст. Пас Илоҳиест дар осмон, ки Ӯро пурсида мешавад, аз Ӯ некиро бихоҳ ва аз Ӯ ризқро талаб, ки Уст ягона ҳоҷатбарори ҳоҷатмандон.

## ДАР ҲАЁТАТ ДАҚИҚАҲОИ ҚИММАТ АСТ

**Албатта, Худованд мӯъмини қавие, ки душманро бо таҳаммул ва сабри худ месӯзонад, дӯст медорад, зеро ноумед намешавад, заиф намегардад ва ҳамеша дар кори худ мустаҳкам меистад ва ин вобастагӣ дорад аз имони онҳо ба Худо ва расули Ӯ. Дар ҳадис омадааст:**

***"Мӯъмини қавӯ нек ва дӯстдоштатар аст ба Аллоҳ аз мӯъмини заиф. Ва дар ҳама ҳолат нек аст".***

**Абӯбакр (р) ангушти худро дар сӯрохии гор гузошт, то озоре ба Расулуллоҳ (с) нарасад ва он ҷо ангушти муборакашро каждуме мегазад ва Пайғамбар (с) дам меандозанд ба изни Худо шифо меёбанд. Ин ҷо сабр ва бардошти Абӯбакр (р) инсонро дар тааҷҷуб мегузорад.**

**Шахсе ба Антараҳ, ки марди шуҷоъ буд, гуфт, чӣ асрорест, ки шуҷоати ту бузург аст ва ҳамеша аз душмани худ ғалаба мекунӣ? Антараҳ гуфт: Ангуштатро дар даҳони ман гузор ва ман ангушти худро дар даҳони ту мегузорам ва ҳар яки мо ангушти якдигарро мегазем. Пас ҳамин тавр карданд ва мард фарёд зад ва ангушти худро аз даҳони Антараҳ бигирифт, яъне сабр накард ба алами расида. Пас аз он Антараҳ ҳам ангушти худро аз даҳони ин мард**

гирифт ва гуфт: Бо ҳамин паҳлавонҳоро ғалаба кардам, яъне бо сабру бо таҳаммул.

Оне, ки боиси хурсандист, афви Аллоҳ ва раҳмати ӯ, ки қариб аст бар мӯъминон.

Ҳамаи коинот, мавҷудот, ҳайвонот, паррандаҳо ва хазандаҳо шукрона мекунанд, ки онҳоро Худои офаранда ва ризқдиҳанда ҳаст. Чун пайдоиши осмону замин ва он чӣ дохили онҳост, ба бузургу тавоно будани Аллоҳ далолат мекунад. Дарк мекунем ва ҳис мекунем, ки Худои мо раҳм мекунад, мағфират мекунад ва тавбапазиранда аст. Туро хушхабарӣ медиҳам, ки раҳмати Аллоҳ васеъ аст аз осмону замин.

Аъробие дар окуби расулуллоҳ намоз хонд ва гуфт: Эй бор Худоё, раҳм кун маро ва Муҳаммадро (с) ва раҳм накун ҳамроҳи мо дигареро. Пас Расули Худо гуфтанд: Ба таҳқиқ танг кардӣ вусъатро, зеро раҳмати Аллоҳ васеъ аст аз ҳама чиз. Яъне барои ҳама мерасад. Зеро Аллоҳ бо бандагонаш аз падару модар дида, ба фарзандонаш меҳрубонтар аст. Марди мусриферо, ки муваҳҳид буд, Худованд ҳисобу китоб кард, яъне ба Худо имон дошт, ки аз ӯ ягон амали хуб наёфт, лекин ба баъзе қарздороне, ки аз адои қарз оҷиз буданд, бахшиш мекард. Пас Худованд гуфт:

Мо боло ҳастем ба некӣ аз ӯ. Бахшиш кард ӯро. Пас дохили ҷаннаташ кард. Аллоҳ азза ва ҷалла мефармояд:

*"Ва касе бадӯ мекард ё бар худаш зулм мекард, пас аз он истигфор мекунад Аллоҳро, меёбад Аллоҳро магфираткунанда ва меҳрубон".*

*(сураи Нисо, ояти* **109)**

Дар девони Ҳотами Той ибораи хубе навишта шудааст, ки ин аст: "Агар тарки бадӣ туро кифоят мекунад, пас тарк кун бадиро". Дӯст доштани некӣ бар мардум хулқи худодода мебошад ва атову ҳадяи раббонӣ аст. Ибни Аббос розӣ шавад Аллоҳ мегӯянд. Се хислатест дар ман:

1. Ба ягон замине борон борад, ҳамд мегӯям Аллоҳро ва хурсанд мешудам, гарчанде дар он замин гӯсфандон ва шутурони ман набошад ҳам.

2. Агар мешунидам, ки фалон қозӣ одил аст. Дарҳол ӯро дуо мекардам дар ҳаққаш гарчанде кори ман дар ӯ набошад ҳам.

3. Ягон оятеро аз Қуръон медонистам, дӯст медоштам, ки мардум ҳам аз он донанд.

Оре, ин дӯст доштани некӣ барои мардум аст, паҳн кардани бузургӣ байни онҳо, тоза кардани дил барои онҳо ва насиҳати хуб барои онҳо. Марди оқил дӯст медорад, ки фазли карами Худованд барои ҳама бошад, на барои хосса худаш ва дӯст медорад барои мардум он чӣ дӯст медорад барои худаш.

Илм ду хел мешавад: илми фоиданок ва илми зарарнок. Хушбахтӣ дар он илме, ки ба роҳи Худо барад ва аз он мунҳариф нагардонад. Чуноне Худованд аз илми кофирон хабар медиҳад:

*"Медонанд зоҳири ин ҳаёти дунёро ва ҳоло ин, ки аз охират онҳо гофил ҳастанд"*

*(сураи Рум, ояти* 7)

Худованд уламои яҳудро ба занбӯри беасал ва ё чӯйи

бе об ташбеҳ дод, ки илмро мебардоранд ва ба касе фоидае намерасонанд. Оре. илм доранд, лекин ҳидоят намекунад, ҳуҷҷате, ки аниқ ва дақиқ нест, ба инҳироф далолат мекунад, роҳ нишон медиҳад ба чуқурӣ, пас чӣ тавр асҳоби ин илм саодатманд мешаванд?

Ҳазорҳо китобхонаҳо ҳаст ва миллионҳо китобҳое ҳаст, ки ҷуз инҳироф ва гумроҳӣ ба дигар роҳе намебарад.

## ҲИСОБ КУН НАФСАТРО

Дафтаре тоза пешат гир ва дар он бинвис, ки барои нафсат, яъне барои худат, то он хатогиҳое, ки кардӣ, ислоҳ бикунӣ, то бемории худро муолиҷа бикунӣ.

Умар (р) гуфт: Ҳисоб кунед нафсҳоятонро пеш аз он, ки ҳисоб карда шавед. Баркашед пеш аз он, ки бар кашида шавед ва замонат диҳед худро ба пешниҳоди рӯзи қиёмат.

Се хатогист, ки такрор мешавад дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо:

1. Гузаронидани вақт ба беҳудагӣ.
2. Суханони бемаънӣ ё бефоида.
3. Ба корҳои беҳуда аҳамият додан ё ба васвасаҳои воҳимачиён гӯш андохтан.

Ҳасани Басрӣ мегӯянд, ки мусулмон аз барои нафсаш сахт ҳисобкунанда аст, сахттар аз ҳисоби дӯст барои дӯсташ. Яке аз мутафаккирони Гарб мегӯяд: Ман дафтаре дорам дар як кунҷи китобхонаам ва дар рӯи он навишта шудааст: "Аҳмақиҳое, ки кардам" ва ҳар рӯз он хатогӣ ё аҳмақие, ки кардам менависам ва хонда меистам, то ин ки дигар бароям такрор нашавад.

## ЭҲТИЁТ ГАРАВИ ХУБИҲОСТ

Яке аз нишонаҳои бандаи саодатманд, роҳи эҳтиётро пеша гирифтан ва истеъмоли сабабҳо мебошад. Пайғамбари Худо (с) дар баъзе ҷангҳо ҷавшан мегирифтанд, бо вуҷуди он ки пешвои таваккалкунандаҳо буд.

Шахсе аз Расули Худо пурсид: Шутурамро бандам ё ин ки таваккул бикунам? Гуфтанд: Шутуратро бубанд ва пас аз он таваккул бикун. Гирифтан ба сабаб ва таваккул кардан ин сутуни тавҳид аст. Аз нигоҳи тавҳид сабабро тарк карда, таваккул кардан бад аст дар шариат ва сабабро гирифта, тарки таваккул ҳам бад аст. Зеро таваккал карда, аз бом партофтан ин аҳмақист ва таваккал карда, саросема шудан хуб нест. Зеро саросемагӣ хислати шайтон аст. Чуноне гуфта шудааст: "Гоҳе шитоб кардан ва саросемагӣ бадбахтиро ҳадя мекунад".

Тоҳ Ҳусайн нависандаи мисрӣ ба ронандаи мошинааш мегуфт: "Шитоб накун, то барвақт бирасем". Пас лозим аст ҳамеша эҳтиётро ба таваккул ҳамроҳ пеша бигирем.

## КАНЗИ ХУШСУХАНИВУ КУШОДАЧЕҲРАГӢ

Аз саодати банда ва қудрати ӯ тасхири дили одамон бо сухани зебову, ш.ево ва ҷалб кардани муҳаббати онҳо аст, ки касе бубинад туро, дӯстат бидорад, бо гуфтору рафтори хубат, бо ахлоқи ҳамидаат.

Дар ҳадис омадааст, ки Ҷабраил нидо мекунад ба аҳпи осмон: Аллоҳ дӯст дошт фалониро, пас шумо ҳам дӯст доред, пас аҳли осмон дӯст медоранд ва

гузошта мешавад аз барои он инсон қабул дар рӯи замин. Яъне аҳли замин ҳам дӯст медоранд. Яке аз сабабҳои дӯстдории инсонҳо чеҳраи кушод ва хушгуфторӣ ва хулқи нек мебошад ва сабаби дигар мулоимӣ ва беғазабӣ мебошад. Чуноне Пайғамбари Худо мегӯянд, касе маҳрум монад аз ҳилму рафоқат, маҳрум мемонад аз ҳамаи некиҳо. Чуноне дар урфият мегӯянд, сухани мулоим морро аз хонааш мебарорад.

## ТАҲАҶҶУД БИХОН БО ТАҲАЧЧУДХОНАНДАГОН

Ва оне, ки хушбахт мегардонад инсонро ва дилашро мекушояд, ин қиёми лайл аст. Яъне ҳангоми сеяки шаб намоз гузоридан. Чун дар ҳадис ҳам омадааст, ки вақте банда хезад нисфи шаб ва Худоро зикр кунад, пас таҳорат бикунад ва намоз бихонад, боғайрат ва хушҳол мегардад. Ва қиёми шаб (яъне бедорхобӣ кашида ибодат кардан) дардро аз бадан дур месозад. Дар ҳадиси Абӯдовуд аз Расули Худо (с) омадааст, ки гуфтанд:

*"Эй Абдуллоҳ, мисли фалонӯ набош, ӯ нисфи шаб намоз мегузошт. Пас тарк кард намози нисфи шабро. Чӯ хел хуб аст Абдуллоҳ агар бихезад дар нисфи шаб".*

Яъне намози таҳаҷҷуд бигузорад. Ғамгин машав ба чизҳои фонӣ, ҳама чиз дар ин ҳаёт фаноёбанда аст, магарам Аллоҳ, ки зоти поки ҳамешагиву ҷовид аст. Инсоне, ки ба дунёаш афсӯс мехӯрад, монанди тифле, ки ба бозичаҳои гумкардааш мегиряд.

Аз авлиё ва дӯстдори Худованд бош, то хушбахт гардӣ. Хушбахттарини хушбахтҳо касест, ки ҳадафи олӣ ва қасди асосиаш дӯст доштани Аллоҳ мебошад. Чуноне Худованд месрармояд:

*"Дӯст медорад Аллоҳ ононро ва онон* ***ҳам Аллоҳро*** *дӯст медоранд"*

*(сураи Моидаҳ. ояти* 54)

Баъзе уламо мегӯянд, тааҷҷуб мекунем аз дӯстдории Аллоҳ, ки халқ кард, ризқ дод, боз бандагонашро дӯст медорад. Бузургии Ҳазрати Алӣ буд, ки Расули Худо дар ҳаққашон гуфтанд:

***"Мардест,*** *ки дӯст медорад Аллоҳ* ***ва расулашро ва*** *дӯст медорад ӯро Аллоҳ* ***ва расулаш".***

Марде буд аз саҳобагон, ки сураи Қулҳуваллоҳу аҳадро дӯст медошт ва доим такрор мекард ва дар забонаш вирд мекард, пас Расули Худо (с) гуфтанд: "Дӯстдсрии ту ҳамон сураро, туро ба ҷаннат медарорад".

Оре, Маҷнунро дӯстдории Лайло кушт ва Қорунро дӯстдории мол ва Фиръавнро мансаб. Аммо Ҳамза, Ҷаъфар ва Ҳанзала аз барои дӯстдории Аллоҳ ва расулаш кушта шуданд.

## ҲУҚУҚИ БАРОДАРӢ

Чизе ки боиси хурсандии Худованд ва бародари мусулмон аст, ин нидо карданат бо беҳтарин номе, ки дӯст медорад. Бо чеҳраи кушод вохӯрдан ва аз аҳволаш пурсидан ва корҳояшро пурсидан ва фурсати сухан додан ба ӯ ва ба корҳояш эътибор

додан модоме, ки боке надошта бошад ин аз ҳаққи бародарист. Дар ҳадис омадааст:

*"Табассуми ту ба рӯи бародарат садақа аст"*

ва дар ҳадиси дигар омадааст:

*"Касе парво намекунад ба кори мусулмонҳо, пас ӯ аз онҳо нест".*

Ба атрофиёну наздикон ва ғайра мардум нишони бародарӣ нест, ки бо эшон бо лаҳни бадтарин сухан бигӯйӣ. Ё аз ӯ худро дур гирифтан, ё бо лақабе, ки дӯст намедорад чеғ задан, ё ӯро масхара кардан, е бо ӯ ҳазли беҷо кардан, ки сабаби ранҷидани ӯ мегардад. Дар ҳадис омадааст:

*"Кашокашӯ накун бо бародарат ва масхара ҳам накун ва ваъда надеҳ ваъдаеро, ки пас хилоф бикунӯ".*

## ШАРИАТИ ОСОН

Оне, ки бандагонашро хурсанд кардааст, хеле саҳл ва осон шариатро офаридаст, ки қаблан ба ҷалоли меҳрубонии хеш ғами бандагонашро хӯрдааст. Шариати омилест, ки кафорати гуноҳони мо ба мисли намоз аз ҷумъа то ҷумъаи дигар, аз умра то умраи дигар ҳаҷ ва рӯза ва дигар амалҳои солеҳ аст. Ва изофа шудани амали солеҳ аз даҳ то ҳафтсад маротиба ва ё неъмати тавба, ки пӯшонанда ва маҳвкунандаи хатоҳо ва ғуноҳҳост, худ далели меҳрубонии Ӯст, ки наметавон ба тарозуи ақп онро баркашиду баҳоғузорӣ намуд. Ё мусибате, ки мӯъминро мерасад, ба сababи он гуноҳони эшон маҳв карда мешавад. Ё бо сабаби он дуояш аз сидқи дил мебарояд. Ё шафоат ёфтани мусулмонҳо вақти намоз

ва ё шарафёб шудан ба шафоати саййиди халқ Муҳаммад (с) барои уммат низ неъмат ва бахшишу осонӣ барои мо бандагони хатокор аст.

Дурӣ кун ин чаҳор хислатро

Чаҳор чиз аст, ки дили инсон ва зиндагиашро танг мекунад ва хотирашро парешон:

1. Ғазаб кардан ба тақдироти Аллоҳ ва розӣ нашудан.

2. Дар гуноҳ бе тавба воқеъ шудан.

3. Кина бар одамон ва дӯст доштани қасдгирӣ аз онҳо ва аз он фазле, ки Аллоҳ бар дигарон додааст, ҳасад бурдан.

4. Аз зикри Худованд рӯй гардонидан.

Ду калимаи бузург

Имом Аҳмад мегӯянд: ду калимае ки фоида бахшид маро дар ҳоли меҳнат ва машаққат инҳоянд:

1. Вақте ҳабс гадидам ва маро ба ба дарра задан ҳукм карданд, дар ҳузури ман шаробхоре ҳабс карда шуда буд, ки ӯ ҳам пеш аз ман ба дарра ҳукм гирифта буд. Ман қаблан аз азоби дарра дар ҳарос будам. Пас он марди шаробхор бароям гуфт: Эй Ахмад устувор биист, ту аз барои суннат дарра зада мешавӣ ва ман чанд маротиба аз пушти арақ нӯшидан дарра зада шудам.

2. Ҳангоме ки маро ба ҳабс бо дастони баста мебурданд, бодиянишине бароям гуфт: эй Аҳмад сабр кун вақте ин ҷо кушта мешавӣ ва аз ҳамин ҷо ба ҷаннат меравӣ.

Аз фоидаҳои мусибат

Яке мегӯяд: Субҳоналлоҳ, ки бо сабаби бало дуо ба ба даргоҳи Рабби ҷалил мебарояд. Чуноне дар -асаромадааст, Аллоҳ азза ваҷалла яке аз бандагони

солиҳашро ба мусибат гирифтор кард ва ба фариштагон гуфт: Гирифтори бало кардам, то илтиҷову зориашро бишнавам. Дигар бо ин сабаби бало шикаста ва хоксор гаштани нафси бандагон аз кибру ғурур мегардад. Ва он чи ки одамон ба ҳам муҳаббату меҳрубонӣ мекунанд ва дуои эшон низ танҳо аз барои Ӯст. Зеро одамон меҳрубонӣ ва дуо мекунанд бар мусибатзадагон ва дигар каффорати гуноҳҳост ва сабаби ноил шудан ба савобу аҷри бузург мебошад.

Ҷойи тааҷҷуб нест, ки баъзе одамонро мебинӣ, рӯзиашро бо душворӣ ва машаққат меёбад ва бо вуҷуди ин ҳам табассум аз даҳони онҳо дур нест. Дилҳояшон равшан ва кушода, ҷисмҳояшон қавӣ ва қалбҳояшон ором, зеро онҳо донистанд, ки ҳаёт як рӯз аст ва дирӯзи гузашта нест ва илми гайб аст фардои оянда. Ва ин инсонҳо умри худро бо амалу ибодат сарф мекунанд. Байни онҳое, ки қасрнишинанд ва байни инсонҳое, ки дар қасрҳо зиндагӣ мекунанд муқоиса бикун. Хоҳӣ дид, ки ин турфаи қасрнишин бекориву васвос ва ғаму андӯҳ эшонро аз ҳар тараф печида аст. Дар лабонашон табассумеро намебинӣ. Зеро, дар дил бори гароне аз ягон ғаме доранд.

Асабҳоятро ба гӯш андохтан ба каломи Аллоҳ ором кун. Тиловати зебову дилнишин ва таъсирбахшандаи ҳофизони Қуръонро пайваста гӯш бикун, ки ғамҳо аз дилат равад. Зеро шунидани

каломи Парвардигор туро ба розигии Ӯ мерасонад ва нафси туро ба оромӣ ва бар дилат имон ва яқинро изофа мекунад.

Расули Худо (с) гӯш кардани қироати ояҳои бузурги Қуръонро аз ҷониби ҳофизони Қуръон дӯст медошт. Аз саҳобагон талаб мекарданд то Қуръон бихонанд ва ҳоло ин ки Қуръон ба худи эшон нозил шуда буд ва бо шунидани он истироҳати бемонанде дармеёфт.

Пас ин ибрат аст барои ту, то якчанд дақиқа ё вақте барои худат ҷудо бигардонӣ, дар як шабу рӯз, то бишнавӣ Қуръонро. Бигир радио он ҷо низ мавҷҳои зиёди тиловати Қуръон аст. Ва ё ба магнитофон фитаи (кассета) ҳофизе, ки тиловати Қуръонро ба дараҷаи некӯ мекунад бигузор ва ба каломи Аллоҳ гӯш андоз, то асабҳоят ором бигиранд, зеро ташвиши ҳаёт ва ғалоғулаи мардум асабҳоятро монда кардааст. Ба таҳқиқ бо воситаи гӯш фаро хондан ба тиловати Қуръон қуввати рафта боз мегардад, хотират ором мешавад. Дар ҳеҷ ҷойи дунё оромӣ ва сукунат нест, магар дар китоби Парвардигорат.

Расули Худо (с) амр мекарданд ибни Масъудро, то барояшон сураи Нисоро бихонанд. Вақте мехонданд расули Худо гиря мекарданд, ҳатто ашкҳояшон ба рухсораашон мерехт ва пас мегуфтанд кифоят аст, то ҳамин ҷо.

Вақте Паямбар (с) аз ҷавори хонаи Абӯмӯсои Ашъарӣ мегузаштанд, ки ӯ Қуръон мехонд, пас Расули Худо (с) дар ҷой меистод ва бо фароғати том гӯш мекард. Пас пагоҳӣ ба ӯ мегуфтанд: Дирӯз ман дар шафати хонаи ту истода, қироати туро гӯш мекардам, ки ту маро надидӣ. Абӯмӯсо гуфт: Агар

медонистам эй Расулуллоҳ шумо тиловати маро гӯш меандозед. боз зеботару шевотар мехондам

Албатта, Қуръонро ҳаловатест бар дилҳо ва ҳайбатест бар рӯҳҳо ва қуввати таъсирбахшест бар нафсҳо. Алӣ ибн Фузайл ибни Иёз вафот кард. вақте падараш тиловат мекар. Аз таъсири Қуръон Умар (р) моҳ-моҳ баъди шунидани Қуръон бегиор мегашт.

Абдуллоҳ ибни Ваҳб рӯзи ҷумъа ҷавонеро шуниданд. ки ояте мехонд ба таъсири ин оят аз ҳуш рафтанд ва ба замин афтиданд. Вақте ба хонаашон оварда шуд. се рӯз бемор гаштанд ва баъд вафот карданд

Ва ман огоҳ мекунам туро ба қавме, ки сабаби хушнудӣ ва роҳаташон аз мусиқӣ медонзнд. Ва гумон мекунанд, ки афзалтарин соат ва беҳтарин вақт гӯш кардани мусиқӣ аст. Ҳатто баъзе ғарбиён китобҳо ҳам эҷод кардаанд, ки гӯё мусиқӣ дуркунандаи ноoромист ва эҷодкунандаи саодат аст. Пас ин истисмоъи ҳаром танҳо дар назди онҳост. Назди мо Қуръэнест нозил шуд, ба Муҳаммад (с) росту ба рушд далолаткунанда. Пас гӯш кардани мо Қуръонро гӯш кардани имонист, шаръист, муҳаммадист ва суннист.

Ва гӯш андохтани онҳо мусиқиро истисмоъи беҳудаву ғайришаръӣ, ки қоим намешавад бар он магарам ҷоҳилон.

## ФАҲМИШИ ХАЁТИ ХУБ

Саодат ва хушбахтӣ дар замон ва макон нест, лекин дар имон аст, дар тоати Аллоҳ ва дар дил. Дил маҳалли назаргоҳи ҳақсубҳонаҳу ва таоло мебошад. Пас вақте якин дар ӯ ҷойгир гардад, саодат пайдо

мегардад ва бар рӯҳу нафс роҳат ва кушодагӣ пайдо мегардад. Аҳмад ибн Ҳанбал хушбахтона зиндагонӣ кард. Ҳоло ин, ки либоси сафеди дарбеҳдор мепӯшид, бо дастони худ медӯхтанд ва се хонаи хурди аз лой сохта дошт. Хӯрданиаш як пора нон бо каме равган ва як пояфзоле дошт, ки ҳафтдаҳ сол дарбеҳ карда мепӯшид. Дар як моҳ боре гӯшт мехӯрд ва аксари рӯзҳо рӯза буд ва дунёро давр мезад, дар талаби ҳадис. Бо вуҷуди ин ҳам саодату роҳат ва оромии дилу нафсро дарёфт. Зеро қадами устувор дошт ва медонист баргашташонро, талаби савоб дошт, саъй аз барои аҷр мекард, амал мекард барои охират, рағбат ба ҷаннат дошт. Аммо дар замони имом халифаҳое, ки дунёро ҳукмронӣ карданд Маъмун, Восиқ, Муътасим, Мутаваккил буданд. Онҳо ҳамаи дорои дунё буданд. Қасрҳо, ҳавлиҳои боҳашамат, тиллову нуқра, канизу гулом, лашкари зиёд ҳама азони онҳо буд. Хуллас, он чӣ иштиҳо мекарданд, муҳайё буд. Бо вуҷуди ин ҳам зиндагониашон талх буд. Ҳаёти онҳо бо ғаму андӯҳ бигзашт, дар ҷанг ғорат сипарӣ шуд, ки ҳатто баъзеашон дар ҳолати назъи ҷон аз он чӣ гузашт ва аз исёнҳо бар Аллоҳ афсӯс хӯрд. Ибн Таймия на аҳл дошт, на хона, на оила ва на молу мансаб Ғурфае доштанд ба кунҷи ҷоми Бани Умайя. Ду либос доштанд ва фақат боре инашро мепӯшид, боре дигарашро. Баъзе вақтҳо дар масҷид мехобид. Валекин чуноне худ мегӯяд, ҷаннаташ дар дилаш буд, куштанашон шаҳодат, ҳабсэш хилват ва баровардан аз шаҳраш саёҳат меҳисобид. Зеро дарахти имон бо решааш дар дили эшон ҷой гирифта буд.

Абӯзар (р) дар чарогоҳе хайма зад ва зану фарзандонашро он ҷо овард. Ва аксари рӯзҳо рӯза буд, зикр мекард Худоро, тасбеҳ мегуфт, холиқро ибодат мекард, тиловат мекард. Ва дунёие надошт, фақат қитъае аз гӯсфанд, хайма ва асое. Бо вуҷуди ин ҳам хушҳол буд ва хотирҷамъу хушбахтиро ҳис мекард.

**ХУДИ САОДАТ ЧИСТ?**

Расули Худо мегӯянд: Дар дунё гӯё ғариб ё роҳгузаре бош, хушо бар ҳоли ғарибон. Саодат дар қасри Абдулмалик ибни Марвон нест ва дар лашкари Ҳоруннар-Рашид нест ва ҳавлии ибни Ҷассос нест. Саодат назди Бухорӣ дар саҳиҳашон буд ва дар назди Ҳасани Басрӣ дар сидқашон буд, дар назди Имоми Аъзам дар фикҳашон буд. Ва Аҳмад дар парҳезгориашон буд ва Собити Баннонӣ дар ибодаташон буд.

Саодат маркабе нест, ки харида шавад ва гуле нест, ки бӯй карда шавад ва гандуме нест, ки баркашида шавад ё чӯбе нест, ки бурида шавад.

Пас саодат, кушудагии роҳати дил дар асосе, ки зиндагӣ мекунад ва аз барои некие, ки саъй дар ҳамон аст, мекунад. Аксари мо гумон мекунем ҳавлиро васеъ кардан, чизу молро зиёд кардан ва ҷамъ кардани он чӣ рағбат дорему иштиҳо, ғӯё саодат аст, хурсанд мешавем, шодӣ мекунем, лекин мебинем, ки ҳамаи ин сабаби ғаму андӯҳ ва мусибат мегардад. Албатта бузургтарин муслиҳ Расули Худо (с) буданд, лекин бо вуҷуди ин ҳам фақирона зиндагонӣ карданд, рӯзҳое мешуд, ки хурмое намеёфтанд, то гуруснагии худро дафъ созанд. Бо вуҷуди ин ҳам дар наиме

зиндагӣ карданд, ки намедонад магар Аллоҳ, кушоди дил ва роҳати нафс ва оромиву саодатмандӣ. Дар ҳадисе омадааст:

*"Некӯ кардан ҳусни хулқ мебошад, гуноҳ чизест, ки дар дилат устувор бошад ва бад бинӯ, ки аз он одамон огоҳ гарданд".*

Дар ҳадиси дигар омадааст:

*"Некӯ оромист ва гуноҳ шак аст".*

Албатта, саломат мондани мусулмон ба динаш беҳтар аст, аз мулки Кисро ва Қайсар. Зеро дин онест, ки ҳамроҳи ту боқӣ мемонад ва дар ҷаннати наим қарор бигирад. Аммо мулку мансаб раванда аст, илоҷе нест.

## ЗУЛМ МАКУН

Ҳар нафаре, ки нисбати атрофиён зулм мекунад, аз бадбахттарин мардум аст, ки лағжидани қадамҳояш аст ва аз обрӯ афтиданаш аст, модоме ки зулм мекунад ба бандаҳои Аллоҳ ва ҳаққи онҳоро мехӯрад ва аз заифии онҳо истифода мебарад. Яке аз ҳакимон мегӯяд: битарс аз оне, ки ёрманде наёфт магар Аллоҳ. Ба таҳқиқ ҳифз кард таърих барои мо оқибати бади золимонро.

Омир ибн Туфайл найранг мекард ба Ҳабиби Худо (с) ва мехост ба қатл расонад, дар ҳаққаш Ҳабиби Худо (с) дуо карданд, Худованд ба балоэ гирифтор кард, ки ғадуде ба гарданаш баромад, ки ҳамон соат бо дарду алам вафот кард.

Ҳаҷҷочи золим пеш аз оне, ки Саид ибн Ҷубайро ба шаҳодат расона, дар ҳаққаш чунин дуое карданд: эй бор Худой, муяссар накун баъди марги ман ба

Ҳаҷҷоҷ, то каси дигареро ба қатл расонад. Баъди каме бар дасташ ҷуре падид омад ва тамоми аъзои баданашро зер кард ва аз дарду алам монанди наргове хуррас мезад, ҳатто ин ки вафот кард.

Суфёни Саврӣ аз тарси Абӯ Ҷаъфари Мансур дар ҳарами Макка пиҳон шуда буданд. Вақте Абӯ Ҷаъфар хост ба Макка биёяд, Суфён ба чодарҳои Каъба овезон шуда, дуо кард, то ба Каъба даромада натавонад. Ҳатто ин ки Абӯ Ҷаъфар пеш аз Макка даромадан дар Биъри Маймунаном мавзеъ вафот кард.

Абӯ Довуди Мӯътазили Шарифӣ Имом Аҳмад ибни Ҳанбалро озору истеҳзо дод. Аҳмади Ҳанбал дуо кард дар ҳаққи ӯ, ки ҳатто шал шуд: чуноне худ мегӯяд. Агар ба нисфи баданам пашшае бишинад, ба гумонам, ки қиёмат барпо шуд, аммо нисфи дигараш бо қайчӣ бурида шавад ҳам, ҳис намекунам.

Ва дуо мекунанд Имом Аҳмад дар ҳаққи Ибни Зайти вазир, ки баъдтар ба дасти мардуме меафтад, ки ба сараш мех заданд ва ба танӯри тасфон андохтанд. Ҳамзаи Басонӣ азоб медод мусулмонҳоро дар маҳбаси Ҷамол Абдунносир ва бо суханҳои бад мегуфт: Куҷост Худои шумоён, то бо оҳан кӯбам. Паноҳ металабем аз суханҳои бадаш. Пас мошинааш ба садама рӯ ба рӯ шуд дар роҳи Коҳира ва Искандария бо мошинаи боркаше, ки оҳан мебурд. Ҳатто ин ки аз пеши сараш оҳан даромада аз оқибаш баромад. Табибон аз гирифтани оҳан оҷиз шуданд. Баъди порча-порча кардани узваш оҳанро гирифта шуд.

Ё Салоҳ Наср аз сарлашкари Абдунносир, ки дар рӯи замин фасоду зулми бисёре кард, ҳатто ба даҳҳо

беморӣи гуногун гирифтор шуд ва дар бадбахтӣ дар маҳбасхона вафот кард.

Пас Расули Худо мегӯянд:

*"Битарс дуои мазлумро, ки баӯни ӯ ва байни Аллоҳ пардае вуҷуд надорад".*

Дар Хуросон марде динори марди солеҳро дуздид. Пас он марди солеҳ гиря кард. Фузайл барои ӯ гуфт: Чаро гиря мекунӣ? Дар ҷавоб он марди солеҳ гуфт: Ба ёдам рӯзе расид, ки Худованд ман ва дуздро дар рӯзи қиёмат рӯ ба рӯйи ҳам менишонад ва ӯро азоби алим медиҳад, пас дар ҳаққи ӯ гиря кардам.

Ғайбат кардае, ки пайваста олимеро бадгӯйӣ мекард, дар ивази бадияш аз олим ба ӯ хурмо ҳадя гардид. Пурсиданд аз он олим, ки чаро ин корро кардӣ? Ҷавоб дод: зеро ӯ ба ман некӣ кард. Яъне гайбати ӯ боиси рехтани гуноҳҳои олим гашт.

## БИҲИШТ БО ДУСТ НАКУСТ

Яке аз нишонаҳои хушбахтӣ дар дунё, ин доштани дӯсти наздиктарин ва рафиқи рӯзи танг аст. Лозим аст рафиқи хуб, ки бо ӯ унс бигирӣ ва дар хурсандиат ва хурсандиаш шарик бошӣ. Аз гурӯҳи ононе, ки рӯзи қиёмат зери арши парвардигор аз сояи он баҳра мегиранд, ду марде ки дар роҳи Худо дӯстӣ мекунанд ва ҷамъшавиашон ҳам барои Худо ва тафаккурашон ҳам.

*Амн матлаби шаръй ва ақлист*

Аллоҳ таъоло мефармояд:

*"Эшонро аз барои онҳо амн аст ва онҳо ҳидоятёфтагонанд"*

*(сураи Анъом, ояти* 82)

Пас амни дил: Имон ва устувориаш дар маърифати ҳақ ва пур буданаш бо яқин. Амни хона: Саломат буданаш аз инҳироф ва дур буданаш аз пастӣ ва пур буданаш ба оромӣ.

Амни Уммат: Ҷамъ буданаш бо муҳаббат ва қоим кардани амраш бо адл ва риоя карданаш бо амри шариат. Аз барои Худо дунё ин қадар пурталотум аст. Агар ин дунё аз як ҷонибаш сиҳат аст, аз ҷонибе дигар фосид мешавад. Агар мол ояд, ҷисм бемор мегардад, агар ҷисм сиҳат гардад, мусибат мефарояд, агар ҳолат ҳамааш хуб гардад, марг меояд.

Аъшо ном шоире аз Наҷд ба сӯи Расули Худо (с) бо якчанд шеъре, ки дар васфи пайгамбар (с) эҷод карда буд омад, то ислом биёрад. Вақте инро Абӯ Суфён фаҳмид, барои ӯ 100 шутур пешниҳод кард, то ба шаҳри худ баргардад. Пас розӣ шуд ва шутуронро гирифт ва ба якеаш савор шуд ва хост баргардад. Ҳамон лаҳза шутуре, ки савор гашта буд, такон хӯрд ва ин шоир аз болояш афтид бо сараш ва гарданаш шикаст ва вафот кард, пас бедину дунё аз олам рафт. Аммо шеъре. ки мехост барои расули Худо бихонад, боқӣ монд.

АБАДИ ВА НЕЬМАТ ОН ЧОСТ, НА ИН ҶО

Оё мехоҳӣ, ки дар ҷавонӣ, солимӣ, бойигарии абадӣ боқӣ монӣ? Пас инро бихоҳӣ ин дар дунё нест. балки он ҷо дар охират аст Бар ин дунё Худованд бадбахтиву равандагиро навиштааст ва ин дунёро беҳуда номидааст, бозича ва матоъи мағруркунанда Яке аз шоирон дар овони ҷавонӣ зиндагӣ бо мушкили пулу мол рӯ ба рӯ буд дирхаме мехост намеёфт, зан

гирифтан мехост, шароит надошт, аммо вақте калонсол шуд ва мӯйҳояш сафед гаштанд. Мол аз ҳар тараф барояш муҳайё шуд ва зангирӣ ҳам барояш осон шуд, хонаву дар ҳам пайдо шуд, лекин ҷавониаш рафта буд, пас шеъре эҷод карда шикоят аз ин ҳолат мекунад.

Оре, ҳаёти ин дунё монанди мусофире, ки дам гирифтааст, зери сояи дарахте, ки худи ҳозир гуё хеста бояд биравад. Лоҷарам сояи дарахтро тарк кард.

## ХАҚИҚАТИ ДУНЁ

Ба ҳақиқат тарозуи саодат дар китоби Худои бузург аст ва такдироти чизҳо дар дасти Ӯст ва Ӯ муқаррар мекунад, қимати чизҳоро ва баргашташро дар дунё ва охират.

Ҳамин аст ҳақиқати ҳаёт, қасрҳою ҳавлиҳои боҳашаматаш тиллоҳову нуқраҳояш обрӯву мансабҳояш. Бубинед Утба ибн Газвонӣ саҳобаи машҳур бо тааъҷҷуб хутба мекард ва мегуфт. Чӣ тавр буд ҳолати ман бо расули Худо, ки аз гуруснагӣ баъзе ҳолат барги дарахт истеъмол кардем ва бо ҳамроҳии ӯ ҷиҳод кардем, ки он соатҳо беҳтарин соат буд барои ман ва ширинтарини ҳаёти ман буд ва имрӯз баъди вафоти расули Худо Амири Иқлиме ҳастам ва ҳокимам, аммо ҳаёти ман бароям бе Ҳабиби Худо (с) беқадру арзон аст.

Саъд ибн Абивақос аз гуруснагӣ дар хутба аз ҳуш мерафт. Аммо вақте амири Кӯфа буд, зеро пеш аз ин бо расули Худо чизи дурусте намеёфтанд, то бихӯ-ранд дар машаққату душвориҳо буданд, имрӯз бошад амир ҳаст. аммо Ҳабиби Худо вуҷуд надорад. Ҳаёт

қимате надошт, бе пайғамбари Худо (с).

Ин тавр бошад, ин ҷо сиррест, амрест пинҳон, ки ин ҳам бошад, ночиз будани дунё дар назди онҳо. Вақте Умар (р) ба назди Расули Худо (с) даромад, дар кунҷи хонаашон нишаста буданд дар болои бурё, ки гуруснагӣ асар карда буд ва дар хонаашон ҳатто каме ҷави кӯфта набуд. Чашмони Умар пуроб шуд, зеро ҳолат пуртаъсир буд, ки беҳтарини халқ, пешвои мардум, имоми ҳама дар ин ҳолат зиндагӣ мекунанд, пас ба Ҳабиби Худо (с) гуфтанд. Эй расулуллоҳ Кисро ва Қайсар (яъне подшоҳи Форс ва Рум) дар чӣ хел ҳолат зиндагӣ мекунанд медонед? Аммо шумо расули Худо дар ин ҳолат қарор доред. Пас Ҳабиби Худо гуфтанд. Оё дар шак ҳастӣ, эй писари Хаттоб. Оё розӣ нестӣ, ки барои мо Худованд охиратро ваъда кардааст ва барои онҳо дунё. Барои мо охират барои онҳо дунё. Пас ин тақсимоти одил ва равшан аст. Агар касе розӣ шудан хоҳад ба ин тақсимот, бояд розӣ гардад ва касе бад дидан хоҳад, пас бад бинад ва саодатро аз пулу молу қасру мошинаҳо дарёфт кунад, лекин дар ин ёфта наметавонад. Қасам ба Худое, ки нест илоҳе магар ӯ ҳаргиз ёфта наметавонад. Чуноне Худованд мефармояд:

*"Ҳар касе хоҳад зиндагонии дунёро ва зинаташро ба пуррагӣ расонем ин ҷамоъат ҷазои аъмоли эшонро дар ин ҷо. Ва эшон дар ин ҷо нуқсон дода нашаванд. Ин ҷамоъат ононанд, ки нест эшонро дар охират магар оташ. Ва ботил шуд дар охират он чӣ карда буданд ва нобуд аст он чӣ ба амал меоварданд*

*(сураи Худ, ояти*15-16).

## КАЛИДИ ХУШБАХТИ

Вақте Худоро шиносӣ ва ӯро парастӣ ва амали солеҳ бикунӣ, гарчанде дар кулба зиндагӣ бикунӣ ҳам, некиро меёбӣ, хушбахтиро ва роҳату оромиро. Лекин вақте мулҳидӣ ва бехудой гарчанде дар қасрҳову хонаҳои боҳашамат зиндагӣ бикунӣ ва дар назди ту он чӣ иштиҳо дорӣ мавҷуд аст, дар охир туро бадбахтист ва оқибати бад, зеро ту калиди хушбахтиро надорӣ.

## ЗИНДАГИИ САҲОБАГОН

Биё ба рӯзе аз рӯзҳои яке аз саҳобагони беҳтарин Алӣ ибни Аби Толиб шавҳари Фотима (р) ҷигарбанди Расулуллоҳ (с) назар афканем. Пагоҳии барвақт мехезад ва баъди намоз хонаро мековад, чизе барои хӯрданӣ намеёбанд, пас Алӣ (р) ба кӯчаи Мадина мебарояд, то рӯзие ба даст биёрад. Ба хотири эшон мерасад, ки яҳудие киштзор дорад, ба хонаи яҳудӣ дари мазраъи яҳудиро мекӯбанд, яҳудӣ мебарояд ва мегӯяд: Эй аъробӣ биё, ин сатилро аз чуқурӣ мебарорӣ ба ҳар сатил як дона хурмо медиҳам. Пас розӣ шуданд Алӣ (р) ва то бегоҳ кор карданд, ҳатто дастони муборак обила гирифт ва ҷисм монда гашт. Ва хурморо гирифтанд ва ба дари хонаи Расули Худо гузаштанд ва каме ба он кас доданд ва боқиашро бо ҳамсари худ тановул карданд. Ин буд ҳаёти ин бузургон. Бо вуҷуди ин ҳам хонаи онҳо аз саодат, шодӣ ва нур пур гашта буд.

Зеро дилҳои онҳо дар ҳақиқате, ки Расулуллоҳ (с) барои эшон чун неъмати нодир фиристода шуда 5уд, рӯшан буду зиндагӣ мекард. Ва рӯҳи поки онҳо

ҳакиқатро медид, бо он ҳақикате, ки таълим гирифтанд аз Расули Худо (с) ва медиданд ботилро ба он ҳақиқат. Пас ба он амал мекарданд ва бо он қимати чизро дарк мекарданд ва сирри масъаларо медонистанд. Пас куҷост саодати Қорун ва куҷост шодиву хурсандии Ҳомони вазир куҷо?. Яке дафн шуд, дигаре малъун. Саодат дар назди Билол, Салмон ва Аммор аст. Зеро Билол азон гуфт аз барои Ҳақ, Салмон бародарӣ кард аз барои Худо ва Амор ба аҳд вафо кард.

## СУХАНОНИ БАЪЗЕ ҲАКИМОМ ДАР БОРАИ САБР

Ҳакиме мегӯяд: Ҳилаи мушкилоти пеш омада ягона сабр аст. Ва дигаре мегӯяд: Касе пайравӣ бикунад сабрро, пайравӣ мекунад ӯро нусрат. Сабр калиди хурсандиҳост, касе сабр кунад, қодир мешавад, меваи сабр ғалаба аст. Абӯ Убайда мегӯяд, вақте туро мусибате мерасад, пас бидон, ки шояд баъди он мусибати бузургтар аз он расад, пас мусибати аввалро сабук шумор.

Баъзе ҳакимон мегӯянд: Оқибати корҳо монанд ба ғайб аст. Баъзе дӯстдошташуда бад мегардад ва бад дида шуда дӯст мегардад, чӣ қадар неъмат охир бало мегардад ва ҳаст балое, ки неъмат мегардад.

Исҳоқи Обид мегӯяд: баъзе машаққат, ки имтиҳон мекунад Аллоҳ бандаро ба он шояд сабаби наҷоти он банда бошад аз ҳалокат. Пас воҷиб аст, ки тоҷи наҷотро ба сар монӣ, оне ки ваъда кардааст Аллоҳ бар дӯстдоронаш ва аҳли тоъаташ.

## ГАМГИН МАБОШ
## КИ ДУШМАНАТ ШОД МЕГАРДАД

Албатта, ғамгинии ту душманатро шод мегардонад. Бубин Расули Худо (с) вақте ба Макка омаданд, саҳобагонро амр карданд, то дар тавоф ҷасурона саъй кунанд, то душман гумон набарад, ки обу ҳавои Мадина онҳоро заиф кардааст. Оре, душманони роҳи ҳақ ва ҳосидони фазилат мемуранд аз рӯи ҳасрат, модоме мо шоду хурсанд бошем. Гузаштагони солиҳ табассум мекарданд ба ҳодисаҳо ва сабр мекарданд бар мусибатҳо ва устувор буданд бар балоҳо, то бинии бадбинон хоколуда гардад ва ҳосидон аз ҳасад бимиранд.

### ГАМГИН МАШАВ

Муҳаббати Аллоҳ ва шинохтани У ва зикри бардавоми Ӯ, такя бар Ӯ оромӣ ба сӯи Ӯ, дӯстдории Ӯ ва умеду таваккул танҳо ба Ӯ мебошад, ки Худованд дар дунё ва ҳам охират ҷаннатро фароҳам меоварад, ки ягон неъмате монанди ӯ нест ва ин қарори чашми дӯстдорон ва ҳаёти орифон мебошад. Мутааллиқ кардани дил танҳо ба Аллоҳ ва сухан ба зикраш ва қаноат сабабҳои равонидани ғаму андӯҳ мебошад ва равшанкунандаи дил ва орандаи ҳаёти хуб мебошад. Ва бар зидди ӯ ягон тангдиле нест ва бештар ғамдоре нест аз оне, ки қалбаш ба ғайри Худо мутааллиқ аст ва фаромӯш кардааст, зикри Аллоҳро ва қаноат накардааст ба додаи Аллоҳ.

## МЕВАҲОИ РИЗО ПУХТАШУДА АСТ

Аз барои ризогӣ меваҳои имон бисёр аст, ки боло мебардорад дараҷаи инсони розишавандаро, ки собит мешавад дар эътиқодаш ва содиқ мешавад дар қавлаш, амалаш ва ҳолаташ ва ин ҷо қасди мо ба тақдироти хуб нест, балки ба тақдироти баде, ки ба сари банда меояд. Пас барои банда дуруст нест, ки ба тақдироти Худо ҳукм кунад. Оне, ки хоҳад қабул кунад ва оне, ки намехоҳад рад бикунад, барои инсон ихтиёр нест, ихтиёр ба дасти Аллоҳ аст ва ӯ донотар ва ҳокимтар ва бузургу олитар аст. Пас дар ҷамиъи ҳолот ризо бош аз Парвардигор, ки Ӯ аз ту розӣ гардад.

Пас вақте ба ризқи кам розӣ мегардӣ, розӣ мегардад Аллоҳ ба амали ками ту. Назар кун ба саҳобагони мухлис, ки бо амали ками онҳо Худо аз онҳо розӣ гашт ва онҳо ҳам аз Худованд розӣ гаштанд ба хилофи мунофиқон, ки Худовандро рад карданд, каму бисёрии онҳоро зеро онҳо бад диданд, он чӣ нозил кард Аллоҳ ва нахостанд розигии ӯро пас амалҳояшон ботил шуд.

Аммо бад дидани хости Худо боз шудани дари ғаму андӯҳ мебошад, парешонии дил ва бадии ҳол мегардад. Пас розигӣ аз ин дардҳо наҷот мебахшад. Роҳати нафс ба зиддияти хости Худо ҳосил намегардад, балки ба таслим шудан ва қабул кардан ҳосил мегардад. Зеро соҳиби тақдирот одил ва доност, пастӯҳмат карда намешавад дар тақдироташ. Ибн Раванди файласуфи зираки бехудо бисёр камбағал буд, пас рӯзе омии ҷоҳилро бидид, ки дар хонаҳои боҳашамат ва молу мулки бисёре зиндагӣ

дорад, назар ба осмон кард ва гуфт: ман файласуфи дунё фақирона зиндагонӣ мекунам ва ин ҷоҳили аҳмақ сарватмандона зиндагӣ мекунад. Ин тақсимоти ноадлона, пас гамгин шуд ва болои фақриаш хориву тангӣ зам гашт.

Пас фоидаи ризо будан оромиро дар дил қарор медиҳад ва боварӣ ҳосил мекунад ба ваъдаҳои Парвардигораш ва ваъдаҳои расулаш (с). Аммо ғазаб ба такдирот ноормӣ ва беқарориро дар дил пайдо мекунад. Пас аз бузургтарин неъмати Аллоҳ бар банда барқарор кардани оромӣ дар дили ӯ ва аз бузургтарин сабабҳои пайдошавиаш ризо будан аз такдироти Аллоҳ дар ҷамиъи ҳолат аст. Пас ҳукми Худованд гузаранда аст дар банда ва қазояш адл аст барои ӯ. Пас касе розӣ нагардад ба адл, пас ӯ аз аҳли ҷавру зулм аст. Худованд ҳукмкунандаи ҳукмкунандаҳост. Ба таҳқиқ ҳаром кард зулмро бар нафсаш, пас зулмкунанда нест барои бандаҳо. Пок аст аз зулми бандаҳо, лекин одамон худ ба нафси худ зулм мекунанд.

Пас фоидае надорад бад дидан ва норозӣ будан. Аммо розӣ будан дари саломатиро ба банда мекушояд, ки дили ӯ аз дағаливу каҷӣ саломат мемонад. Ва наҷот намеёбад аз азоби Аллоҳ, магар оне, ки дили солим дошта бошад, солим аз шубҳа, шак, ширк ва найрангҳои шайтон ва лашкараш ва ваъдаҳои дурӯғини онон. Ва аз саломатии дил ризо будан аст. Пас ризо дарахтест, пок об мехӯрад аз ихлос дар боғи тавҳид. Асли он имон аст ва шохаҳояш амали солеҳ мебошад, ки меваҳои он ширину пухташуда аст.

Дар ҳадис омадааст:

***"Чашида аст таъми имонро касе розӯ бошад, ба парвардигории Аллоҳ ва ба дин будани ислом ва ба набӯ будани Муҳаммад (с)".***

Аммо бадбинандагон, интикрмгиранда ҳастанд дар дарун, ғазабкунанда ҳастанд агарчӣ начӯянд ва дар онҳо доим мушкилӣ ва савол ҳаст аз барои чӣ ин?

Пас касе пур аст дили ӯ ба ризо ба такдир, пур мекунад Аллоҳ дили ӯро ба амну қаноат ва таваккулу инобат, аммо касе дили ӯ холист аз ризо дили ӯ бар зидди ӯ пур мегардад. Пас зиндагии хуб нест барои бадбини қазо ва қадар, зеро ризқаш ноқис аст, насибаш кам аст, мусибаташ пай дар пай аст ва гумони бад мекунад ба Аллоҳи бузург, пас чӣ тавр барои ӯ роҳат пайдо мегардад?

Пас ризо будан мева медиҳад, шукрро, ки олитарин мақомоти имон аст. Пас мақоми бузург шукри Аллоҳ аст. Пас шукркунандагон беҳтарини одамонанд, аз рӯи хотир ва нектаринанд аз рӯи ҳолат.

Аммо бадбинии қазову қадар куфрони неъматро мева медиҳад, ки худи ӯ аз баддидашудагон мегардад ва аз пайи кофирон раҳ тай мекунад. Паноҳ металабем аз бад дидану норозигӣ ба хости Аллоҳ ва пурсони розигӣ ва шукргӯяндагон ба Аллоҳ мебошем.

## ХУДОРО ҲАМЕША ЁД КУН

Аллоҳро шинос ва дӯстдору наздик бош ба тоаташ ва шукргузор бош ба неъматаш дар амну неъмат ва сиҳатии бадан ва тоаташро лозим гир ва нафақа кардан дар роҳаш, то мешиносад туро дар тангиву мусибат ва мебардорад аз тангиву ғаму андӯҳат.

**Бахшиш аз лағжишҳои бародарон**

Худованд мефармояд:

***«Бигир авфро ва амр кун ба некӯ ва рӯй бигардон аз ҷоҳилон».***

*(сураи Аъроф,* ояти 199)

Лозим нест, ки худро ба як ё ду хулқе, ки дӯст намедорӣ аз бародарат дур бигирӣ. Агар аксари ахлоқаш ва рафторашро маъқул донӣ, пас ба як ё дуяш чашм бипӯш".

Туро кифоят аст, ки рафиқи бисёр дорӣ. Абӯдардоъ мегӯяд: сарзаниш кардани бародар беҳтар аст аз гум карданаш, баъзеи дигар мегӯянд: мо розӣ нестем аз нафси худамон, пас чӣ тавр розӣ мегардем аз ғайрамон.

Ҳасан ибн Ваҳб мегӯянд: аз ҳуқуқи дӯстӣ авфи бародарон аст ва чашм пӯшидан аз баъзе кӯтоҳиашон. Бахшидан хислати худовандист, ки Худованд бахшиданро дӯст медорад. Мо бандагон низ дар пайравӣ аз ин хислати Ӯ ҳамдигарро бояд, ки бубахшем.

**ИШОРАТЕ ДАР РОҲИ БАҲСКУНАНДАГОН**

Аз барои саодатмандӣ аломатест ҷило медиҳад ва ишоротест зоҳир мегардад ва ӯ шоҳид аст бар наҷоти соҳибаш. Пас аз аломатҳои наҷот ва хушбахтӣ ин аст, ки вақте илмаш зиёд мегардад, амалаш ҳам зиёд мегардад, хоксориаш зиёд мешавад ва раҳматаш, монанди ҷавҳари қиммате, ки вақте зиёд гардад, вазнаш ба қаъри баҳр рафтан мегирад. Пас илм ҳам имтиҳонест, агар шукрашро ба ҷо биёрад, дараҷааш боло мегардад. Пас вақте амалаш

зиёд гардад, хавфаш аз Худо зиёд мегардад ва метарсад аз лагжиши забон ва гардидани дил монанди паррандае аз шохе ба шохе мепарад, то тири шикор ба ӯ нарасад. Ва аз аломатҳои саодатмандӣ, вақте умраш дароз мешавад, ҳирсаш ба дунё кам шудан мегирад, пас медонад яқрнан, ки наздик шудааст реҳлати ӯ ва сафари ӯ ба охират. Пас вақте молаш зиёд мегардад, зиёд мегардад сахояш ва карамаш, зеро мол орият аст ва ӯ дар имтиҳон аст. Пас вақте қадраш зиёд мегардад, зиёд мегардад қазои ҳоҷати мардум ва хизмат барои онҳо. Зеро бандаҳо ҳам халқи Худо ҳастанд, дӯст медорад Худо касеро, ки аз онҳо ба атрофиён фоида расад ва меҳрубонӣ кунад ва аз ҳоли онҳо хабар бигирад. Ва аз аломатҳои бадбахтӣ ин аст, ки вақте илмаш зиёд гардад, кибр ва худписандиашниз меафзояд, пас илми ӯ бефоида аст.

Вақте зиёд гардад амали ӯ зиёд мегардад фахри ӯ, назарбаландии ӯ ба мардумон ва ӯ гӯё наҷот ёфтаасту дигарон дар ҳалокат. Ва вақто зиёд гардид, умри ӯ зиёд мегардад ҳирси ӯ. Ҷамъ мекунад ва намедиҳад ва ӯро мурдан ба ёд намеояд. Ва вақге зиёд гардад, моли ӯ зиёд мегардад, бухли ӯ дилаш ҳамеша фақир аст ва дасти ӯ ҳамеша мағшуш, ки ҳеҷ гоҳ кушода намегардад ба сахову карам.

Расули Худо мегӯяд:

*"Зинда карда мешаванд, мутакаббирон рӯзи қиёмат дар сурати дона, зер мекунанд одамон бо қадамҳояшон". Пас ин корҳо имтиҳони Худованд аст, ки бо сабаби он баъзеҳоро хушбахт ва баъзеҳоро бадбахт мегардонад.*

## НЕЪМАТ ҲАМ ИМТИҲОН АСТ

Инчунин молу мулк, подшоҳиву султони давлатдорӣ ҳам имтиҳон аст. Чуноне Сулаймон подшоҳ буд. ҳама инсу ҷин ва махлукоти олам хизмат мекард. Вакте арши Балқисро дар наздашон бидид гуфт: ин аз фазли Парвардигорам, то ин ки имтиҳон бикунад маро оё шукр мекунам ё куфр меварзам.

Пас Аллоҳ неъматро медиҳад ва мебинад оё қабули хуб кард ё не, оё шукр кард ва неъматро ба ҷояш сарф кардё не ё ин ки неъматро бигирифтва ба диҳандааш ҷанг эълон кард ва неъматҳоро куфрон варзид

Пас ҳама ин имтиҳон аст. Шукри шукркунанда ва куфри кофир. Чуноне ки балову мусибатҳам имтиҳон аст. Пас ҳама он неъмат молу давлате, ки Аллоҳ додааст. ин барои ҳурмат ва гиромидошти ҳамин инсон нест. Ва мусибату балое, ки медиҳад, барои хуб ё бад дидан нест. Ҳамааш имтиҳон ва санҷиши илоҳӣ мебошад.

ВАКТЕ БЕМОР ШУДИ У ШИФ

*Панч чиз баданро логар ва заиф мекунад:*

1. Кӯтоҳдастӣ.
2. Фироку ҷудоӣ аз дӯстдошта.
3. Ҷуръати душман.
4. Қабул накардани насиҳат.
5. Хандидан ба олимону оқилон.

*Чаҳрр чиз ҷисми инсонро бемор мекунад:*

1. Сухани бисёр.
2. Хоби бисёр.
3. Хӯрдани бисёр.
4. Ҷимоъи бисёр.

*Чаҳрр чиз баданро ба ҳалокат мерасонад:*

1. Андӯҳ, яъне ояндаро фикр карда ғусса хӯрдан.
2. Гам, яъне ба гузашта ғусса хӯрдан.
3. Гуруснагӣ.
4. Саҳар кардан, яъне шаб то рӯз хоб накардан.

*Чаҳрр чиз одамро фараҳ меорад:*

1. Назар кардан ба кабудизор.
2. Назар кардан ба оби ҷорӣ.
3. Назар кардан ба маҳбуб.
4. Назар кардан ба меваҳо.

*Чаҳор чиз баданро қавӯ мекунанад:*

1. Пӯшидани мулоим.
2. Даромадани ҳаммоми мӯътадил.
3. Хӯрдани тағьоми ширини равғандор.
4. Бӯй кардани хушбӯиҳо.

Чеҳор *чиз оби рӯйро меравонад ва инсонро рӯйхунук мекунад:*

1.Дурӯғ.
2. Бешарми.
3. Пурсидан бе зарурат. яъне гадоӣ.
4. Гуноҳи бисёр.

*Чаҳор чиз обурӯйро зиёд мекунад:*

1.Мардигарӣ.
2.Вафо.
3. Дасткушодӣ ва карам.
4. Такво.

*Чаҳор чиз сababи бад дида шудан мегардад:*

1.Кибр.
2.Ҳасад.
3-Дурӯғ.
4.Хабаркашӣ.

*Чаҳор чиз ризқро ҷалб мекунад:*

1. Намози нисфи шаб.
2. Саҳаргоҳон истиғфор гуфтан.
3. Садаҳаро додан.
4. Зикр кардан пагоҳӣ ва бегоҳӣ.

*Чаҳор чиз ризқро барҳам мезанад:*

1. Баъди намози бомдод хоб кардан.
2. Ба намоз сустӣ кардан.
3. Танбалӣ
4. Хиёнат.

*Чаҳрр чиз фаҳму зеҳнро зарар мерасонад:*

1. Турширо бисёр тановул кардан.
2. Ғам.
3. Андӯҳ.
4. Пуштнокӣ хоб кардан.

## ТАҲҚИҚ КУНЕД

Оқилу собитқадам фикри олӣ дошта, вақте хабарҳои ҳархеларо мешунавад, шитоб намекунад ба ҳукм кардан шитоб намекунад ва ба ҳар хабарҳои овардашуда бовар намекунад, магар баъди таҳқиқ. Шитоб намекунад, маслиҳат мекунад, баргашта назар мекунад, зеро ба шитоб кардан шояд ба хатогие роҳ диҳад, шояд ин хабарҳо дурӯғ бошад ё шояд хабар рост ва лекин хато дар худи хабароранда. Зеро хатогӣ дар авф беҳтар аст, аз хатогӣ дар укубат.

Рӯзе ба назди ҳазрати Умар (р) шахсе чашмонашро қапида омад ва гуфт, ки эй Амири мӯъминон, фулонӣ як чашми маро кӯр кард аз ӯ қасос гиред. Он ҳазрат дар ҳукм шитоб накарданд. Балки гуфтанд: аввал он шахсро ба наздам оред, то бубинам ӯ чӣ ҳол дорад

ва чӣ мегӯяд, пас вақте он шахсро мебиёранд, ду чашмонашро шахси аввала кӯр карда будааст. Пас ин ҷо бубинем чӣ қадар фоида дорад шитоб накардан. Агар он ҳазрат ба гуфтаи шахси аввал омада ҳукм мекарданд, пас ба хатогие роҳ медоданд, ки сабаби пушаймонӣ мешуд. (Аз мутарҷим)

## ҲАЁТИ МО ФАҚАТ ҲАМИН ДУНЁ НЕСТ

Саодати охират оянда аст баъди саодати дунё. Пас оқил бояд бидонад, ки ин ҳаёт часпида аст ба он ҳаёт. Дунё ва охират монанди имрӯз ва фардо, ки меояду халос. Лекин баъзе гумон мекунанд, ки ҳаёти онҳо ҳамин дунё асту халос, пас ҷамъ мекунанд, ҳаракат мекунанд, то боқӣ бимонанд ва дил мебанданд ба ин ҳаёти фонӣ. Пас рӯзе мебинед, ки орзуҳояшон ба охир мерасад, дунёи дӯстдоштаашон тамом мешавад.

Тааҷҷуб мекунам ба нафсам ва ба дигарон: фикру андешаи бисёр, ташвиши бисёр, хаёлоти дур, корҳое, ки гӯё умри мо хеле дароз аст. Лекин як ба як меравем бехабар, бе маслиҳат, бе пурсиш. Худованд мефармояд

*"Ва намедонад нафс чӯ касб мекунад пагоҳ ва намедонад нафс ба кадом замине мемирад".*

*(сураи Луқмон, ояти* **31**)

**Пинҳон гаштан аз чашми золим ҳалли муваққат аст, аммо шояд наҷот рӯзе ояд**

Абӯ Амр ибн Ало мегӯяд: маро Ҳаҷҷоҷи золим тарсонид, пас ба Яман гурехтам ва дар хонае пинҳон гаштам. Шабона болои бом мебаромадам ва рӯзона дохили хона пинҳон мегаштам. Пас шабе хостам ба бом бароям, ки марде шеър мехонд, ки он шеър . тасаллият бар дили ман буд ва ҳамин дам марди

дигаре гуфт: Ҳаҷҷоҷ мурд. Пас хурсанд шудам ба тасаллияти он мард дар марги Ҳаҷҷоҷ. Ҳасани Басрӣ пинҳон гашт аз чашми Ҳаччоч пас рӯзе хабари маргаш омад, пас саҷда кард, шукр барои Аллоҳ. Ба покӣ ёд мекунам Аллоҳро, ки фарҳ кунонидааст байни инсонҳо. Зеро баъзе мемиранд. дигарон аз шодӣ шукр мегӯянд,аммо баъзе мемиранд, аз ғам ҳама хона мотам мегиранд ва дилҳо реш мегардад аз марги онҳо.

Иброҳим Нахаъй пинҳон гашт аз Ҳаҷҷоҷ, пас ваҳте хабари марги Ҳаҷҷоҷ омад, гиря карданд аз шодӣ. Саид ибн Ҷубайр гуфтанд. Аз Ҳаҷҷоҷ гурехта мегаштам. ҳатто шарм доштам аз Аллоҳ азза ва ҷалла, ҳатто ин ки баромадам. Пас ваҳте ба назди Ҳаҷҷоҷ оварда шуд. Ҳукм кард ба ҳатл. Ваҳте шамшер ба сарашон кашида шуд, табассум карданд, пас Ҳаҷҷоҷ пурсид барои чӣ табассум мекунӣ. Да ҷавоб гуфтанд: Тааҷҷуб мекунам аз ҷуръати гуноҳат бар Аллоҳ ва ҳилми меҳрубонии Аллоҳ бар ту. Пас ба шаҳодат расонид олими раббониро.

Эҳ чӣ хел нафсҳои боварикунанда ба ваъдаи Аллоҳ, оромгиранда ба баргашти хуб. Инчунин аст имон. Кош ҳамин тавр бошад имон.

Ваҳти таваллуди ту ҳама хандон буданду ту гирён.

Чунон бизӣ, ки баъди мурдани ту, ҳама гирён бошанду ту хандон.

(зимнан аз Саъдии Шерозӣ, иловаи мураттиб)

## ҲАЁТ САР ТО ПО МАШАККАТ АСТ

Гамгин машав аз машаққати ҳаёт, зеро ҳаёт чунин халҳ карда шудааст. Аслан дар ин ҳаёт мушкилиҳост ва тангиҳое хурсандиву шодӣ дар ӯ нодир аст.

Хусусан, Худованд ба дӯстдоронаш ҷоеро мустақар нагардонидааст.

Агар дуне ҷои балову машаккат намебуд, ҳаргиз дар он бемору ранҷур пайдо намегашт. Зиндагӣ барои пайгамбарон танг намегашт, барои солиҳон зиндон намегашт. Одам (а) машакҳати бисёр кашиданд, ҳатто Нӯҳ (а)-ро қавмаш ба дурӯғгӯйӣ иттиҳом карданд ва масхара доданд, Иброҳим (а) ба оташ партофта шуд Яъкуб (а) аз фироқи фарзанд гиря кард, ки ҳатто чашмонаш кӯр шуд. Мӯсо (а) зулми Фиръавнро бардошт мекард, Исо (а) писари Марям дар камбағаливу нодорӣ зиндагӣ кард ва Муҳаммад (с) сабр мекард ба фақирӣ. Амакаш Ҳамза ва беҳтарин наздиконаш кушта шуд. Ва дигар пайғамбарону авлиё ҳама дар ин дунё дар машаккату азоб буданд. Агар дунё лаззате медошт ҳам барои мӯъмин насибае нест. Расули Худо мегӯянд:

*"Дунё зиндони муъмин ва ҷаннати кофир аст".*

Оё дар ин дунё солеҳон зиндон нашуданд? Олимон ба балоҳо гирифтор нашуданд? Ё дигар обидон ранҷу машаққат накашиданд? Пас ин аст дунё.

## ТУ БОЛОТАР ҲАСТӢ АЗ КИНА

Хушбахттарини мардум аз рӯи ҳолат ва кушодии дилоне, ки охиратро мехоҳад пас ба одамоне, ки Худо аз фазлаш додааст, ҳасад намебарад. Дар назди ӯ фақат ахлоқи хуб ҳаст, ки номи ӯ некиву эҳсон ва агар некиву эҳсон аз дасташ наояд, боз медорад худро аз изову озори мардум.

Ибни Аббос яке аз беҳтарин тарҷумонҳои Қуръон чӣ тавр тавонист бо хулҳи хуб ва саховатмандӣ

душманони сахттаринаш бани Умайя ва бани Марвонро дӯст гардонад? Пас фоида гирифтанд одамон аз илмашон ва фаҳмишашон. Ҳатто дар маъракаи ҷамал ва Сафайн мардум аз ибни Аббос кофтуков карданд ва диданд, ки дар байни маҷрӯҳон барои онҳо ёрӣ мерасонид, пас ҳама дӯсташон дошт.

Зеро хушрафторӣ, хушгуфторӣ, бахшиш ва карам аз сифатҳоест, ки дар кам одам иттифоқ меуфтад.

## ЧИ ТАВР ШУКР МЕГӮЙ БИСЁРРО БА ТАҲҚИҚ КӮТОҲИ КАРДИ ДАР ШУКРИ КАМ

Касе ба оби софи зулол шукр намегӯяд, ба қасру хонаҳои боҳашамат ва маркабу боғҳои зебо шукр намегӯяд. Касе дигар ба нони мулоим шукр намегӯяд, ҳаргиз ба таомҳои болаззат шукр намегӯяд. Зеро нафси ношукр модоме ба кам, ки шукр накард, ба бисёр ҳам шукр намегӯяд. Баъзе нафсҳои бахил орзу мекунад, ки вақте неъмати бисёр дода шавад, шукр мегӯяд, садақаву нафақот медиҳад, вақте Худованд неъмати зиёд мерасонад, бухл меварзад ва фаромӯш мекунад.

Мулоҳиза мекунем баъзе аз мардумро, ки хотири парешон, дили ғамгин, гумони бад дар ҳакки Аллоҳ, ки барои ӯ ризқи васеъ ато накардааст ва зиндагии ӯро танг кардааст. Лекин ӯ Аллоҳро фаромӯш карда буд дар неъмат ё дар ҳамон ҳолати тангияш бар Худованд чунин рафтор бикунад, пас чӣ тавр Аллоҳ ӯро неъмат медиҳад.

Баъзе мегӯянд, агар Худо барои ман туфлие расонад, пас шукр мегӯям, аммо туфлидор мегӯяд, вақте маро мошинае расад, шукр мегӯям, мошиндор мегӯяд вақте маро хонаву дари боҳашамат бирасад

пас шуф мегӯям. Агар хонаву дари бо ҳашамат ҳам дастрасаш гардад, аҳд мекунад агар соҳиби тайёра (самолёт) шавад он гаҳ шукр мегӯяд. Ин гуна тоифа ҳатто кулли дунёро соҳиб шаванд ҳам, боз мехоҳанд сайёраву ситорагон аз они эшон бошад. Неъмати нақде, ки дар даст дорем бе шукрона ба он назар мекунем ва шукрро ба неъматҳое, ки нася ҳастанд, мавқуф мегузорем. Зеро рағбати мо ба Аллоҳ кам аст ва ҳоло ин, ки неъмати Аллоҳ ба мо фаровон.

## БЕ ГУФТУГУ

Ва оне, ки хотирро парешон мекунад ва ғаму андӯҳро афзун мекунад, қарздорӣ ва тангии зиндагист. Барои ҳамин баъзе роҳҳои начотро аз ин бало зиф мекунам:

1. Фақир намегардад касе молашро эҳтиёт кунад ва хубӣ нафақа кунад ва ҳифз кунад молашро аз барои ҳоҷат ва дур гирад худашро аз исрофу сарфакории беҳуда, зеро исрофкорон бародарони шайтонанд.

2. Касби мол бо роҳи ҳалол ва дур шудан аз касбу пулу моли ҳаром, зеро Аллоҳ пок аст, нопокиро қабул намекунад. Ва барака намедиҳад барои моли ҳаром.

3. Кӯшишу ғайрат дар талаби ризқи ҳалол ва дур шудан аз бекориву вақтро беҳуда гузаронидан. Намозҳоятро ба ҷо биёр ва аз пайи талаби ризқу рӯзиат шав ва аз фазли Худо талаб кун, шояд ки зафар ёбӣ.

## ҚИМАТИ ТУ ИМОН ВА ХУЛҚИ ТУСТ

Марди фақири нодоре аз ин дунё гузаштааст, ки либосҳои дарида, шиками гурусна ва пойи луч дошт, на мол, на хона ва на аҳпу оила дошт. Аз ҳавзи омма

бо кафаш об менӯшид. Дар масҷид хоб мекард. Лекин соҳиби зикр буд ва ҳамеша тиловати Қуръон мекард, ғоиб намешуд аз сафи аввал ҳамеша дар намозу ҷиҳод. Рӯзе аз пеши Расули Акрам (с) гузашт, ки Расули Худо бо номаш фарёд кард:

"Эй Ҷулайбиб оё зан намегирӣ?". Гуфт: Эй Расули Худо, ба ман кӣ духтар медиҳад, на мол ва на ҷой - дорам. Пас рӯзи дигар гузашт, Расули Худо боз ҳамон суолро такрор кард ва Ҷулайбиб боз ҳамон ҷавобро дод. Бори дигар саволаш карданд аз хонадоршавии ӯ, аммо ҳамоно посухаш низ инчунин аз нодорӣ буд. Пас расули Худо гуфт: Эй Ҷулайбиб бирав, ба хонаи фалонии ансорӣ ва бигӯй барои онҳо. Расулуллоҳ салом гуфт, барои шумоён ва талаб кард аз шумоён то духтари худро ба занӣ ба ман диҳед.

Ин ансорӣ аз хонаводаи шариф буд, оилаи обрӯманд, пас Ҷулайбиб рафт ва дарро кӯфт ва он чӣ Расули Худо гуфта буданд, гуфт. Ансорӣ ҷавоб дод. Ба Расули Худо салом, лекин чӣ тавр ба ту бидиҳам, на мол, на ҷой дорӣ? Зани ансорӣ ҳам мешунавад ва тааҷҷуб афтида мепурсад. Ҷулайбиб на молу на ҷой дорад?. Духтари мӯъминаи онҳо мешунавад ва хабари фиристодани Расули Худоро мешунавад ва ба падару модараш арз мекунад: Оё талаби расули Худоро бармегардонед? Не, қасам ба номи Аллоҳ ин тавр накунед.

Пас, розӣ гаштанд ва тӯйи муборак ва фарзандони муборак ҳосил шуд. Рӯзе мунодие нидо кард ба ҷиҳод, ки Ҷулайбиб ҳам ҳозир гашт ва бо дасти худаш ҳафт кофирро ба қатл расонид ва худ ҳам шаҳид гашт. Розӣ буд аз ҳаёташ, аз Худояш ва аз расулаш ва дар роҳе, ки кушта шуда буд. Пас кофтуков

карданд ҳабиби Худо шаҳидонро ном ба ном хабар доданд, лекин Ҷулайбиб набуд, зеро фаромӯш карданд ва ҳам машҳур ҳам набуд. Аммо расули Худо ӯро фаромӯш намекард ва дар издиҳом мегуфт: Ман Ҷулайбибро кофта истодаам, пас Расули Худо (с) Ҷулайбибро меёбад, ки бо хок оғӯшта буд. Хокҳои рӯяшро пок мекунад ва мегӯяд: ба қатл расонида, ҳафт касро пас кушта шудӣ, ту аз ман, ман аз ту. Ту аз ман, ман аз ту. Ту аз ман, ман аз ту.

Оре, қиммати Ҷулайбиб имонаш буд, дӯстдории ҳабибаш буд ва роҳе, ки аз барои он шаҳид гашт. Камбағалиаш, нобудиаш, оила надоштанаш ӯро боз надошт аз ин шарафи бузург. Пас ин сухани ҳабиби Худо барои ӯ кифоят буд, барояш ҷоизаи беҳтарин буд. Шаҳрдатро сазовор гашт, ризоро, хушбахтии ин дунёву охиратро. Албатта, киммати ту дар маънои бузурги туст, дар сифати хубу аълои туст. Албатта, саодати ту дар донистани ту чизҳоерост ва эҳтимоми ту фазилатҳоерост. Хушо бар ҳоли касе, ки киммати худро дарёфтааст. Хушо ба касе, ки хушбахт гардонидааст худашро бо амалҳои бузургаш. Хушо бар ҳоли касе, ки хушбахт гаштааст, дар дунё ва охират.

## ТАБАССУМ ДАР АВВАЛ

Аз ҳусни толеъ ва муқобилаи хуб, табассуми зан ба шавҳараш ва шавҳар бо занаш. Пас ин табассум эълони аввал мебошад, аз барои мувофиқат ва дӯсти Расули Худо мефармоянд:

*"Бехтарини шумо касест, ки беҳтарин барои аҳлаш бошад ва ман беҳтарини шумоям барои аҳрам".*

Ва дар вохӯрдан бо салом ва баргардонидани он. Ва аз саодати оила мулоимӣ ва хушрафторӣ аз ҳарду тараф. Эй кош мард ва эй кош зан ҳардуи онон ҳам дур мекарданд сухани бадро ва изои якдигарро, эй кош ҳарду ба ҷониби хуб ва рафтори неки якдигар нигоҳ мекарданд ва нигоҳ намекарданд ба камбидуҳои инсонӣ, ки дар табиати инсонӣ вуҷуд дорад ё баъзе хулқи бадро ба эътибор намегирифтанд. Агар мард ҳисоб бикунад, некиҳои занашро ва ба эътибор нагирад, баъзеи камбудиашро хушбахт мегардад. Ҳабиби Худо мефармоянд.

*"Бад набинад мӯъмине мӯъминазанро, агар бад бинад хулқеро розӯ мегардад ба хулқи дигари ӯ"*.

Аксари мушкилоти хона сар мезанад аз баъзе чизҳои ночиз. Даҳҳо ҷудоиҳоро иштирок кардам, ки бо сабаби андаке мебошад. Мисол, хона ба тартиб наоварда, ё таом дар вақташ пухта нашуда ё зан мегӯяд меҳмон бисёр меорӣ ва ғайраҳо.

Ва ҳамин корҳост, ки сабаби хонавайронӣ ва зиндаятим гаштани фарзандон мегардад. Пас лозим аст барои мо дар воқеияти худ ё дар ҳолати худ зиндагӣ бикунем ва аз хаёлот худро дур бигирем, ба монанди ин, ки фалонӣ зан ҳамин хел либос харид. Ман ҳам бояд бихарам, ё ҳамин тавр хона доранд, мо ҳам бояд дошта бошем. Пас ҳамаи мо башар ҳастем, гоҳе ғазаб мекунем. гоҳе хато мекунем, ё занҳои мо гоҳе ғазаб мекунанд ё гоҳе хато, пас барои ҳарду тараф лозим аст, бардошт кунем, гоҳе сабр бикунем гоҳе ва ба тарафи хубаш нигоҳ. Имом Аҳмад ибни Ҳанбал баъди вафоти ҳамсараш мегӯяд: Чил сол бо ӯ хона кардам ягон маротиба ба коре ихтилоф

накардем. Пас барои мард ҳам лозим аст сукут кунад, вақте занаш ғазаб мекунад ва зан ҳам сукут бикунад вақте шавҳараш ғазаб мекунад, ҳатто то ором гаштан ва аз изтироб дур гаштан.

Ибн Қаюми Ҷавзӣ мегӯяд: Вахте бидидӣ шавҳарат газаб кард ва суханҳои нолоик гуфт, парвое накун ба сухани ӯ, рад накун, зеро ӯ дар ҳолати газаб монанди маст аст, намедонад чӣ мегӯяд, балки сабр кун як лаҳза бошад ҳам, зеро ту бо ӯ баробар нагардӣ, гӯё оқиле ҳастӣ бо девонае рӯбарӯ гаштӣ, пас ба чашми раҳмат интизор шав, то ин ки ғазабаш равад пас вақте ба худ меояд, пушаймон мегардад, ба он чӣ карда буд ва гуфта буд.

Ин ҳолат на балки барои зан дар ҳолати ғазаби шавҳараш лозим, балки ба фарзанд ҳам дар ҳолати ғазаби падар лозим аст, ки ба ҷо биёрад. Лекин аксари одамон ба мухолифи ин амал мекунанд. Вақте ғазабкардаро мебинанд, як ба як бо ӯ муқобил мешаванд. Он чӣ мегӯяд, мегӯянд, он чӣ мекунад, мекунанд. Ин аз рӯи ҳикмат нест, балки ҳикмат сабр ва бардошт бо каси ба ғазабфурӯ рафта.

## ҲАРИС БОШ БА АМАЛЕ. КИ РОҲАТ МЕКУНИ

Ибни Таймия мегӯянд: Маро беморие сар зад. Табиб бароям гуфт: Хондану мутолаат бемории туро зиёд мегардонад. Гуфтам, сабр карда наметавонам ва муҳокима мекунам бо ту, ки хондан барои ман зарар надорад, балки фойда. Пас, табиб гуфт чӣ тавр? Гуфтам: Оё нафс хурсанд намешавад аз чизе, ки роҳат бикунад, қавӣ гардад ва бемориро аз бадан дур

гардонад? Гуфт: Оре. Пас хурсандию роҳати ман дар талаби илм аст, пас гуфт, ин аз илоҷи мо берун аст.

## ДУСТОНИ ХУДО КИСТАНД?

Сифатҳои дӯстони Худо ин аст, ки бо интизории том азон ва даъват ба намозро пешвоз мегиранд. Вақте дар такбири эҳром дар сафи аввал ҷой мегиранд, дили эшон аз ҳар намуди чиркинӣ тоза шуда, худро беҳтарин ва хушбахттарин эҳсос мекунанд. Дар амал татбиқ кардани фарзҳои Худо ва суннатҳои набавӣ, бисёр зикр кардан, ҳалол хӯрдан, суханҳои бемаъноротарк кардан, ба будааш қаноат кардан, таълими Қуръону ҳадис кардан, чеҳракушод будан, дар мусибату балоҳо собир будан аз корҳои ҳамешагӣ ва пайвастаи эшон аст, ки бешак дӯстони Худо маҳсуб мешаванд.

Миёнаҳол зиндагӣ кардан афзал ва хуб аст, на бойи роҳгумзада ва Худоро фаромӯшкарда ва на камбағали талабанда ва аз ҷой монда, балки оне, ки кифоят ҳаст, шифоят ҳаст, ба касе мӯҳтоҷ нагардӣ ва дарёфтат ба зиндагиат мерасад.

Пас кифояти чист? Кифояти он аст, ки хона дошта бошӣ, то дар он зиндагӣ бикунӣ, зане дошта бошӣ, то бо ӯ ҳамроз бошӣ ва маркабе дошта бошӣ, то бо он корҳоятро бикунӣ ва моле барои зиндагӣ ва қазои ҳоҷат дошта бошӣ, ин худ кифоя аст.

## АЛЛОҲ РИЗҚ МЕРАСОНАД АЗ ОНЕ, КИ ГУМОНБАР НЕСТЕМ

Зикр карданд Танавухи дар китоби "Наҷот баъди шиддат". Марди фақире буд, ки дар хонааш аз анвоъи

хӯрданӣ чизе намонда буд ва зиндагӣ барояш басо танг гашта буд Субҳе мехезад дар хона чизе надорад ки аз пеш ҳам чизе нахӯрда буд. То бегоҳ сабр кард, илоҷе намонд. Занаш гуфт, ки бихез аз пайи кофтукови таъоме шав, ки ба марг наздик шудем. Ба хонаи зани ҳамсоя рафт, арзи гуруснагии хеш пеш овард. Зани ҳамсоя низ аз нобуди маводи гизой шикоят кард ва гуфт, ки дар хона ба ҷуз як моҳии бӯйкарда чизе нест. Мард гуфт, ки ҳамонро бошад ҳам деҳ, ки ба марг наздик шуда истодаем. Пас моҳиро гирифт, ба хона овард ва шикамашро кафонд, ки аз дохили ӯ лӯълӯъе (санги қиматбаҳо) ёфт ва ба ҳазор динор фурӯхт ва ба он зани ҳамсоя хабар дод. Ӯ гуфт, ман намегирам, магар каме насибамро диҳед мешавад. Сипас қисмате аз он ба ҳамсоя дод ва бой гашт ва хонаҳояшро ислоҳ кард ва ҳолаташ низ хуб гашт ва ризқаш васеъ гашт ва ин буд лутфу меҳрубонии Худо бар ин оила.

## ӮСТ, КИ БОРОНРО МЕРЕЗОНАД

Яке аз обидон ва фозилон дар саҳрое, ки мобайни кӯҳ буд, бо аҳлаш зиндагӣ мекард, марди зокир ва худопарасти қаноатманд буд. Рӯзе обҳо хушк гашт ва чоҳ ҳам хушк шуд. Ба ҳар тараф, чапу рост гашт, обе наёфт. Пас худ мегӯяд: "Ташна гаштам. Тифлаконам аз ташнагӣ фарёд мекарданд. Пас ба хотирам Парвардигори соҳиби иззат расид, ки У наздик аст кдбулкунандаи дуост, пас хестам таяммум кардам ва рӯй ҷониби қибла йамоз хондам ду ракаъат ва дастонамро боло бардошта, гиря кардам, ашки чашмонам мерехт, зорӣ мекардам Худоро. Пас қасам

ба номи Худо, ки аз ҷоям нахеста, абр намудор гашт ва борон борид, ҳатто ҳама чоҳҳо пури об гаштанд, бо хурсандӣ нӯшидем, оббозӣ кардем ва таҳорат кардем ва Худоро ҳамд гуфтем. Пас ба коре дигар, ба водии Ҳамсоя рафтам, кионҷо ҳаҳтӣ обе нест. Пас донистам, ки Аллоҳ он боронро бо дуоям ба водии ман фиристода будааст, пас ҳамд ва шукр гуфтам худоро.

## ҚИССАЕ МАРҶОНЁФТАИ ХУДОТАРСЕ

Зикр карданд ибни Раҷаб ва дигарон, ки дар Макка обиде буд, нафақааш ба охир расид ва сахт гурусна шуд. Пас дар кӯчаҳои Макка давр мезад, ки ногоҳ марҷони қимматбаҳое ёфт. Ба кисааш андохт ва ба ҳарам омад. Ногоҳ мардеро дид, ки аз ҳамон марҷон пурсон аст, пас омад ва сифатҳояшро пурсид, ки ҳама сифатҳои ӯро баён кард. Марҷонро дод, то ба ӯ каме чизе бидиҳад. Аммо он мард аз хурсандӣ марҷонро гирифт ва ба ҳеҷ ҷой нигоҳ накарда рафт. Динор ё дирҳаме ҳам надод, пас гуфт: Эй бор Худоё, ман он марҷонро барои ризогии ту додам, пас аз он беҳтарашро бирасон. Баъди каме ба баҳр омад, то ба маконе равад, ки ногаҳон шамоле дар назди ҷазирае ба по хест ва киштиро вожгуна кард, пас ин мард болои тахтае шино карда, ба ҷазира омад ва он ҷо масҷиде дид ва рафт, то намоз хонад, пас намоз хонд ва варақаҳои Қуръон, ки дар масҷид бидид, гирифт ва хонд. Пас мардуми ҷазира гуфтанд, оё ту Қуръон хонда метавонӣ? Гуфт, оре. Пас гуфтанд, фарзандони моро Қуръон омӯз, пас розӣ гашт ва онҳоро бо музд Қуръон меомӯхт. Ҳунари хаттотию навиштан низ медонист, эшонро ба ин ҳам омӯзонид.

Рӯзе барояш мардуми он ҷо гуфтанд. Ин ҷо ятимдухтаре ҳаст, ки падараш марди солеҳ буду вафот кардааст, оё ӯро ба занӣ мегирӣ? Розӣ гашт ва баъди тӯй он марҷоне, ки дар Макка ёфта буд, дар гардани он духтар бидид. Қиссаи марҷонро пурсид, пас зикр кард ва гуфт, ки падарам дар Макка гум кард ва марде ӯро ёфта дод, падарам ҳамеша дуо мекард, ки барои духтарам мисли ҳамон мард шавҳаре расон. Пас гуфт, ки он мард худи ман ҳастам.

Пас бо роҳи ҳалол соҳиби марҷон ва хӯҷаини духтар гашт. Зеро тарк кард барои ризогии Аллоҳ ва Аллоҳ аз он беҳтарашро бар ӯ дод.

## ВАҚТЕ МЕПУРСӢ. ПУРС АЛЛОҲРО

Албатта, лутфи Аллоҳ наздик аст, Ӯ шунавост ва иҷобаткунандаи дуоҳост. Пас кӯтоҳӣ дар мост, зорӣ бикунем ва бипурсем.

Яке аз доиён дар расоилааш мегӯяд, ки марди мусулмоне ба кишваре бо зану фарзандонаш рафт ва хост аз он ҷо ҷинсия (паспорт) бигирад, лекин тамоми дарҳо пӯшида буд барояш, ҳеҷ роҳе наёфт барои гирифтан. Ҳарчандтамоми воситаҳоро пеш овард, аммо нашуд ва умедашро канд. Рӯзе бо олиме вомехӯрад ва шикоят мекунад. Пас он олим ӯро ба намози нисфи шаб раҳнамой мекунад. Мард мегӯяд, ки қасам ба номи Худо, ҳеҷ восита накардам ва ҳеҷшафоатгаре надидам ва ба намози таҳаҷҷуд шурӯъ кардам ва Худои якторо пурсон гаштам. Саҳаргоҳон дуо кардам ва рӯзе ба яке макон арз кардам ва қабул кард, бе ягон восита ё гуфтугузори бисёр, пас баъди якчанд рӯз баргаштам ба хона хурсандона бо ҷинсияи нав.

## АЛЛОҲ МЕҲРУБОМ АСТ БА БАНДАГОНАШ

Зикр кард Тановухи: Яке аз вазирони Бағдод ба зулм моли кампиреро гирифт ва ҳаққи ӯро поймол кард. Ҳарчанд кампирзан илтиҷо кард ва зорӣ кард, парвое надошт. Гуфт, қасам ба Худо дуо мекунамат. Он вазир гуфт, ки дуо бикун дар нисфи шаб ва ханда кард. Зани мазлум рафт, дуо кард, дар нисфи шаб, ки якчанд рӯз ин корро такрор мекард. Ва рӯзе нагузашта, вазир барои зулми мардум аз кор холӣ карда шуд ва тамоми молу мулкаш мусодира карда шуд ва амр карда шуд, то дар бозор байни мардум дарра зада шавад. Пас дар ҳамин ҳолат кампир ба наздаш рафт ва гуфт. Раҳмат барои ту, ки худ барои ман роҳи хубро далолат кардӣ, яъне ба намози сеяки шаб, ки беҳтарин роҳ ёфтам барои халосӣ аз золимон.

## ГОҲЕ ҶИСМ БА ИЛЛАТ ШИФО МЕЁБАД

Аҳли сират зикр кардаанд, ки мардеро дарди фалаҷ расида буд, ки дар хонааш рӯз то бегоҳ мехобид, аз ҷояш ҷунбида ва ҳаракат карда наметавонист. Табибон оҷиз гаштанд аз шифояш. Рӯзе дар хона хобида буд ва наздаш касе ҳузур надошт, ки каждуме аз шифт афтод ва ба назди сараш омад ва чанд маротиба неш зад ва рафт. Ҷисмҳояш ба ларзиш даромад ва гӯё ҳаёт аз пояш омада истодааст. Пас баъди андаке нигоҳ кард, ҷисмҳояш ба ҳаракат даромаданд. Ва аз ҷой хест ва дарро кушода ба берун баромад. Вақте ин ҳолатро фарзандонаш мебинанд, дар ҳайрат меафтанд ва аз хабар огоҳӣ меёбанд.

Ба покӣ ёд мекунам Аллоҳро, ки шифои ин мардро дар неши каждум қарор додааст. Зеро Аллоҳ ҳар дардро бо ҳамроҳии шифояш ба бандагонаш мефиристад

## ТАЪОМИ ПОК ДУОРО МУСТАҶОБ МЕКУНАД

Саъд ибн Абӣ Ваққос ба ин ҳақиқат сазовор гашта буданд. Зеро Расули Худо дар ҳаққи эшон дуо карда буданд. Саъд якэ аз башоратдодагони даҳнафара ба ҷаннат буданд, Ҳабиби Худо дуо карданд, ки тирашон хато нахӯрад ва дуояшон қабул гардад.

Рӯзе Умар баъзе саҳобагонро ба Кӯфа фиристоданд, то аз адли Саъд бипурсанд. Пас ҳамаи одамон миннтадорӣ карданд аз Саъд, ки адлро пеша кардааст. Лекин дар масҷиди бани Аббос марде хест ва гуфт. Оё Саъдро аз ман намепурсед. Ӯ дар ҳукм адл намекунад, баробар ҳукм намекунад ва бо ҳамроҳи раъият намегардад. Пас Саъд (р) гуфтанд, агар инро барои худнамоиш гуфта бошад, кӯр кун чашмонашро ва дароз кун умрашро ва ба фитна дучораш кун. Пас умри ин мард дароз шуд ва чашмонаш кӯр шуд ва дар кӯчаҳои Кӯфа ба деворҳо худро зада мегашт ва мегуфт:

Пири девона, ки расидааст дуои Саъд.

Оре, ин алоқаи сахт ба Худованд, нияти содиқ ва боварӣ ва ваъдаи Худозанд мебошанд. Дар Сияри Аъломи Нубало омадааст, ки марде Алӣ (р)-ро ҳақорат ва дашном мекард. Пас дифоъ карданд Саъд (р) аз пушти Алӣ (р). Лекин он мард ҳақорату дашномро давом медод. Пас Саъд гуфтанд: Эй бор Худоё, кифояти кун инро бо хости худат. Пас дере

нагузашта шутуре омад тозон ба чизе нигоҳ намекард. Ба даруни мардум даромад ва ба назди ин мард омад ва ӯро зер кард, ҳатто ин ки ба қатл расонид дар назди шоҳиди бисёр.

Ман ин қиссаҳоро овардам, то имони ту зиёд гардад, ба ваъдаҳои илоҳӣ, ки Ӯ наздик аст, то ин ки дуо кунӣ, пурсӣ ӯро дар неъмату дар ҳолатҳои тангиат. Ва бояд бидонӣ, ки дуои дӯстони Худо низ ҳамеша мустаҷоб мешавад. Пас чаро нашавад ки ту низ яке аз дӯстони Худо бошӣ? Зеро Худованд дӯст медорад туро. Бархез камари ҳиммат ба муҳаббати Худованд бибанд.

Рӯзе фарёд кард Ҳаҷҷоҷ, Ҳасани Басриро ба наздаш, то сарзаниш ва зулм кунад. Пас Ҳасан Худоро таваккул кард ва ӯро дуо карданд бо номҳои аъзамаш, ки Худованд дили Ҳаҷҷоҷро дигаргун кард Пеш аз омадани Ҳасани Басрӣ ба пешвозашон баромад ва бо эҳтироми зиёд ба наздаш даровард ва ба ришҳояшон хушбӯй зад, суханони хуб гуфт ва бо хубӣ гуселонид. Пас ин нест магар тасхири Раббулиззати вал ҷалол?

Сулаймон (а)-ро Худованд дониши забони паррандагон ва хазандагону даррандагонро дода буд Рӯзе бо лашкари зиёд ва мардуми бисёр ба намози истискр баромаданд (яъне талаби борон). Ва дар роҳ ба сӯи намозгоҳ мӯрчаеро бидиданд, ки ду пояшро бардошта, дуо мекард ва аз Худои меҳрубон боридани боронро мепурсид. Пас вақте Сулаймон ин ҳолатро бидиданд, гуфтанд ба одамон: ба оқиб баргардед, бо дуои ғайратон кифоят карда шудед. Яъне бо дуои мӯрча муроди шумо ҳосил гашт. Пас

бештари ҳолатҳо лутфу меҳрубонии Худованд бо сабаби ҳамин хел ҷонварони хурду калон меояд.

Зикр карданд Абӯяъло дар асари қудсӣ, ки Аллоҳ азза ва ҷалла мегӯяд:

*"Ба иззатам ва ҷалолам агар пирамардони ҳамида кӯдакони ширхор, ҳайвоноти чаранда намебуданд, боз медоштам аз шумоён қатраи боронро".*

## ЧУН КӮҲИ УҲУД УСТУВОР БОШ

Устуворӣ, мустаҳкамӣ ва иродаи қавӣ яке аз табиат ва хислати хоси мӯъминон аст. Барои ту лозим аст эй бародар ҳар вақте кореро аниқ бидонӣ, ки амалишаванда аст ва бештари гумонат ғолиб ояд, яқин гардад, ки ту аз он зараре намебинӣ, пас ба он кор иқдом намо. Марде занашро талок карданӣ мешавад ва боз мегардад ба назди ҳакиме ва шикоят кард. Ҳаким пурсид, ту чанд сол аст, ки бо ин зан хонадорӣ? Гуфт: Чаҳор сол. Ҳаким гуфт: Чаҳор сол аст, ки ту заҳр мечашӣ.

Дуруст аст, ки ин ҷо сабри мард ва таҳаммулии мард хуб аст, лекин то кай ин амр давом мекунад, пас таъкид кунад тамом мешавад ё не. Бо ӯ оиладорӣ ислоҳ мешавад ё не, пас ба як қароре биёд. Пас аз сират ва ҳаёти одамон маълум мешавад, ки ҳайрат ва тараддуд аз ҳар тараф мешавад. Лекин аксаран дар чор мавзеъ мебошад:

1. Дар дарс ва ихтиёри тахассус намедонад, ки ба кадом қрсм дарояд, пас як муддат ҳайрон мегардад. Медонам донишҷӯёне, ки солҳояшонро гум кардаанд бо ин ҳайрат ва тараддуд. Ба факултае дохил

мегарданд, як ду сол мехонанд, маъқул намешавад ба факултаи шариат медарояд, он ҷо каме боқӣ мемонад, пас ба иқтисод медарояд, он ҷо намефорад, баъд ба факултаи тиб медарояд. Ҳамин тавр умраш беҳуда мегузарад. Агар пеш аз он, ки ба факултете дарояд, маслиҳат кунад, Худоро бипурсад, ки барои ӯ роҳи ҳалле ёфта диҳад ва ба роҳи безарар раҳнамунаш созад, дар аввали кораш эҳтиёт кунад, пас дар он сурат ба як тахассуси муайяне ноил мегардад.

2. Амали муносиб, баъзеҳо намедонанд барояшон кадом амал муносиб аст. Ба вазифае мечаспад, пас тарк мекунад ба ширкате медарояд, пас хуш намеояд, ба тиҷорат даст мезанад, пас аз ӯҳдаи он низ намебарояд, ба нобудиву камбағалӣ рӯбарӯ мегардад ва дар сафи бекорон дохил мегардад. Барои ин тавр одамон мегӯем, агар дар коре барои ту дари ризқ кушода шавад, ҳамонро мустаҳкам дор, пас касе кореро устувор қапид, барои ӯ осон мегардад касби ризқаш.

3. Зан гирифтан. Бештар вакт ҷавонон дар изтироб меафтанд ва ҳайрату тараддуд фаро мегирад, вахти ихтиёри зан. Ба мисли инаш безеб, онаш бемаънӣ, саввумӣ бешарм, ҳатто муддате аз умр мегузарад.

Ё баъзе вақт фикрҳо гуногун мешавад дар ихтиёри зангирӣ. Оне, ки падар мехоҳад, писар хуш намекунад, оне, ки писар хуш дорад, модарро хуш нест. Пас ҳосил мегардад баъди издивоҷ бедиливу хуш накардан. Барои чунин одамон мегӯям, ягон хусусиятро пеш наоранд, магарам ягона хусусияте, ки роҳати онҳост соҳиби дину хулқи хуб ва

мувофиқат. Пас модоме, ки диндор аст, хулқу рафтори хуб дорад, пас таваккул бикун ва бигир. Зеро масъалаи издивоҷ масъалаи хариду фурӯш нест, ки имрӯз мисли пойафзоле бихарӣ ва агар пагоҳ танг ё калон бошад, бурда ба мағоза супорида, ба ҷояшро дигарро бигирӣ

4. Масъалаи талоқ. Бештаре дар ин кор дар ҳайратанд, рӯзе мебинӣ ҷудо, рӯзе боз зиндагӣ карда истодаанд. Шояд борҳо талоқ мекунад, бозоштӣ. Ба Худо ва шариъати поки Ӯ бозӣ карда намешавад, чуноне бо тифлакон бозӣ мекунанд.

Умр як бор аст, рӯзҳоят дигар барнамегардад, соатҳо такрор намешавад. Пас барои ту лозим аст, то хушбахтона ҳаёт барӣ, модоме, ки ҳеҷ илоҷе дарнаёфтӣ, сулҳи чандбора фоида надод, пас худатро ва шарики ҳаётатро дар азоб нагузор ва фикри муайянеро пеш гир. Аз ҳама муҳим устовор бош, мисли кӯҳи Уҳуд.

## РОҲАТ ДАР ҶАННАТ АСТ

Худованд дар каломи раббониаш мефармояд:

*"Ҳароина офаридем инсонро дар машаққат".*
***(сураи Балад, ояти** 4)*

Мегӯянд, аз Аҳмад ибн Ҳанбал пурсиданд, ки инсоният кай ба роҳати ҳамешагӣ дастёб мешавад? Гуфт: Вақте поятро ба ҷаннат гузоштӣ, пас бидон, ки он ҷо роҳат мекунӣ. Бармеояд, ки пеш аз ҷаннат роҳат нест, зеро дунё ҷои ғавғову дасиса, фитнаву мусибат, бемориву ғаму андӯҳҳост. Маро рафиқи дарсиям аз Нигерия, ки соҳибу сидқу амонат буд гуфт. Модарам ҳар шабе ба намози нисфи шаб бедор мекунад. Боре

гуфтам, модарҷон гузоред каме роҳат кунам. Гуфт, қасам ба Худо, ман туро барои роҳатат бедор карда истодаам, пас вақте ҷаннат рафтӣ, роҳат кун.

Масруқ ном олиме буд, ки, дар саҷда хобаш мебурд. Боре рафиқонашон гуфтанд, каме роҳат деҳ нафсатро. Дар ҷавоб гуфт, ки роҳаташро мехоҳам, яъне ҷаннатро. Ононе, ки шитоб мекунанд, роҳатро ба тарки намоз ё воҷибе, ба таҳқиқ шитоб мекунанд ва ба сӯйи азоби аламоваре худ бо пойи худ медаванд. Балки роҳат дар адои амали солеҳ аст, дар гузаронидани ваҳт ба наздикшавии Аллоҳ ҳақ субҳонаҳу ва таъолост. Албатта, кофир мехоҳад насибашро дар ин дунё ва роҳаташро ин ҷо бигирад. Чуноне Худоваид мефармояд, ки кофирон мегӯянд:

*"Эй Худои* **мо**, *шитоб кун барои* **мо** *насибаамонро пеш аз рӯзи ҳисоб"*

***(сураи Сот, ояти 16)***

Яъне насиби мо ризқи моро пеш аз қиёмат бидеҳ бо фаровонӣ. Пас барои онҳо дар охират насибае нест, магарам азоби ҷонсӯз. Пас ҳамин тавр аст дунё, ки рӯзе фаношаванда, ки дохили ӯ неъмату сахтӣ, оромиву ноором, бойиву камбағапӣ вуҷуд дорад.

Таммат би изни Раббил аршил азим.

## БА ҶОЙИ ОХИРСУХАН

Баъди мутолиъаи ин китоб, ба натиҷае расидам, ки инсониятро низ Худованд чанд фирқа офаридааст. Касеро аз ҷаннати ин дунё маҳрум сохта, биҳишти охиратро арзонӣ фармудааст. Аммо бархи дигарро аз биҳишти охират маҳрум сохта, биҳишти ин дунёро додааст. Аммо як бархи дигаре низ ҳастанд, ки ҳам аз биҳишти ин дунё ва ҳам аз биҳишти охират комилан маҳруманд, ҳамеша дар азоби ин дунё ва охират гирифторанд.

Аммо эй ононе, ки ин сатрҳоро мехонед, бидонед, аз ҳама боз муҳимтар фирқаеро низ Худо офарида, ки эшон ҳам дар ин дунё дар биҳиштанд ва ҳам дар охират роҳатҳои ҷаннат-ул-фирдавсро шарафёб мешаванд. Ин гуна афрод саодатманди дунёву охиратанд, ки роҳи некеро дар дунё ба худ касб кардаанд ва ҳам аз тоъату ибодати Худованд нофилгир нестанд. Хушо ба ҳоли чунин афрод. Бидон, ки Худованд туро дар ду дунё саодатманд гардонидааст, пас бихез рӯй ҷониби Худованд гир ва аз Ӯ пурсон шав,ки ба ту неъмати ду дунёро арзонӣ дорад. Ӯ медиҳад, бедареғ ва беминнат медиҳад. Танҳо бо ихлос аз Худованди беминнату беиллат пурсон шав.

Дӯст ва бародари арҷманди мо Ҳоҷӣ Муҳаммадхӯҷаи Ҳикматзод дар тарҷумаи ин китоб заҳмати зиёде ҳузури Худованд ва бандагони ӯ кашидааст ва бешак кӯмаке бо изни Худо хоҳад буд, ки хонандаи азиз ғаму ғуссашро фаромӯш созад ва ҳангоми мусибат пайваста бо ёди Худой бошад.

Валлоҳу аълам биссавоб!

*Набиюллоҳи Суннатӯ*

# ***Ғамгин машав***

*гулчине*

*аз китоби Оизи Қаранӣ*

Муҳаррир ва коркарди адабӣ:
**Набиюллоҳи Суннатии Чоркӯҳӣ**
Мутарҷим:
**Муҳаммадхӯҷаи Ҳикматзод**
Ҳуруфчин ва мусаҳҳеҳ:
**Гулҷаҳони Турсунзода**
Веростор:
**Ҳалимҷон Ҳомидов**

Макони чоп: ш. Душанбе ҶДММ "Сафват"
Адади нашр: 1000 нусха